**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА»**

ТДУ 16 (575.3) «1960/1990»

Бо ҳуқуқи дастнавис

Нодирзода Сайзароб Сайали

# ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ РАВАНДҲОИ БИБЛИОГРАФИЯИ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ ШУРАВӢ (солҳои 1960-1990): ДАСТОВАРДҲО ВА МУШКИЛОТ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Шосаидзода С.Ҳ.

**Душанбе – 2025**

# МУНДАРИҶА

**Феҳристи ихтисораҳо**............................................................3
**Муқаддима**..........................................................................4

**БОБИ I. Пайдоиш, таҳаввул ва рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990**..............23
1.1. Заминаҳои пайдоиш, таҳаввул ва рушди назарияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990............23
1.2. Фаъолияти Палатаи китобҳои Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи давлатӣ дар солҳои 1960-1990..........52

**БОБИ II. Равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990**......89
2.1. Рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар солҳои 1960-1990......................................................................89
2.2. Равандҳои рушди библиографияи тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990....................................................................120
**Хулоса**........................................................................141
**Адабиёт**......................................................................151
**Замимаҳо**....................................................................183

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

**АБК** – Абонементи байни китобхонаҳо

**АМСБРСК – ХКТ** – Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон

**ББТ** – Библиографияи библиографияи Тоҷикистон

**ВФ ҶТ** – Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДМБ** – Дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ

**ДДФСТ** – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода

**ИҶШС** – Иттифоқи ҷумҳуриҳои шуравии сотсиалистӣ

**КДПТ** – Китобхонаи давлатии патентӣ-техникӣ

**КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ** – Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ

**КДБҶ ба номи М. Миршакар** – Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар

**КИ ДМТ** – Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**КМ ҲКИШ** – Комитети марказии Ҳизби коммунистии Иттифоқи Шуравӣ

**КМИ ба номи И. Ганди АМИТ** – Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**КМТ** – Китобхонаи миллии Тоҷикистон

**КҶИТТ** – Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон

**ПДКТ** – Палатаи давлатии китобҳои Тоҷикистон

**ПИТФИ** – Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот

**РСС Тоҷикистон** – Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон

**СМК** – Системаи марказонидашудаи китобхонаҳо

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқот.** Омӯзиши марҳилаҳои мухталифи таърих, ҳифзу гиромидошти хотираи таърихӣ ва огоҳ будан аз ҳақиқати таърихӣ бевосита ба раванди худшиносии миллӣ шароит муҳайё месозад. Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо бамаврид таъкид кардаанд: «Дар давраи муосир, ки густариш додани равандҳои ташаккул ва таҳкими худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеаи мо мебошад, ниёзмандии мардуми кишварамон ба эҳё ва барқарор кардани хотираи таърихӣ, осори фарҳангӣ ва илмии гузаштаи халқамон беш аз пеш эҳсос мегардад»[1].

Воқеан, баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва таъсисёбии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Тоҷикистон низ чун дигар кишварҳои пасошуравӣ истиқлолият ба даст оварда, дар сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадамҳои устувор гузошт. Ин раванд тақозо намуд, ки арзишҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии замони шуравӣ бо дарназардошти талаботи даврони соҳибистиқлолӣ таҷдиди назар шаванд. Дар ин робита таваҷҷуҳ ба омӯзиши таъриху фарҳанги халқи тоҷик афзуда, дар заминаи он таҳқиқи даврахои ташаккул ва рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990-ум мубрамиятро касб кард ва имкон дод, ки муҳаққиқону муаррихон ба саҳифаҳои таърихи гузаштаву имрӯза, дастоварду проблемаҳо ва норасоиҳо аз нуқтаи назари нав назар афкананд.

Таҳқиқи вазъи пажуҳиши мавзуи интихобшуда нишон дод, ки то кунун дар илми таърихи библиографияи тоҷик марҳилаҳои ташаккул, инкишоф ва мушкилоту дастовардҳои библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990-уми асри XX мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Илова бар ин, аксарияти асарҳои доир ба мавзуъ ихтисосдошта аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво куҳна шуда, ба саволҳои гузошташуда посуххои мувофиқ намедиҳанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи библиографияи тоҷик дар

[1] Раҳмон, Э. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат дар мавзуи «Ҷомеа ва рисолати зиёӣ», 20.03.2009, шаҳри Душанбе [Манбаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/305 (санаи истифода 10.03.2022).

солҳои 1960-1990-ум саривақтӣ буда, барои муайян намудани дурнамои рушди библиография чӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва чӣ аз ҷиҳати таърихӣ аҳаммияти илмию амалиро доро мебошад.

Муҳим будани таҳқиқи мавзуи мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтани таҷрибаи фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ дар солҳои 1960-1990-уми асри ХХ барои асоснокнамоии таърихи падидоӣ, марҳилаҳои инкишофи назария ва амалияи библиографияи тоҷик шароит фароҳам оварда, ҷиҳати муайяну мушаххас намудани мушкилоту дастовардҳо ва дурнамои рушди он мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, мубрамияти таҳқиқот дар баррасӣ ва таҳқиқи масоили зерин зоҳир мегардад:

– якум, мавриди омӯзишу ҷамъбаст қарор гирифтани фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографии Тоҷикистони шуравӣ дар самти китобноманигории осори чопӣ барои таърихнигории давраҳои асосии рушди библиографияи тоҷик ҳамчун асос замина мегузорад;

– дуюм, бори нахуст фаъолияти муассисаҳои давлатӣ, ки тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ нусхаҳои ҳатмии ҳуҷҷатҳоро дар ин солҳо қабулу баҳисобгирӣ ва нигоҳдорӣ мекунанд ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми библиографияи миллии тоҷик баррасӣ мешавад;

– сеюм, таҳқиқот барои муайян намудани арзиш ва мавқеи тафаккури библиографӣ дар инкишофи назария ва амалияи соҳа, мусоидат менамояд;

– чаҳорум, омӯзиш ва таҳқиқи осори библиографии дар солҳои 60-90-уми асри ХХ интишорёфта барои таснифи дастурҳои библиографӣ аз рӯйи мазмун, намуд, шакл ва жанр шароит муҳайё месозад;

– панҷум, таҳлили нашриёҳои библиографӣ ҷиҳати муайян ва муқоиса намудани вазъи воқеии нашри китоб дар ҷумҳурӣ ва инъикоси он дар дастурҳои библиографӣ мусоидат менамояд.

**Дараҷаи омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ.** Доир ба масоили таҳқиқот аз ҷониби олимони рус: О.П. Коршунов, М.Г. Вохрышева, А.И. Барсук, Д.Ю.

Теплов, М.А. Брискман, Д.Я. Коготков, Э.К. Беспалова, И.Г. Моргенштерн, Б.Т. Уткин, А.А. Гречихин, Г.Л. Левин, муҳаққиқи белорус В.Е. Леончиков, муҳаққиқи туркман А. Язбердыев ва олимони тоҷик: Р. Шарофзода, А.Ҳ. Раҳимов, Н.А. Сайфулина, Г.А. Мушеёв, С.Р. Муҳиддинов, А.Ю. Юнусов, Ш.К. Тошев (Комилзода), Қ.Б. Бӯриев (Қ. Абдураҳимзода), Л.Г. Козырева, З.М. Шевченко, Қ. Авғонов (Қ. Ғуломзода), С. Ғуломшоев, мутахассисони варзидаи соҳаи китобдории тоҷик Р.О. Талман, Л.В. Турсунова, Г.Б. Маҳмудов ва дигарон асарҳои ҷудогона ва мақолаҳои зиёди илмӣ таълиф шудааст.

Аз ҷумла, дар таҳқиқоти мо, такя ба асарҳои олимони рус А.И. Барсук[2] ва М.Г. Вохрышева[3] ҷиҳати ҷудо кардани унсурҳои нисбатан устувор дар гурӯҳбандии навъҳои библиография: библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявӣ, ки ин «сегона» аз ҷониби онҳо ва дигар олимони рус пешниҳод шудааст, ҳамчун варианти маъмултарини таснифи намудҳои библиография аз рӯи таъйини ҷамъиятӣ пазируфта шуд.

Дар Тоҷикистон доир ба масъалаҳои библиографияи тоҷик, аз ҷумла таърихи библиографияи тоҷик дар даврони шуравӣ рисолаҳои номзадии Р. Шарофзода, А. Раҳимов, Ш. Тошев (Ш. Комилзода), С. Муаззазов, С. Муҳиддинов ва Қ. Бӯриев (Қ. Абдураҳимзода) бахшида шудаанд.

Дар рисолаи номзадии Р. Шарофзода[4] бори нахуст масоили назарияи библиографияи адабӣ ва адабиётшиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои инъикоси адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносӣ дар дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии то солҳои 60-уми асри XX интишорёфта, таҳқиқ шудаанд.

---

[2] Барсук, А. И. Библиографоведение в системе книговедческих дисциплин. – М., 1975. – 206 с.

[3] Вохрышева, М. Г. Библиографическая деятельность: структура и эффективность. – М., 1989. – 199 с.

[4] Шарофов, Р. Некоторые проблемы развития национальной литературной библиографии в республиках Средней Азии (на материалах Таджикской ССР) [Текст]: автореф. дис. … канд. пед. наук: 14.00.33 / Рахимджон Шарофов. – М.: Мос. гос ин-т культуры, 1970. – 22 с.

Дар рисолаи номзадии А. Раҳимов[5] тамоми шаклу намуд ва жанри дастурҳои библиографии то солҳои 70-ум асри XX нашршуда оид ба илмҳои ҷомеашиносӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Рисолаи номзадии Ш. Тошев (Комилзода)[6] ба яке аз масъалаҳои мубрами библиографишиносии тоҷик – библиографияи адабиёт барои кӯдакону наврасон мансуб буда, дар он бори нахуст китобномаҳои барои мактаббачагон ва роҳбарони хониши онҳо (волидайн, мураббияҳои боғчаҳо, омӯзгорон, китобдорон) таъйиншуда, мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Масъалаҳои коркарди таваққуфгоҳи худкори кории библиограф-коршинос дар шароити китобхонаҳои илмӣ-техникӣ дар рисолаи номзадии С. Муаззазов мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст[7].

Муҳақиқ С. Муҳиддинов дар рисолаи номзадии худ[8] ҷанбаҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва назариявӣ-услубии библиографинамоии минётурҳои форсӣ-тоҷикиро мавриди баррасӣ қарор дода, бо дарназардошти муҳиммияти объекти таҳқиқот бештар падидоии дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони санъатшиносиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар рисолаи номзадии С. Ғуломшоев,[9] ки ба таҳқиқи таърихи китобхонаҳои ВМКБ алоқаманд аст, муҳаққиқ танҳо дастурҳои библиографии марбут ба минтақаи Бадахшонро мавриди таҳлил қарор додааст.

Масъалаи таҳқиқи таърихи таъсисёбии Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳаввули он дар давраи солҳои 1933-2013  дар рисолаи

---

[5] Рахимов, А.Х. Система библиографической информации в помощь равитию общественных наук: история, состояние и перспективы развития [Текст]: дисс. канд. пед. наук: 05.25.03 / А. Х. Рахимов. – Л., 1982. – 255 с.

[6] Тошев, Ш.К. Литературно-художественная рекомендательная библиография как средство интернационального и патриотического воспитания детей и подростков (На примере Тадж. ССР) [Текст]: дисс. канд. пед. наук: 05.25.03 / Ш. К. Тошев. – М.: МГИК, 1989. – 231 с.

[7] Муазазов, С. Разработка автоматизированного рабочего места библиографа-эксперта в научно-технической библиотеке [Текст]: автореф. дис. канд. пед. наук: 05.25.03 / С. Муаззазов – М.: МГИК, 1992. – 16 с.

[8] Мухиддинов С. Библиографирование персидско–таджикской минётуры: культурно–исторический и теоретико–методические аспекты: автореф. дис... канд. пед. наук: 05.25.03 / С. Мухиддинов. – М.: МГИК, 1993. – 16 с.

[9] Гуломшоев, С. История библиотечного дела в ГБАО [Текст]: дис… канд. ист. наук: 07.00.02 / С. Гуломшоев. – Душанбе, 2007. – 157 с.

номзадии муҳаққиқ М. Мамадазимова[10] мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар зербоби 3-юми боби дуюми диссертатсия муҳаққиқ нақши китобхонаро дар тарбияи шаҳрвандони мамлакат бисёр муҳим арзёбӣ карда, дар бораи фаъолияти библиографии китобхона дар самти таҳияи рӯйхатҳои тавсиявии адабиёт, нишондиҳандаҳои библиографӣ, ташкили картотекаҳои мавзуӣ ва иҷрои маълумотномаҳои библиографӣ маълумот додааст. Ҳамзамон, дар ин зербоби рисола муҳаққиқ қайд менамояд, ки китобхона ба хотири қонеъ намудани талаботи иттилоотии сохтмончиёни неругоҳҳои обӣ-барқии ҷумҳурӣ аз соли 1962 силсилаи дастурҳои библиографиро таҳти унвони «НОБ-ҳои Тоҷикистон» нашр менамояд[11].

Бо вуҷуди ин, дар рисолаҳои мазкур, ки масоили библиографинамоии адабиёти риштаҳои мухталифи илмро дар даврони шуравӣ баррасӣ мекунанд, ба таври мушаххас марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар давраи солҳои 1960-1990 мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Инчунин, дар таҳқиқоти анҷомёфта вазъи воқеии фаъолияти библиографии китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ва марказҳои библиографӣ дар таҳияву интишори кулли дастурҳои библиографӣ дар солҳои 1960-1990 таҳлил нашудаанд.

Маълумоти бештар оид ба фаъолияти библиографии китобхонаҳои мамлакат ва марказҳои библиографӣ дар солҳои 1960-1990 дар рисолаи номзадии Қ. Бӯриев (Қ. Абдураҳимзода) ва асару мақолаҳои ӯ арзёбӣ шудаанд. Рисола[12] дар заминаи омӯзиши осори чопӣ ва ғайричопӣ таҳлили манбаҳои библиографӣ, таърихи библиографияи кишоварзии тоҷик аз замонҳои қадим то охири солҳои 80-уми асри XX мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муҳаққиқ минбаъд низ ба омӯзишу таҳқиқи давраҳои алоҳидаи рушди на танҳо библиографияи кишоварзии тоҷик, балки библиографияи умумии тоҷик дар даврони шуравӣ таваҷҷуҳи амиқ зоҳир карда, тавассути

[10] Мамадазимова, М.М. Становление Национальной библиотеки Республики Таджикистан и её трансформация в период с 1933 по 2013 гг.: дис… канд. ист. наук: 07.00.02 / М. М. Мамадазимова. – Душанбе, 2019. – 185 с.

[11] Мамадазимова, М.М. Становление Национальной библиотеки Республики Таджикистан и её трансформация в период с 1933 по 2013 гг.: дис… канд. ист. наук: 07.00.02 / М. М. Мамадазимова. – Душанбе, 2019. – С.141-142.

[12] Буриев, К. Библиография земледельческой культуры таджикского народа: автореф. дис….на соик.канд.ист.наук: 07.00.09 / К. Буриев. – Душанбе, 2000. – 22 с.

асару мақолаҳои ҷудогона[13] мазмуну мундариҷаи библиографияи умумимиллии тоҷикро бою рангин гардонидааст. Аз ҷумла, дар мақолаи «Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1980-уми асри XX»[14] Қ. Бӯриев оид ба дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасони ҷориву тарҷейӣ ва тавсиявии Палатаи давлатии китобҳо (ҳоло Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон (минбаъд АМСБРСК – ХКТ), Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон), Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд КМИ ба номи И. Ганди АМИТ), Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон), Китобхонаи такягоҳи илмии кишоварзии Донишкадаи давлатии хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, Китобхонаи илмии тиббии Донишкадаи давлатии тиббии Тоҷикистон ва дигар марказҳои библиографӣ, маълумот дода, таваҷҷуҳи олимони соҳаро ба омӯзиши масъалаҳои то ҳол таҳқиқнашуда ҷалб намудааст. Аз ҷумла ӯ чунин ишора кардааст: «фаъолияти библиографии аксарияти китобхонаҳои соҳавии Пажуҳишгоҳҳои илмию тадқиқотии низоми Академияи улум ва академияҳои соҳавӣ», то имрӯз аз нигоҳи илми библиография омӯхта нашудаанд[15]. Муҳаққиқ Қ. Бӯриев[16] ин матлабро дар мақолаи дигари худ тақвият бахшида, дар заминаи таҳлили китобномаҳои  тӯли солҳои 1980-

---

[13] Буриев, К.Б. История таджикской библиографии (с древнейших времён до конца 80-х гг. XX века) [Текст] / под общей редакцией С.Р. Мухиддинова. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 176 с.; Бӯриев, Қ. Б. Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XXI) [Матн] / муҳаррир: Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 260 с.; Бӯриев Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1980-уми асри XX // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С.468-513.; Бӯриев Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1980-1991-уми асри XX // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С.514-558.

[14] Бӯриев, Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1980-уми асри XX // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. –С.468-513.

[15] Бӯриев Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1980-уми асри XX // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С.509-510.

[16] Бӯриев Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1980-1991-уми асри XX // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С.514-558.

1991 интишорёфта, ба хулосае омадааст, ки фаъолияти библиографӣ дар солҳои 80-уми асри XX новобаста аз мушкилоти мавҷуда рушд кардааст ва ба инкишофи он ҳафт омил мусоидат намудааст: якум, муттамарказонидани китобхонаҳои ҷумҳурӣ ва қавигардонии фаъолияти шуъбаҳои библиографии китобхонаҳои ноҳиявӣ ва дар онҳо таъсис додани гӯшаҳои кишваршиносӣ; дуюм, тақвияти заминаи моддию техникии китобхонаҳо; сеюм аз ҷониби марказҳои бузургтарини библиографӣ дар ҷумҳурӣ, аз қабили КДҶ ба номи Фирдавсӣ ҷоннок шудани роҳбарии методию библиографӣ ба тамоми китобхонаҳои оммавии ҷумҳурӣ ва барои онҳо таҳияву дастрас кардани дастурҳои гуногуни методиву библиографӣ, роҳномаву ёддоштҳо ва санадҳои меъёрӣ; чорум баланд бардоштани малакаи касбии библиографии китобдорони китобхонаҳои ноҳиявӣ ва деҳот тавассути истифодаи «Нақшаҳои тақвимӣ»-и нашриётҳо ва рӯйхатҳои адабиёти нави китобхонаҳову марказҳои иттилоотӣ; панҷум, истифодаи муназзами системаи дастурҳои библиографияи ҷорӣ ва тарҷейӣ дар хизматрасонии библиографӣ ва ташкили чорабиниҳои гуногуни китобдорӣ; шашум, ташкили семинар ва курсҳои такмили ихтисос, расонидани ёрии методӣ аз ҷониби мутахассисони касбӣ ба китобдорон ва библиографони китобхонаҳои ноҳиявӣ ва деҳот; ҳафтум, омоданамоии мутахассисони касбӣ аз ҷониби макотиби миёнаи касбӣ ва олии китобдории ватанию хориҷӣ[17].

Таҳлили осори Қ. Бӯриев, ки аз нигоҳи фарогирии давраи таҳқиқот ба мавзуи интихобкардаи мо бештар қаробат дошта, фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографиро дар солҳои 1960-1990 баррасӣ менамояд, нишон дод, ки воқеан муҳаққиқ дар пажуҳишу гурӯҳбандии силсилаи дастурҳои библиографии дар солҳои 1960-1990 нашршуда, кӯшиши зиёд ба харҷ додааст ва оид ба рушди минбаъдаи фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ, андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Дар баробари ин, қобили зикр аст, ки дар асару мақолаҳои

[17] Бӯриев Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1980-1991-уми асри XX // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С.550-552.

муҳаққиқ Қ. Бӯриев ба таҳлили мазмуну муҳтавои дастурҳои библиографӣ аз нигоҳи баҳодиҳии библиографии осори пешниҳодшуда, маҳакҳои асосии интихоб ва хостагирии адабиёт, тавсифнигорӣ ва вежагиҳои он бо дарназардошти таъйини мақсад ва хонандагии дастурҳо, дастоварду камбудиҳои осори библиографӣ, ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда нашудааст.

Оид ба таҳқиқи масъалаҳои библиографияи миллӣ ва фаъолияти Палатаи давлатии китобҳои ҷумҳурӣ мақолаҳои ҷудогонаи мутахассисону муҳаққиқони соҳа бахшида шудаанд[18].

---

[18] Ибрагимов, С.В книжной палате республики // Коммунист Таджикистана. – 1960. – 13 декабря.; Аҳмадова, М., Наҷмиддинов, А. Палатаи давлатии китобҳо // Тоҷикистони Советӣ. – 1966. – 13 май.; Морозова, Г.В Книжной палате (Тадж. ССР) // Коммунист Таджикистана. – 1966. – 27 января.; Шевченко, З.М. Из истории библиографической работы в Таджикистане // Изв. АН ТаджССР / отд. общ. наук. – 1962. – Вып.3. – С. 94-104.; Маторин, П. Сокровищ палата. [О Книжной палате республики] // Коммунист Таджикистана. – 1974. – 24 ноября.; Миров С., Кукушкина Р. Махзани нашриёҳои республика (Ба муносибати 40-солагии таъсисёбии Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон) // Коммунисти Тоҷикистон. – 1975. – № 8. – С. 94-95.; Миров, С. Фонди тиллоии республика. [Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон] // Тоҷикистони советӣ. – 1975. – 28 август.; Миров, С. М., Кукушкина, Р. А. 40 лет Книжной палате Таджикской ССР // Сов. библиография. – 1975. – №5. – С. 17-21.; Бобоҷонов, Р. Хазинаи дониш. [Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон // Тоҷикистони советӣ. – 1975. – 19 ноябр.; Мушеев, Г. Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои беҳтарнамоии самаранокии он [Матн] / Г.Мушеев // Бибилиографияшиносии Тоҷикистон. – Душанбе, 1981. – С. 92-97.; Мушеев, Г. К вопросу о создании репертуара таджикской национальной печати [Текст] / Г.Мушеев // Некоторые проблемы развития таджикской библиографии: сборник статей. – Душанбе, 1973. С. 17-47.; Норкалаев, И.С., Музринская, А.И. Библиография Таджикистана на современом этапе [Текст] / И.С. Норкалаев, А.И. Музринская // Библиотековедение. Библиография. История таджикской книги: сборник статей. – Душанбе, 1981. – С. 113-118.; Курамшина, Н.А. Некоторые вопросы развития текущей библиографической информации по общественным наукам в Таджикистане [Текст] / Н.А. Курамшина // Некоторые проблемы развития таджикской библиографии: сборник статей. – Душанбе, 1973. С. 48-67.; Қурбанов, А. Панҷоҳ соли пуршараф: Ба муносибати 50-солагии Палатаи дав. китобҳои республика // Ададбиёт ва санъат. – 1986. – 23 январ.; Курбанов, А. Книжной палате – полвека // Коммунист Таджикистана. – 1986. – 9 января.; Абдуллоев, С., Ғуломшоев, С. Махзани маърифат. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 100 с.; Бӯриев, Қ.Б. Хонаи китоби Тоҷикистон: таърих, вазъ ва мушкилот // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 348-355.; Бӯриев, Қ.Б. Фаъолияти библиографии “Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон” // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2018. – С. 268-283.; Буризода, Қ. Сарчашмаҳо оид ба таърих, вазъ ва фаъолияти “Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон” // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VIII: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2019. – С. 414-444.; Буризода, Қ.Б. Инъикоси фаъолияти Хонаи китоби Тоҷикистон дар матбуоти илмии хориҷӣ // Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 2. – Душанбе: Кайҳон, 2019. – С. 33-53.; Бӯриев, Қ.Б. Рушди библиографияи давлатии тоҷик // Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 2. – Душанбе: Кайҳон, 2019. – С. 39-53.; Комилзода, Ш. Хонаи китоби Тоҷикистон – маркази библиографияи давлатӣ [Матн] / Ш. Комилзода // Библиографишиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Кайҳон, 2018. – С. 18-22.; Махмудов, Г. К вопросу изучения государственной библиографии в свете новых требований [Текст] / Г. Махмудов // Культура и личность в свете обновления общества. – Ташкент, 1991. – С. 69-71.; Махмудов, Г. Состояние текущей государственной библиографии в Таджикистане [Текст] / Г. Махмудов // Тезисы научно-практической конференции молодых учёных и специалистов 13-14 апреля 1989 г.. – Душанбе, 1989. – С. 98-99.; Титова, О.В. Книжная палата Таджикской ССР – центр государственного статистического учёта печатной продукции / О. В. Титова // Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе: Кайҳон, 2018. – С. 23-38.; Надиров, С. Библиографияи давлатии тоҷик дар солҳои 1960-1990 [Матн] / С. Надиров // Фарҳанг ва санъат. – 2019. – № 2. – С. 100-107.; Нодирзода, С. Рисолати таърихии “Хонаи китоби Тоҷикистон” [Матн] // Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон: маҷмуаи мақолаҳо. – китоби 4 / мураттиб С. Нодирзода; муҳаррир С. Пиров. – Душанбе, 2021. – С. 62-69.

Ҳамзамон, масъалаҳои марбут ба рушди библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик, инъикоси воқеии худро дар китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимии «Библиографияи адабии тоҷик»,[19] «Библиографишиносӣ»,[20] «Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо»,[21] «Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон»,[22] «Библиографияи кишоварзии тоҷик»,[23] «Библиографияи адабиёти кишваршиносӣ»[24] пайдо намудаанд. Дар ин дарсномаҳо таваҷҷуҳи муаллифон бештар ба омӯзиши масъалаҳои таърих, назария ва услуби библиографинамоии адабиёт бо дарназардошти хусусиятҳои умумӣ ва соҳавии библиографияи тоҷик зоҳир карда шудааст.

Таҳқиқи масъалаҳои мубрами илми библиографишиносии тоҷик дар маҷмуаҳои илмии Китобхонаи миллии Тоҷикистон (минбаъд КМТ),[25] Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода,[26] АМСБРСК – ХКТ,[27] Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот (минбаъд ПИТФИ), мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

---

[19] Шарофов, Р. Библиографияи адабии тоҷик [Матн]: Китоби дарсӣ барои факултети китобхонавии Институти давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода / Р. Шарофов. – Душанбе, 1988. – 200 с.

[20] Маҳмудов, Г. Библиографишиносӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Г. Маҳмудов, Қ. Ғуломзода; зери назари Х. Усмонзода; муҳаррир Б. Холов; масъули чоп З. Шариф. – Душанбе: Истеъдод, 2019. – 232 с.

[21] Авғонов, Қ. Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо [Матн]: китоби дарсӣ / Қ. Авғонов, Г. Маҳмудов; муҳаррир М. Юсупова; зери назари Қ.Б. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 185 с.

[22] Комилзода, Ш. Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон [Матн]: мавод барои омӯзиши фан / Ш. Комилзода; зери назари Қ. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 128 с.

[23] Бӯриев, Қ.Б. Библиографияи кишоварзии тоҷик [Матн]: мавод барои омӯзиши фан / муҳаррир: С.Ҳ. Шосаидов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 160 с.

[24] Муҳиддинов, С. Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон (давраи шуравӣ) [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДСТ ба номи М. Турсунзода / С. Муҳиддинов; муҳаррир Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 160 с.

[25] Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / КДР ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1973. – 142 с.; Вопросы развития таджикской национальной библиографии: материалы респ.науч.-теорет.конф., октябрь 1970 г. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 96 с.; Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон: маҷмӯаи мақолаҳо / муҳаррир – тарт. Р. Шарофов. – 1977. – 108 с.; Китобхонашиносӣ. Библиография. Таърихи китоби тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / муҳ. С.Н. Ғоибназаров, А.Ю. Юнусов ва Л.Г. Козырева. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 144 с.; Проблемаҳои ташкилнамоӣ ва баландгардонии самаранокии хизмати китобхонавию библиографӣ ба аҳолии Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1986. – 137 с.; Проблемаҳо ва пешомадҳои таъмини ахборотию библиографии иқтисодиёт ва маданияти Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / тарт. Л.Г. Козырева; Зери назари номзади илмҳои педагогӣ А.Ҳ. Раҳимов. – Душанбе, 1989. – 136 с.; Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]: ҷашннома / таҳияи Р. Шарофзода. – Душанбе, 1993. – 96 с.

[26] Библиографияшиносии Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / ИДСТ ба номи М.Турсунзода. – Душанбе, 1981. – 99 с.

[27] Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 1 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 1] [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир М. Алиев. – Душанбе: Кайҳон, 2018. – 208 с.; Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 2 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 2] [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Қ.Б. Бӯризода; муҳаррирон: М. Алиев, О. Титова. – Душанбе: Кайҳон, 2019. – 320 с.; Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 3 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 3]

Аз ҷумла дар силсилакитоби ПИТФИ «Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон» масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии библиографияи тоҷик ва хусусиятҳои хоси рушди намудҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. То имруз дар 9 шумораи ин силсила[28] 72 мақола ва 6 тақриз чоп шудааст.

Масъалаҳои библиографияи миллии тоҷик ҳамзамон инъикоси худро дар саҳифаҳои маҷаллаи тахассусии «Китобдор» низ ёфтаанд. Дар 11 шумораи маҷаллаи «Китобдор» (солҳои 2006-2015) 14 мақола доир ба масоили таърих, назария ва амалияи библиографияи тоҷик, ташкили дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ, услуби таҳияи китобномаҳо, хизматрасонии библиографӣ, истифодаи дастурҳои библиографӣ дар роҳбарии хониш ва омӯзишу тарғиби донишҳои библиографӣ ба табъ расиданд. Аз ҷумла мақолаҳои «История развития таджикской библиографической информации»,[29] «Библиографияи илмию ёрирасон ва тавсиявӣ барои кӯдакон ва наврасон»,[30] «Вижагиҳои феҳристнигории нусхаҳои хаттӣ»[31] ва ғайраҳо чоп шуданд.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҳамаҷонибаи манбаҳои марбут ба мавзуъ нишон дод, ки то имрӯз мавзуи мавриди назар қарордодашуда, бахусус таърихи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 мавриди таҳқиқ қарор

---

[Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Қ.Б. Бӯризода; муҳаррирон: М. Алиев, О. Титова. – Душанбе: Кайҳон, 2020. – 316 с.; Библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 4 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 4] [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттибон ва муаллифи пешгуфтор С. Нодирзода, М. Баёнӣ; муҳаррирон: С. Пиров, О. Титова. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 320 с.

[28] Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: хрестоматия / мураттибон: С.Ҳ. Шосаидов, Қ.Б. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 200 с. ; Фаъолияти китобдорӣ дар замони истиқлолият [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳияи Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: С. Шосаидов. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 225 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳияи: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррирон: С.Ҳ. Шосаидов, Б.С. Холов. – Китоби III. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 172 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳияи: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: С.Ҳ. Шосаидов. – Китоби IV. – Душанбе: Истеъдод, 2013. – 184 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / таҳияи: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: С.Ҳ. Шосаидов. – Китоби V. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 240 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 640 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VII. [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 480 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VIII [Матн]: маҷмӯи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ.Б. Буризода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2019. – 636 с.; Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн] / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор Қ. Абдураҳимзода / муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2020. – Китоби IX. – 480 с.

[29] Шарофзода, Р. История развития тадикской библиографической информации // Китобдор. – 2008. – №1(3). – С.29-32.

[30] Комилзода, Ш. Библиографияи илмию ёрирасон ва тавсиявӣ барои кӯдакон ва наврасон / Ш. Комилзода // Китобдор. – 2011. – №1-2(9). – С.32-40.

[31] Боқиев, А. Вижагиҳои феҳристнигории нусхаҳои хаттӣ // Китобдор. – 2013. – №1-3 (10). – С.37-39.

нагирифтаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҷойдошта шароит муҳайё сохта ба рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик мусоидат намояд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.09.2020, № 503), принсипҳои асосии рушди «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, № 636), «Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 03.04.2021, № 115) робита дошта, ҷиҳати татбиқи бандҳои дахлдори он мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии МДТ «ДДФСТ ба номи М.Турсунзода», мавзуи илмии «Таҳқиқи илмии бойгонии «Палатаи китоби Тоҷикистон», созмондиҳии репертуари мукаммали китоби миллӣ, феҳрасти электронии «Китоби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2017-2021» дар назди Муассисаи давлатии «Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот:** таҳқиқи равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 ва муайяннамоии дурнамои рушди он дар замони ҳозира.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

– омӯзиши заминаҳои ташаккул, рушд ва таҳаввули библиографишиносии тоҷик дар даврони шуравӣ (солҳои 1960-1990);

– таҳлили маҳсулоти библиографии дар солҳои 1960-1990 интишорёфта ва таснифи он аз рӯйи мазмун, намуд, шакл ва жанри дастурҳои библиографӣ;

– таҳқиқи заминаҳои таҳаввул ва рушди библиографияи давлатии тоҷик дар солҳои 1960-1990;

– омӯзиши давраҳои эҳё ва инкишофи библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик;

– таҳқиқи самтҳои асосии рушди библиографияи тавсиявии тоҷик дар замони шуравӣ;

– ҷамъоварӣ, коркард ва мураттабсозии нишондиҳандаи библиографии тарҷеъии «Библиографияи библиографияи Тоҷикистон дар солҳои 60-90-уми асри XX»;

– муайян намудани камбудиҳои ҷойдошта ва таҳияи тавсияномаҳо ҷиҳати омӯзиши минбаъдаи мавзуъ.

**Объекти таҳқиқот** – библиографияи тоҷик дар нимаи дуюми асри XX.

**Предмети таҳқиқот** – равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990)

**Фарзияи таҳқиқот** – омӯзиши равандҳои таҳаввули библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи он ҳамон вақт ҳадафрас мегардад, ки агар:

- равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990 муайян карда шаванд;

- назария ва амалияи библиографияи тоҷик дар даврони шуравӣ, таҳлил ва баррасии он дар шароити соҳибихтиёрӣ эҷодкорона истифода бурда шавад;

- усулҳои таҳияи дастурҳои библиографии китобхонаву марказҳои библиографии даврони шуравӣ амиқтар омӯхта шаванд;

- дар заминаи дастовардҳои библиографияи даврони шуравӣ фаъолияти библиографии замони истиқлол мукаммал гардонида шавад;

- маҳсулоти библиографии солҳои 1960-1990 нашргардида аз рӯйи мазмун, намуд, шакл ва жанри дастурҳои библиографӣ тасниф шаванд;

- нишондиҳандаи библиографии тарҷеъии «Библиографияи библиографияи Тоҷикистон (1960-1990)» таҳия ва нашр гардад;

- дар заминаи таҳқиқ ва натиҷагирӣ аз фаъолияти марказҳои библиографии даврони шуравӣ баҳри такмили фаъолияти библиографии китобхонаҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон тавсияҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод гарданд.

**Чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот,** ки ба яке аз давраҳои муҳимми рушди библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ иртибот дошта, аз соли 1960 то соли 1990-ро дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро осори илмии библиографишиносони хориҷӣ, аз ҷумла: О.П. Коршунов, М.Г. Вохрышева, А.И. Барсук, Д.Ю. Теплов, М.А. Брискман, Д.Я. Коготков, Э.К. Беспалова, И.Г. Моргенштерн, Б.Т. Уткин, А.А. Гречихин, Г.Л. Левин, В.Е. Леончиков, А. Язбердыев ва библиографишиносони ватанӣ: Р. Шарофзода, А.Ҳ. Раҳимов, Н.А. Сайфулина, Г.А. Мушеёв, С.Р. Муҳиддинов, А.Ю. Юнусов, Ш.К. Тошев (Ш. Комилзода), Қ.Б. Бӯриев (Қ. Абдураҳимзода), Л.Г. Козырева, З.М. Шевченко, Қ. Авғонов (Қ. Ғуломзода), С. Ғуломшоев, Р.О. Талман, Л.В. Турсунова, Г.Б. Маҳмудов ташкил медиҳад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба осори ходимони давлатию ҷамъиятӣ, библиографони касбӣ ва маводи дигари анъанавию электронӣ такя мекунад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқот методҳои таҳлили назариявии таърихӣ ва синтези сарчашмаҳои (омӯзиш ва натиҷагирӣ аз осори илмӣ) библиографишиносӣ ва иттилоотшиносӣ оид ба мавзуъ; омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти фаъолияти марказҳои библиографӣ, аз ҷумла дар самти таҳияю интишори дастурҳои библиографӣ, таҳлилу ҷамъбасти далелҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, барномаву дарсномаҳои таълимӣ ва дастурҳои методӣ; мушоҳидаи илмӣ, мусоҳиба бо коршиносон ва мутахассисон, ҷамъбасти хулосаи коршиносон, таҳлили сифатӣ ва шуморавии маводи оморӣ ва методҳои махсуси соҳаи библиографишиносӣ: пажуҳиши библиографӣ, библиографиянамоӣ,

гурӯҳбандии библиографӣ ва ахборотдиҳии библиографӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқотро муносибати амалии муаллифи диссертатсия бо объекти таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ, ки аз ҷониби бештари олимон ва муҳаққиқони соҳа пазируфта шудаанд; таҳлили навъ, шакл ва жанрҳои гуногуни дастурҳои библиографии солҳои 1960-1990 интишорёфта ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Адабиёт ва манбаъҳои марбут ба мавзуъро, ки дар раванди таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтанд, метавон ба панҷ гуруҳи зерин тақсим кард.

1. Асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, қарору қонунҳо, барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ, созишномаву консепсияҳо, низомномаву дастурамалҳо ва маълумотҳои оморӣ доир ба соҳаи китобдорӣ ва нашри китоб.

2. Маводи бойгонии ташкилоту муассисаҳои давлатӣ: бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон (ҳоло АМСБРСК – ХКТ), КМТ, Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (минбаъд КМИ ба номи И. Ганди АМИТ), Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар (минбаъд КДБҶ ба номи М.Миршакар), Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон (минбаъд КҶИТТ), Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии кишоварзии Тоҷикистон, Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд КИ ДМТ).

3. Осори илмӣ, илмӣ-оммавӣ, методӣ-таълимӣ доир ба соҳаи китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ. Ба ин гурӯҳи мавод монографияҳо, фишурдаи маводи конфронсу симпозиумҳо, маҷмӯаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои илмӣ-методӣ ворид шудаанд.

4. Навъу шакл ва жанрҳои гуногуни дастурҳои библиографии Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ (минбаъд КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ), КМИ ба номи И. Ганди АМИТ, КДБҶ ба номи М.Миршакар, КҶИТТ ва китобхонаҳои илмии донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ, ки тӯли солҳои 1960-1990 чоп шудаанд.

5. Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-оммавии маҷаллаҳои «Садои Шарқ», «Мактаби советӣ», «Тоҷикистон», «Занони Тоҷикистон», «Паёмномаи фарҳанг», «Китобдор», «Советская библиография», «Библиотекарь», «Вестник Библиотечной Ассамблеи Евразии» ва рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ», «Маориф ва маданият», «Газетаи муаллимон», «Комсомоли Тоҷикистон», «Коммунист Таджикистана», «Комсомолец Таджикистана», «Адабиёт ва санъат», «Ленинабадская правда» ва «Вечерний Душанбе».

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар он бори аввал дар заминаи доираи васеи маводи бойгонӣ, маъхазҳои чопӣ ва теъдоди зиёди асарҳои библиографӣ, равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 таҳқиқ ва радабандӣ карда шудааст. Илова бар ин, ҷиҳати ҳалли масъалаҳои дар таҳқиқот тарҳрезишуда, теъдоди зиёди адабиёти чопӣ ва маводи интишорнаёфта мавриди ҷамъоварӣ, коркард ва омӯзиш қарор дода шудааст, ки бештари онҳо бори нахуст аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин дар баробари дастовардҳо камбудиву мушкилоти ҷойдошта дар фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ низ баррасӣ ва роҳҳои ҳали он барои рушди минбаъдаи библиография дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон муайян ва тавсияҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– асоснок намудани библиографишиносӣ ҳамчун илми мустақил, ки дар давраи таҳқиқшаванда масъалаҳои рушди самтҳои афзалиятноки библиография: созмондиҳии дастгоҳи маълумотию библиографӣ, услуби таҳияи навъу шакл ва жанрҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ, роҳандозии хадамоти маълумотӣ-библиографӣ, иттилоотӣ-библиографӣ,

тавсиявӣ-библиографӣ ва омӯзишу тарғиби донишҳои библиографиро мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлил қарор додааст;

– дастовардҳои назарраси рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 аз бисёр ҷиҳат ба омилҳои зерин: зиёдшавии теъдоди нашри китоб ва матбуоти даврӣ; таъсиси китобхонаҳои нав ва роҳандозии низоми нави марказонидани китобхонаҳо; афзудани эҳтиёҷоти иттилоотии ҷомеа; вусъат ёфтани фаъолияти марказҳои библиографӣ ва шуъбаҳои библиографии китобхонаҳо; тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии соҳаи китобдорӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он; созмондиҳии курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва семинарҳои омӯзишӣ, робитаи ногусастанӣ доранд;

– равандҳои таҳаввул ва рушди Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон (минбаъд ПДКТ) мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шуда, функсияи он аз ҷиҳати назарӣ ва илмӣ-методӣ асоснок карда шудаанд;

– муҳиммият ва аҳаммияти баргузории экспедитсияҳои илмӣ, ҷиҳати ҷамъоварӣ, коркарди адабиёти дастрасшуда ва дар заминаи он таҳияи дастурҳои нави библиографии чопӣ ва электронӣ, ки бо сабабҳои айниву зеҳнӣ он осори чопӣ дар силсилаи дастурҳои библиографии ҷорӣ ва тарҷеъии Палатаи давлатии китобҳои Тоҷикистон шомил нашудаанд зарурияти аввалиндараҷа пайдо мекунад;

– таҷрибаи ғании марказҳои библиографӣ, аз қабили КМТ, КМИ ба номи И. Ганди АМИТ, КДБҶ ба номи М. Миршакар, КҶИТТ, Китобхонаи давлатии патентию техникӣ ва китобхонаҳои илмии мактабҳои олии ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва хулосагирӣ қарор дода шуда, ҷойгоҳ ва саҳми бузурги онҳо дар таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявӣ баррасӣ ва собит шудааст;

– шартҳои муҳимми таҳаввул ва рушди минбаъдаи библиографияи тоҷик, ки аз бисёр ҷиҳат ба тақвияти заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои библиографӣ, бо мутахассисони баландихтисос таъмин кардани марказҳои библиографӣ ва шуъбаҳои библиографии китобхонаҳо, такмили сохтор ва зиёд намудани теъдоди нашри дастурҳои библиографӣ бо

дарназардошти эҳтиёҷоти китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ, роҳандозии нашри дастурҳои библиографии электронӣ ва тарғиби онҳо тавассути шабакаҳои интернетӣ вобастагии зич доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ махсусан библиографияи тавсиявӣ дар солҳои 1960-1990 нисбат ба дигар навъҳои библиографияи тоҷик рушд намуда, дар қонеъ гардонидани ниёзҳои иттилоотии оммаи васеи хонандагон, хизматрасонии библиографӣ, тарғиби адабиёт ва роҳҳои самарабахши роҳбарӣ ба хониш саҳми муносиб гузоштааст, ки ин сабақи таърихӣ омили муҳимми рушди библиографияи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад. Натиҷаи таҳқиқот дар шакли пешниҳоду хулосаҳои илмӣ манзури олимон, мутахассисон ва китобдорони ҷумҳурӣ гардида, ҳангоми навиштани рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи библиографияи тоҷик, дарсномаву барномаҳои таълимӣ барои донишҷӯёни факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ, таҳияи консепсияҳо, барномаҳои рушд ва лоиҳаҳои давлатӣ, мавриди истифода қарор мегирад. Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин дар иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимону мутахассисон, унвонҷӯёну донишҷӯён ба сифати манбаи муҳимми илмӣ хизмат намуда, ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз ҷумла хондани лексияҳо ва баргузории дарсҳои амалӣ аз фанҳои таълимӣ: «Библиографишиносӣ», «Таърихи библиографияи тоҷик», «Услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ» мусоидат менамояд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** дақиқии маълумот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлилу муқоисаҳои илмию амалӣ дар асоси сарчашмаҳои библиографӣ бо истифода аз усулҳои илмӣ, омӯзиши адабиёти илмӣ, рисолаҳо оид ба соҳа таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси

6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ):

Зербанди 1.2-уми банди 3 - Библиографишиносӣ: назарияи иттилооти библиографӣ, таърих ва таърихнигории фаъолияти библиографӣ, фаъолияти библиографии китобхонаҳо, ташкили дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ, услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ, услубҳои хизматрасонии библиографӣ, марказҳои библиографӣ, вазифа ва самтҳои асосии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

Зербанди 2.7-уми банди 3 - Методологияи таҳқиқот дар кори китобдорӣ ва ҷанбаҳои методологии фаъолияти китобдорӣ-библиографӣ, китобшиносӣ;

Зербанди 2.9-уми банди 3 - Таҳқиқоти муқоисавӣ дар китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои муътамад, таҳлили теъдоди зиёди осори илмӣ ва маводи дар нашрияҳои даврӣ интишорёфта бори нахуст равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷикро дар солҳои 1960-1990 мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст.

Дар робита ба объекти таҳқиқот аввалин маротиба навъҳои гуногуни дастурҳои библиографии тӯли солҳои 1960-1990 нашршударо ҷамъоварӣ намуда, дар шакли феҳристи мукаммал мураттаб сохтааст, ки он аз 5 боб, 6 фасл ва 52 зерфасл иборат буда, 1730 маводи библиографиро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ фаро мегирад[32]. Инчунин ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, аз қабили хулосаҳои асосии илмии диссертатсия, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои хислати назариявию амалидошта бевосита аз ҷониби муаллиф мустақилона баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия дар раванди фаъолияти сохторҳои библиографии

[32] Библиографияи библиографияи Тоҷикистон: нишондиҳандаи библиографӣ (1960-1990) / мураттиб С.С. Нодирзода; муҳ. Ш. Комилзода; зери назари С.Ҳ. Шосаидзода. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 432 с.

китобхонаву марказҳои библиографӣ тавассути таҳия ва нашри дастурҳои библиографӣ, мавриди истифода қарор дода шуданд. Нуктаҳои муҳим ва натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муҳаққиқ дар раванди таълими фанни «Таърихи библиографияи тоҷик» барои донишҷӯёни факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» истифода шуда, ҳамзамон, дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ ироа гардидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ ва кафедраи бойгонишиносӣ аз 12.05.2025, суратҷаласаи №9 муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот.** Доир ба мавзуи диссертатсия 3 дастури методию библиографӣ ва 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 191 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, чаҳор фасл, хулоса, феҳристи манбаъҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (278 номгӯй), замимаҳо (9 ҷадвал), иборат аст.

# БОБИ I. ПАЙДОИШ, ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯИ БИБЛИОГРАФИЯИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 1960-1990

## 1.1. Заминаҳои пайдоиш, таҳаввул ва рушди назарияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990.

Таҳқиқи масоили библиографишиносии тоҷик дар заминаи осори илмии муҳаққиқони ватанӣ барои муайяну мушаххас намудани вазъи воқеии ҳалли масоили ҷойдошта шароит муҳайё месозад. Ба андешаи мо, то кунун барои ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани таърихи пайдоиш, таҳаввул ва инкишофи афкори библиографишиносии тоҷик ва ҳамбастагии илму амалияи он таҳқиқоти умдае ба анҷом нарасидааст. Танҳо доир ба зиндагинома ва фаъолияти илмию таҳқиқотии чанде аз библиографони тоҷик китобномаҳои шарҳиҳолӣ таҳия шудаанд, ки дар онҳо роҷеъ ба дастовардҳои илмии мутахассисони соҳа маълумотҳои мушаххас пешниҳод шудааст. Аз ин рӯ, метавон хулоса намуд, ки омӯзишу таҳлилҳои назарӣ ва илмии библиографишиносии тоҷик имрӯз саҳифаҳои нокушодаи зиёде дорад.

Дар даврони ҳокимияти шуравӣ олимон ва мутахассисони тоҷик ҷиҳати ҳаллу баррасии масъалаҳои мубрами библиографияи тоҷик, аз қабили бунёди дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ, бахуссус ташкили феҳристу картотекаҳо, китобноманигории осори қаламӣ, чопӣ, созмондиҳӣ ва бароҳмонии навъҳои гуногуни хизматрасонии библиографӣ дар байни хонандагон кӯшиши зиёд ба харҷ монданд. Ҳамзамон, монеаҳои мавҷуда ва роҳҳои ҳалли ташкили дастгоҳи маълумотию библиографӣ дар китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти мамлакат, мувофиқу созгор намудани ҳамкории назария ва амалияи библиография, таҳаввул ва равандҳои рушди намудҳои мухталифи библиографияи миллӣ, истифодаи ба мавриди дастурҳои библиографӣ дар ҷараёни ташкили чорабиниҳои оммавӣ ва хизматрасонии китобдорӣ,

таҳкими фаъолияти марказҳои библиографӣ, таъминоти муассисаҳои библиографӣ бо ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ, консепсия, стандарт, низомнома ва дигар масоили марбут ба самтҳои афзалиятноки библиографияи тоҷик борҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта буд.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар низ бо ибтикори олимони тоҷик дар ин риштаи илм, ки аз таълимоти мактаби библиографишиносии рус баҳра бурдааст, як қатор корҳои илми таҳқиқотӣ иҷро шуда, ба рушди соҳа таъсири мусбӣ расонидаанд. Аксари рисола ва осори муҳаққиқони тоҷик дар шакли чопӣ (китобу рисолаҳо, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, барномаҳои таълимӣ) манзури мутахассисони соҳа гардида, ҳамзамон дар семинару конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ баррасӣ гаштаанд. Ин осор имкон медиҳад, ки афкору андешаҳои муҳаққиқони тоҷик мавриди омӯзиш қарор гирад ва саҳми онҳо дар рушди библиографишиносии тоҷик муайян карда шавад.

Ҳадаф аз омӯзиши мавзуъ дар заминаи таҳлили осори илмии олимони соҳа муайян намудани самтҳои афзалиятноки илми библиографишиносии тоҷик мебошад. Илова бар ин, таҳқиқ имкон медиҳад, ки қабл аз ҳама, тавсияҳои илман асоснокшуда барои рушди минбаъдаи соҳа ва таҳқиқи алоқамандии афкори муҳаққиқони тоҷик дар инкишофи библиографияи тоҷик ҳамчун соҳаи илм пешниҳод мегарданд.

Сараввал ба таърихи пайдоиши «назарияи библиография», яъне «библиографишиносӣ» ва таърифи мафҳумҳои он таваҷҷуҳ менамоем. Таҳқиқоти илмии библиографияро библиографи белгиягӣ Пол Отлет (1868-1944) гузоштааст. Ӯ асосгузори фаъолияти ҳуҷҷатгузорӣ ҳамчун як соҳаи илми иттилоотӣ (информатика) мебошад, ки дар бораи «илми библиография» низ навиштааст. Дар ИҶШС истилоҳи «библиографишиносӣ»-ро олим-библиографияшиноси рус Олег Павлович Коршунов, ки «консепсияи системавӣ-фаъолиятии фаъолияти библиографӣ»-ро таҳия карда буд, соли 1975 пешниҳод кардааст. Қабл аз

ин, дар анъанаи илмии рус истилоҳи «библиография» ҳамчун номи илм низ истифода мешуд. Бо ташаббуси О.П. Коршунов дар ибтидои солҳои 80-ум аввалин китобҳои дарсӣ нашр гардида, дар факултетҳои китобдории донишкадаҳои фарҳанг таълими «библиографишиносӣ» ҳамчун фанни илмӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон ба феҳристи ихтисосҳои илмӣ ихтисоси «Китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ» ворид карда шуд[33].

Мафҳуми «библиографишиносӣ» аз ҷониби олимони варзидаи соҳаи библиографияи тоҷик Р. Шарофзода ва Қ. Бӯриев (Абдураҳимзода) дар ҷилди дуюми Донишномаи миллии тоҷик чунин шарҳ дода шудааст: «Илме, ки таърих ва назарияи библиография, ташкили фаъолият ва усули библиографияро меомӯзад, библиографишиносӣ ном дорад. Он усули мураттаб сохтан ва омӯхтани феҳрист, рӯйхат ва тавсифи асарҳои чопиро таҳия менамояд, мазмуни асарҳоро кушода ба онҳо баҳо медиҳад ва ғ.»[34]. Ба андешаи муаллифони китоби дарсии «Библиографишиносӣ» Г. Маҳмудов ва Қ. Ғуломзода «библиографишиносӣ илмест, ки ба омӯзиши сохтор ва хусусияти иттилооти библиографӣ, қонуниятҳои таҳия ва ба хонанда пешниҳод намудани иттилооти библиографӣ машғул аст»[35]. Дар стандарти байнидавлатии «Фаъолияти иттилоотӣ-китобдорӣ, библиография» чунин таърифи «библиографишиносӣ» пешниҳод шудааст: «библиографишиносӣ – фанни илмие, ки назария, таърих, услуб, технология, усул, созмондиҳии библиографияро меомӯзад»[36]. Чунон, ки аз муҳтавои шарҳҳои мафҳуми мазкур бармеояд, библиографишиносӣ ҳамчун илми мустақил дар таҳқиқу баррасии масоили марбут ба заминаҳои пайдоиш, давраҳои ташаккул ва қонуниятҳои инкишофи библиография, созмондиҳии дастгоҳи

[33] Библиографоведение [Электроный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Библиографоведение (санаи истифодабарӣ: 12.11.2021).

[34] Шарофзода, Р., Бӯриев Қ. Библиография // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе: СИЭМТ, 2013. – Ҷ.2. – С.555.

[35] Маҳмудов, Г., Ғуломзода, Қ. Библиографишиносӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Меҳрона. – 2019. – С.163.

[36] ГОСТ 7.0-99. Информационно-библиотечная деятельность, библиография: термины и определения. 3.1.38. Библиографоведение. – С.3. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ifap.ru/library/gost/7099.pdf (санаи истифодабарӣ: 12.11.2021).

маълумотию библиографӣ, вижагиҳои услуби таҳияи навъу шакл ва жанрҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ, роҳандозии хадамоти маълумотӣ, иттилоотӣ, тавсиявии библиографӣ ва омӯзишу тарғиби донишҳои библиографӣ саҳм мегирад. Илова бар ин, библиографишиносӣ ҳамчун илм эҳтиёҷоти библиографии истеъмолкунандагони иттилооти библиографӣ, яъне гуруҳои гуногуни хонандагонро дар робита бо таъийну мақсади дастурҳои библиографӣ муайян намуда, самарабахшии системаи ҳаракати «библиография (китобнома) – истеъмолкунанда (хонанда)»-ро меомӯзад. Ҳамзамон библиографишиносӣ барои рушди амалияи соҳа тавсияҳои илман асоснокшударо пешниҳод менамояд.

Чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд библиографишиносии тоҷик имрӯз низ мувоҷеҳ ба мушкилот аст. Аз ҷумла набудани мафҳуми ягонаи миллии библиографишиносӣ ва истеъмоли ибораҳои ҳаммаънои “феҳрист”, “китобнома”, “нишондиҳанда”, “феҳристнигорӣ”, “китобноманигорӣ”, “библиографинамоӣ”, инчунин набудани маркази ягонаи ҳамоҳангсозии истифодаи мафҳумҳо ва роҳандозии корҳои илмӣ-таҳқиқоти марбут ба масоили библиографишиносӣ, бо дарназардошти эҳтиёҷоти библиографии гурӯҳҳои гуногуни хонандагон нашр нашудани силсилаи дастурҳои библиографӣ, низоми дастрасӣ ба осори библиографӣ ва ғайра. Таҳқиқи чунин масоил барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва рушди ояндабинии соҳа заминаи хубе ба миён хоҳад овард. Масалан, бо омӯзиши ҳамаҷонибаи афкори библиографишиносии тоҷик метавон ҳалли баъзе аз масъалаҳоро, ба монандӣ:

– муайян намудани арзиш ва таъсири афкори библиографӣ ба рушди соҳа;

– ошкор сохтани саҳми олимони ҷудогона дар рушди библиографияи тоҷик;

– муайян кардани мавқеи афкори библиографони тоҷик дар замони ҷаҳонишавӣ;

– пешниҳод кардани тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба рушди соҳаи библиографияи тоҷик дар замони муосир ва ғайраро мушаххас намуд.

Ба андешаи мо, қабл аз ҳама, ба рушди библиографишиносии тоҷик, чунин омилҳо мусоидат кардаанд:

– нашри пайвастаи навъу шакл ва жанрҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ аз ҷониби муассисаҳои китобдорӣ, библиографӣ ва табъу нашр;

– ба фаъолият шурӯъ кардани бахшу шуъбаҳои мустақили илмӣ-таҳқиқотӣ, маълумотдиҳӣ-библиографӣ, библиографишиносӣ дар сохтори китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои библиографӣ;

– доир шудани конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва семинарҳои омӯзишӣ доир ба масъалаҳои библиографишиносӣ;

– таъсиси кафедраву шуъбаҳои таълимӣ доир ба омӯзиши масъалаҳои библиографишиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсуси китобдорӣ;

– ташкил ва баргузор шудани таҳқиқоти сотсиологӣ ва экспедитсияҳои илмӣ оид ба омӯзиши фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ;

– интишори рисола, маҷмӯаҳои илмӣ ва мақолаҳои ҷудогона оид ба масъалаҳои мубрами илми библиографишиносии тоҷик;

– пайдо шудани шуъбаи «Танқид ва китобиёт» дар саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳо;

– таъсиси матбуоти даврии тахассусӣ доир ба соҳаи китобдорӣ-библиографӣ;

– шомил шудани муҳаққиқони ҷавон ба аспирантураву докторантура ва дифои рисолаҳои илмӣ.

Яке аз омилҳои асосӣ барои пайдоиш, ташаккул, таҳаввул ва рушди афкори библиографишиносии тоҷик, қабл аз ҳама, таҳияву интишори силсилаи дастурҳои библиографӣ маҳсуб меёбад. Яъне оид ба ин ё он

мавзӯи мубрами давр тартиб дода шудани ин ё он намуди дастури библиографӣ барои мавриди арзёбӣ қарор додани мазмуну муҳтавои дастур ва ҷиҳати шаклгирию рушдёбии назарияи библиография шароит муҳайё месозад.

Таҷрибаи таҳияи дастурҳои библиографӣ дар Тоҷикистон дар даврони шуравӣ ҳанӯз аз солҳои 20-ум оғоз ёфта буд. Аввалин дастури библиографие, ки марбут ба омӯзишу тарғиби адабиёти тоҷик ихтисос дошт «феҳристи маъхазҳои асосӣ буд, ки устод С. Айнӣ дар охири «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааст»[37]. Роҷеъ ба мазмуну муҳтавои ин қисми асари безаволи устод Садриддин Айнӣ ва фаъолияти библиографии ӯ маълумоти амиқу мушаххас дар китоби Р. Шарофзода «Садриддин Айнӣ аз дидгоҳи библиографияи адабӣ» пешниҳод шудааст, ки дар самти омӯзиш ва таҳқиқи фаъолияти библиографии ашхоси муътабар таҷрибаи нахустин дар илми библиографишиносии тоҷик маҳсуб меёбад.

Солҳои минбаъда аз ҷониби муассисаҳои табъу нашр, марказҳои библиографӣ, китобхонаҳои оммавию илмӣ ва соҳавӣ дастурҳои мухталифи библиографӣ пайи ҳам интишор ёфтанд. Масалан, соли 1931 аввалин Феҳристи китобҳои Нашриёти давлатии Тоҷикистон[38] (ҳоло нашриёти «Ирфон») ба забони русӣ, ки 425 номгӯйи китобҳои тӯли солҳои 1926-1930 интишорёфтаро фаро мегирад, ба табъ расид. Соли 1936 шумораи дуюми Феҳристи нашриёти мазкур ба забони тоҷикӣ (ҳуруфоти лотинӣ) таҳти унвони «Каталоги нашрҳои Нашриёти давлатии Тоҷикистон»[39] бо теъдоди 1000 нусха, ки 618 номгӯйи адабиёти солҳои 1931-1935 нашршударо дар бар мегирад, аз чоп баромад. Соли 1939 аввалин дастури библиографии Палатаи китобҳои Тоҷикистон (ҳоло АМСБРСК – ХКТ) ба забонҳои тоҷикию русӣ таҳти унвони «Летописи китобҳо. №1. Солҳои 1937-1938. – Душанбе, 1939. – 40 с.»,

[37] Шарофзода, Р., Бӯриев Қ. Библиография // Энсиклопедияи миллии тоҷик. – Душанбе: СИЭМТ, 2013. – Ҷ.2. – С.555.
[38] Каталог государственного издательства Таджикистана. №1. – Сталинабад-Самарканд, 1931. – 30 с.
[39] Каталоги нашрҳои Нашриёти давлатии Тоҷикистон. №2. – Сталинобод-Самарқанд, 1936. – 48 с.

нашр шуд. Соли 1941 бори нахуст ду дастури библиографияи тавсиявии Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ[40] интишор ёфт. Ҳамин тавр, дар солҳои 40-50-ум ва солҳои минбаъда аз ҷониби Палатаи китобҳои Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (ҳоло КМТ), Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳоло Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) ва китобхонаҳои соҳавӣ теъдоди зиёди дастурҳои библиографӣ чоп шуданд. Масалан, тибқи маълумоти нишондиҳандаҳои библиографии «Нашри Китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ»[41] тӯли солҳои 1940-1990 аз ҷониби бахшу шуъбаҳои китобхонаи мазкур доир ба мавзуъҳои мубрами давр 605 номгӯи дастури гуногуншаклу гуногунжанри библиографӣ таҳияву интишор ёфтаанд.

Ба фаъолият шурӯъ кардани бахшу шуъбаҳои мустақили илмӣ-таҳқиқотӣ, маълумотдиҳӣ-библиографӣ, библиографишиносӣ дар сохтори китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои библиографӣ ҳамчун омили муҳим дар рушди библиографишиносии тоҷик низ мусоидат карданд.

Соли 1969 дар назди Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар асоси Низомномаи Китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В. И. Ленин (аз соли 1968) "Дар бораи кори илмӣ-тадқиқотии китобхонаҳои давлатии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ" шуъбаи илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил карда шуд. То таъсисёбии шуъба ин вазифа аз ҷониби дигар шуъбаҳо ва шахсони алоҳида ба тариқи умумӣ ва пароканда иҷро карда мешуд. Барои муттаҳид ва мутобиқ намудани корҳои илмӣ аз ҷониби шуъбаи мазкур «Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба китобхонашиносӣ,

---

40 Армияи сурх дар посбонии ватани сотсиалистӣ: нишондиҳандаи мухтасари адабиёт / тарт.: Р.О. Тальман, Н. Ражева, С. Икромова; муҳаррири масъул Д. Овчинникова. – Сталинобод, 1941. – 22 с.; М.Ю. Лермонтов (1841-1941): нишондиҳандаи мухтасари адабиёт / тарт.: Р.О. Тальман, С. Икромова; муҳаррирони масъул Д. Овчинникова, С. Иброҳимов. – Сталинобод, 1941. – 14 с.

41 Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ: нишондиҳандаи библиографӣ. Солҳои 1940-1972 / мураттибон И.С.Норкаллаев, Р.О.Тальман. – Душанбе, 1973. – 84 с.; Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ: нишондиҳандаи библиографӣ. Солҳои 1973-1982 / тарт.: И. С. Норкаллаев, А.И. Мурзинская. – Душанбе, 1982. – 101 с.; Нашрияҳои Китобхонаи миллии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ: нишондиҳандаи библиографӣ. Солҳои 1983-2003 / мураттибон: Ҷ.Р. Раҷабов, Г.С. Саъдиева, И.А. Рытикова; муҳаррири масъул Ш. К. Тошев. – Душанбе: Эҷод, 2004. – 116 с.

библиографияи миллӣ ва таърихи китоб дар ҷумҳурӣ барои солҳои 1971-1975» тартиб дода шуд. Шуъба барои дастраси китобшиносону китобдорони ҷумҳурӣ гардонидани дастурҳои методӣ ва дастурамалҳо хизмати шоистаро ба ҷо оварда, бо дарназардошти талаботи китобдорон ва хонандагон “Минимуми техникаи китобдорӣ” ва “Қоидаи истифодабарӣ аз китобхонаҳои оммавӣ”-ро тарҷума ва дастраси умум гардонид. Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон баъзе камбудиҳои кори илмӣ-тадқиқотӣ доир ба китобхонашиносӣ ва библиографияи миллӣ дар ҷумҳуриро ба назар гирифта, дар асоси фармони Вазорати маданияти ИҶШС (аз октябри соли 1971) “Дар бораи чораҳои оид ба минбаъд беҳтар намудани ташкили кори илмӣ-тадқиқотӣ дар масъалаҳои китобхонашиносӣ ва библиографӣ” (аз 3 феврали соли 1972) фармон баровард. Вазорат дар ин фармон вазифа, мақсад ва мазмуни кори шуъбаи илмӣ-тадқиқотиро муайян намуда, низомномае дар бораи шуъбаи мазкур тасдиқ кард. Инчунин бо мақсади мутобиқат ва таъйин намудани назорат аз болои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ Шуро оид ба ҳамоҳангсозии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ доир ба масъалаҳои китобхонашиносӣ ва назарияи библиография дар назди Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон ташкил карда шуд[42].

Ба андешаи муҳаққиқ Ш. Комилзода ба фаъолият шурӯъ намудани шуъбаи илмӣ-тадқиқотии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ барои тарҳрезии нақшаҳои корӣ, таҳияву чопи маҷмӯаҳои илмӣ, созмондиҳиву баргузории таҳқиқоти сотсиологӣ, ташкилу гузаронидани ҳамоишҳои илмии тахассусӣ ва ба низомдаророрию ҳамоҳангсозии фаъолияти илмиву таҳқиқотии бахшу шуъбаҳои китобхона мусоидат кард. Ҳамзамон тибқи нақшаи тарҳрезишуда Шуъба фаъолияти кориро дар самти таҳқиқи проблемаҳои таърихи кори китобхонаҳои Тоҷикистон, китоб ва хониш дар ҳаёти мардуми ҷумҳурӣ, омӯзиши фондҳои Китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ, хизматрасонии китобдорӣ-библиографӣ ба хонандагон,

[42] Мирзокаримов, Ҳ. Маркази илмии китобхонашиносӣ ва библиографияи миллии тоҷик // Маориф ва маданият. – 1972. – 30 ноябр.

муаммоҳои ташаккул ва рушди библиографияи адабии тоҷик, тарғиби адабиёт дар китобхонаҳоро ҷоннок намуд.[43]

Албатта чопи дастурҳои библиографӣ барои пайдоиши ҳаргуна мулоҳизаву афкор ва таҳлилу баррасии муаммоҳои ҷойдошта шароит муҳайё сохт. Дар ин робита дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва осори ҷудогона мулоҳизаҳои танқидӣ оид ба арзиши илмию методии дастурҳои интишорёфта ва тавсияҳои мушаххас ҷиҳати хостагириву тавсифнигории адабиёт ва беҳтар намудани услуби таҳияи онҳо дарҷ шуданд. Масалан, дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ оид ба нашри нишондиҳандаҳои библиографии "Мирсаид Миршакар",[44] "Китобшиносӣ дар Тоҷикистон: Таърихи китоб. Матбуот. Кори китобдорӣ. Библиографишиносӣ (1924-1974)",[45] китобномаи шарҳиҳолии "С. А. Раҷабов – олим, педагог ва ходими ҷамъиятӣ",[46] мулоҳизаҳои танқидии номзади илмҳои филологӣ, собиқ мудири Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири КМТ Абдуллоҷон Юнусов дарҷ шудааст. Аз ҷумла, оид ба дастоварду норасоиҳои нишондиҳандаи библиографии "Китобшиносӣ дар Тоҷикистон" А. Юнусов чунин нигоштаанд: "Ба наздики нахустин дар таърихи фаъолияти Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ нишондиҳандаи ҳаҷман калон таҳти унвони "Китобшиносӣ дар Тоҷикистон" аз чоп баромад, ки онро сарбиблиографи шуъбаи илмию тадқиқотӣ Людмила Григорьевна Козырева тартиб додааст. Дар нишондиҳанда, асосан, маводҳои ба забони русӣ, ки дар мобайни солҳои 1924-1974 оид ба масъалаҳои китобшиносии тоҷик нашр гардидаанд, гирд оварда шудааст. Маводҳои нишондиҳанда дар асоси картотекаи махсусе, ки мураттиб дар муҳлати шаш соли охир аз феҳристу солномаҳои мавҷудаи мамлакатамон, инчунин аз рӯи маводҳои фиристодаи олимони мутахассиси соҳаи китобхонашиносӣ ҷамъ намуда буд, гирд овардааст.

[43] Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С.30.
[44] Юнусов, А. Нишондиҳандаи библиографӣ // Маориф ва маданият. – 1962. – 22 сентябр.
[45] Юнусов, А. Саҳме дар китобшиносии тоҷик: Китобиёт // Маориф ва маданият. – 1980. – 28 август.
[46] Юнусов, А. Феҳрасти асарҳо // Тоҷикистони Советӣ. – 1982. – 8 декабр.

Дар он китобҳои илмӣ ва илмию оммавӣ, нашрҳои ҳуҷҷатӣ, материалҳои ахборӣ, маҷмӯаю тақриз аз рӯи аҳаммият ба таври интихоб мураттаб шудаанд. Дастури номбурда аз саҳвҳои ҷузъӣ низ эмин нест. Ҷузъи ибораю ҷумлаҳо норавшан аст. Хатоҳои имлоӣ ба чашм мерасанд. Чанде аз мақолаҳои ба мавзӯи қисмату фаслҳои нишондиҳанда вобаста буда, аз назари тартибдиҳанда дур мондаанд. Дар асар мувофиқ наомадани тартиби хронологӣ, номи муаллифони асару мақолаҳо ва санаҳои матбуоти даврӣ низ ба назар мерасад. Баъзан дар навишти библиографии адабиёт ва аннотатсияҳои асару мақолаҳо ягонагӣ риоя нашудааст. Унвони баъзе асару мақолаҳо нодуруст дода шудаанд. Ҷилди нишондиҳанда хеле нафис аст, ки баробари чанд маротиба истифода кардани он аз кор мебарояд. Бо вуҷуди ин нишондиҳанда, ки 1000 нусха чоп шудааст, барои олимону мутахассисон, аспирантҳою донишҷӯёни соҳаи илми китобхонашиносӣ, назарияи библиография, проблемаҳои умумии китобшиносӣ ва таърихи китоби тоҷик, инчунин кормандони матбуоту нашриёт, паҳнкунандагони китоб ва онҳое, ки ба тадқиқу омӯзиши масъалаҳои маданияти халқамон сару кор доранд, роҳнамои боэътимод шуда метавонад”[47].

Илова ба чопи мулоҳизаҳои танқидӣ оид ба нашри дастурҳои библиографӣ дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, ҳамзамон хулосаи нишондиҳандаҳои библиографӣ ба табъ расиданд, ки дар омӯзиш ва таҳқиқи назарияи библиографияи ашхоси муътабар мусоидат мекунанд. Масалан, соли 1986 аз ҷониби муҳаққиқ Ш. Тошев (Комилзода) хулосаи дастурҳои библиографии марбут ба зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода таҳти унвони «Мирзо Турсунзода» ба забони русӣ[48] ба табъ расид. Дар ин ҷузва 33 номгӯйи дастурҳои библиографии гуногунжанру гуногуншакл, ки аз ҷониби Китобхонаи давлатии ба номи А. Фирдавсӣ, КМИ  ба номи И. Ганди АМИТ, КДБҶ ба номи М.Миршакар ва

[47]Юнусов, А. Саҳме дар китобшиносии тоҷик: Китобиёт // Маориф ва маданият. – 1980. – 28 август.

[48] Мирзо Турсунзаде: обзор библиографических указателей / сост. Ш. Тошев; ред. С.Н. Гоибназаров; ГБТаджССР им. А. Фирдавси; ГРДБ ТаджССР. – Душанбе, 1986. – 17 с.

китобхонаҳои марказиву дигар идораву муассисаҳо ба табъ расидаанд, мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар заминаи истифодаи дастурҳои нашри алоҳида[49] равандҳои асосии таҳияи нишондиҳандаҳои библиографӣ: хостагирии адабиёт, багурӯҳдарории навиштаҷоти библиографӣ, тавсифнигорӣ ва дастгоҳи маълумотӣ-пажуҳишии нашрҳоро ба риштаи таҳрир дароварда, ба чунин хулоса омадааст: осори адиб ва ҳамзамон адабиёт доир ба эҷодиёти ӯ бештар тавассути дастурҳои библиографияи тавсиявӣ ва илмӣ-ёрирасон мавриди тарғиб қарор гирифтаанд; ба ифтихори ҷашнвораҳои шоир дастурҳои библиографии фардӣ чоп шудаанд; асарҳои Мирзо Турсунзода ва адабиёт доир ба зиндагинома ва эҷодиёти ӯ ҳамзамон дар дастурҳои библиографии умумӣ, соҳавӣ, мавзӯӣ, кишваршиносӣ ва библиографияи дохиликитобию дохилимаҷаллавӣ инъикос ёфтаанд. Дар баробари ин муҳаққиқ қайд менамояд, ки: новобаста аз он, ки шоир барои кӯдакону наврасон асарҳои хубу хондании бисёре офаридааст, дар ягон дастури таҳлилшуда қисми алоҳида ва ё бобу зербоб барои муаррифии асарҳои бачагонаи шоир ҷудо нашудааст; барои доираи васеи хонандагон ҳарчи бештар дастурҳои библиографияи тавсиявӣ бо дарназардошти таъйини аниқи хонандагӣ ва мақсаднокиашон таҳия карда шаванд; ба масъалаҳои сифат ва маҳаки хостагирии адабиёт, тавсифи библиографии осори тавсияшаванда, ороиши бадеӣ ва теъдоди нашри дастурҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад[50].

Барои баррасии масоили мубрами илми библиографишиносии тоҷик, бахусус омӯзиши масъалаҳои назариявии он баргузории чорабиниҳои илмӣ, аз қабили конференсияҳои илмӣ-назарӣ, семинарҳои омӯзишӣ ва нашри маҷмӯаҳои илмӣ мусоидат намуданд. 15-уми октябри соли 1970 аввалин конференсияи илмиву назарии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи

[49] Абрамов, П.Я., Қосимова, М. Мирзо Турсунзода: нишондиҳандаи библиографӣ. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1953. – 63.; Тальман Р.О., Явич, М.М. Мирзо Турсун-заде: библиогр.указ. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1953. – 67 с.; Турсунова, Л.В., Лейви, Д.С., Кононенко, Л.А. Мирзо Турсун-заде: библиогр.указ.. – Душанбе: Дониш, 1972. – 309 с.; Балуева, Л.А., Лейви, Д.С., Турсунова Л.В. Мирзо Турсун-заде: библиогр.указ.. – Душанбе: Дониш, 1981. – 324 с.; Сарояндаи куллаҳои заррин: нишондиҳандаи тавсифдори адабиёт. – Душанбе, 1981. – 24 с.

[50] Мирзо Турсунзаде: обзор библиографических указателей / сост. Ш. Тошев; ред. С.Н. Гоибназаров; ГБТаджССР им. А. Фирдавси; ГРДБ ТаджССР. – Душанбе, 1986. – С.10.

«Масъалаҳои инкишофи библиографияи миллии тоҷик» баргузор гардид ва соли 1973 нахустин маҷмӯаи илмии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ таҳти унвони «Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик» чоп шуд. Воқеан ба нақшу аҳаммияти ин ду рӯйдоди муҳимми соҳаи китобдории мамлакат китобшиноси маъруфи тоҷик Раҳимҷони Шарофзода, ки ҳам дар баргузории конференсия ва ҳам дар таҳияи маҷмӯа иштироки фаъол доштанд, баҳои баланд дода, аз ҷумла қайд намуданд, ки: «назарияи библиографияи мо – библиографишиносии тоҷик ҳоло ҷавон аст. Агар тақризу мулоҳизаҳо ва сарсухани худи дастурҳои библиографиро истисно намоем, он ҳамчун як соҳаи мустақили илм охири солҳои шастум ба вуҷуд омад. Дар ин муддати кӯтоҳ библиографишиносӣ як қатор масъалаҳои муҳимми ба библиографияи умумӣ ва соҳавӣ дахлдоштаро ҳамчун объекти таҳқиқот хоста гирифт ва аз ӯҳдаи ҳалли онҳо ҳам баромад. Гузаронида шудани конференсияи илмию назарӣ ва пешкаши хонандагон гардидани маҷмӯаи мақолаҳо аз ҳамин пешравӣ гувоҳӣ медиҳанд. Ҳам дар конференсияи илмӣ-назарӣ ва ҳам дар маҷмуа китобшиносон ба масъалаҳои мухталиф, вале хеле ҷиддии алҳол омӯхтанашудаи библиографияи умумӣ, ба проблемаҳои ҷудогонаи библиографияҳои соҳавӣ, инчунин ба масъалаҳои терминологияи библиография диққат зоҳир намуданд. Ин саъю кӯшиш на танҳо ба тараққиёти библиографишиносӣ, балки ба тарғибу оммавигардонии библиографияи миллӣ ва паҳн кардани донишҳои библиографӣ низ ёрӣ дод»[51]. Дар конференсия баъд аз сухани ифтитоҳии муовини вазири маданияти вақт Б.А. Ҳамроева, оид ба мавзӯи «Масъалаҳои инкишофи библиографияи миллии тоҷик» Р. Шарофзода маърӯза карданд. Сипас дар конференсияи нахустини библиографони ҷумҳурӣ маърӯзаҳои Д. Лейви «Вазифаҳои китобхонаҳои академикӣ дар соҳаи библиографияи кишваршиносӣ», Р. Кукушкина «Ташаккули библиографияи давлатӣ дар Тоҷикистон», Н. Краснова «Дар бораи библиографияи тиб», Ф.

[51] Шарофов, Р. Назаре ба библиографияшиносии тоҷик [Матн] // Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон: маҷмӯаи мақолаҳо / муҳаррир – тартибдиҳанда Р. Шарофов. – 1977. – С.64-74.

Бектимиров «Сарчашмаҳои библиографӣ оид ба таърихи Тоҷикистони шуравӣ» шунида шуд. Дар охир конференсия тавсиянома қабул кард, ки дар он барои беҳтар намудани кор дар соҳаи библиографияи миллии тоҷик ҳалли чунин масъалаҳо тавсия дода шуд:

1. Марказҳои библиографии ҷумҳурӣ (КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Палатаи китобҳои ҶШС Тоҷикистон, Китобхонаи маркази илмии АИ ҶШС Тоҷикистон, Китобхонаи илмии ДДТ ба номи В.И. Ленин, китобхонаҳои маркази илмӣ-тиббӣ ва илмӣ-техникӣ):

а). коркарди масъалаҳои муҳимро дар соҳаи библиографияи миллии тоҷик фаъол намоянд;

б). дар ҳамоҳангсозии муназзами фаъолияти хеш дар ин соҳа муваффақ шаванд.

2. Вазорати маданият, китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ҷиҳати тарғиби библиографияи миллӣ тавассути матбуот, радио, телевизион таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд, то ки он ба ҳайси яке аз манбаъҳои асосӣ дар кори ҳамаҷониба истифодабарии боигарии китобӣ табдил ёбад;

3. Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон ҷиҳати тезонидани ҳалли масъалаи дар сохтори КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ ташкил намудани Шуъбаи библиография миллӣ тадбир андешад;

4. Шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ корҳои таҳқиқотиро дар соҳаи библиографияи миллии тоҷик ҳамаҷониба вусъат бахшад. Ба коркарди назариявии масъалаҳои мубрами библиографияи миллӣ, ҳамоҳансозии кор дар ин соҳа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд;

5. Бо мақсади гузаронидани стандарнамоии истилоҳи китобдорӣ-библиографӣ ба забони тоҷикӣ Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон, КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ барои тартиб додани лоиҳаи стандарти истилоҳи китобдорӣ-библиографӣ ва ҳамзамон барои ба нашр омода намудани «Луғати истилоҳи китобдорӣ-библиографӣ» комиссия созмон диҳанд;

6. Кафедраи китобхонашиносӣ ва корҳои маданӣ-равшаннамоии факултети санъати Донишкадаи давлатии педагогии ба номи Т.Г. Шевченко дар тайёр кардани кадрҳои миллӣ аз рӯи ихтисоси китобхонашиносӣ ва библиография тавачҷуҳи хосса зоҳир намояд;

7. Комитет оид ба матбуоти назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, нашриёти «Ирфон» дар мувофиқа бо Вазорати маданият ва кафедраи китобхонашиносӣ ва корҳои маданӣ-равшаннамоии факултети санъати Донишкадаи давлатии педагогии ба номи Т.Г. Шевченко дар нақшаҳои худ тарҷума ва нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии асосиро оид ба китобхонашиносӣ ва библиография пешбинӣ намоянд[52].

Оид ба мубрамияти маърӯзаву гузоришҳои дар конференсияи нахустини библиографон баррасишуда афкору андешаҳои ҷолиб дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ таҳти унвонҳои «Конференсияи библиографҳо» (Тоҷикистони советӣ; Комсомоли Тоҷикистон. – 1970. – 18 октябр), «Ҷамъомади китобдорон» (Комсомоли Тоҷикистон. – 1970. – 21 октябр), «Библиографияи миллии тоҷик» (Маориф ва маданият. – 1970. – 20 октябр), «Первый республиканский» (Вечерний Душанбе. – 1970. – 15 октября), «Конференция библиографов» (Комсомолец Таджикистана. – 1970. – 16 октября), «Совет библиографов» (Коммунист Таджикистана. – 1970. – 18 октября) дарҷ шуданд.

Яке аз омилҳои калидии рушди илми библиографишиносӣ – таъсиси кафедраву шуъбаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсуси китобдорӣ маҳсуб меёбад. Маҳз таъсиси чунин ниҳодҳо барои бунёду ташаккули мактаби китобдорӣ, тарбияи мутахассисони баландихтисос ва бо ҳамин васила рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик мусоидат намуданд. Масалан, барои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани китобхонаҳои мамлакат, ҳанӯз моҳи феврали соли 1945 Техникуми ҷумҳуриявии китобдорӣ бо шуъбаи

---

[52] Вопросы развития таджикской национальной библиографии: материалы респ.науч.-теорет.конф., октябрь 1970 г. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С.91-92.

ғоибона ба фаъолият шурӯъ карда буд[53]. Тавассути таълими силсилаи фанҳои библиографишиносӣ донишҷӯён бори нахуст бо мафҳумҳои «библиография», «ахбори библиографӣ», «дастури библиографӣ», «хизматрасонии библиографӣ», «феҳристу картотекаҳо», «библиографишиносӣ» ва дигар мафҳумҳои марбут ба фаъолияти библиографӣ ошноӣ пайдо карданд. Минбаъд, таълими фанҳои библиографишиносӣ, пас аз таъсиси шуъбаи китобхонашиносӣ ва корҳои маданӣ-равшаннамоӣ (с. 1967) дар ҳайати факултети санъати Донишкадаи давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) нисбатан густариш ёфт. Дар заминаи шуъбаи китобхонашиносӣ ва корҳои маданӣ-равшаннамоии факултети санъати Донишкадаи давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (с. 1973) факултети мустақили китобдорӣ бо кафедраи китобхонашиносӣ ва библиография дар сохтори Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон (ҳоло Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода (минбаъд ДДФСТ ба номи М.Турсунзода) таъсис дода мешавад ва ниҳоят кафедраи библиографишиносӣ тибқи қарори Шурои илмии ДДСТ ба номи Мирзо Турсунзода аз 28 апрели соли 1978 аз кафедраи китобхонашиносӣ ҷудо гардида, ҳамчун кафедраи мустақил ба фаъолият шурӯъ менамояд. Собиқ декани факултети китобдорӣ А.Ҳ. Раҳимов нақши факултети китобдориро дар тарбияи мутахассисони ҷавони соҳа бисёр муҳим арзёбӣ намуда, чунин ишора менамояд: «Шукри тақдир, ки факултаи китобдории Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзодаи Тоҷикистон дар қатори таълиму тарбияи мутахассисони варзидаи китобдорӣ ва библиографӣ, дар рушду такомули илмҳои китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносии тоҷик давраи навро оғоз намуд. Имрӯз бисёр дастпарварони он аз қабили Ҷ. Шерматов, С. Сулаймонов, З. Шораҳматов, Ш. Тошев, Б. Холов, С.

[53] Из истории культурного строительства в Таджикистане. 1941-1960 гг. [Текст]: сб. док. и материалов. – Душанбе: Ирфон, 1972. – С.323.

Шосаидов ва дигарон бо рисолаю таълифоти дигари илмии худ мундариҷаи ин илмҳоро бою рангин гардондаанд. Фаъолияти илмию эҷодӣ ва омӯзгории онҳо дар якҷояги як мактаби махсуси илмиро ташкил мекунад. Поягузор ва пурнуркунандаи он мактаб профессор Раҳимҷон Шарофов мебошанд»[54]. Воқеан Раҳимҷони Шарофзода ҳамчун асосгузори назарияи библиографияи тоҷик дар пайдоиш, шаклгирӣ ва рушдёбии мактаби китобдорию библиографии тоҷик саҳми бузург гузоштаанд. Раҳимҷони Шарофзода аввалин шуда, соли 1971 оид ба мавзӯи «Баъзе масъалаҳои инкишофи библиографияи миллии адабӣ дар ҷамоҳири Осиёи Марказӣ»[55] рисолаи номзадӣ дифоъ менамоянд. Солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XX шогирдони олимони ҷавон А.Ҳ. Раҳимов, Ш. Комилзода (Тошев) ва С.Р. Муҳиддинов рисолаҳои номзадии худро дар шаҳрҳои Маскаву Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) бомуваффақият дифоъ намуданд.

Ҳамзамон зери роҳбарии Раҳимҷони Шарофзода устодон Г.А. Мушеев, Н.А. Сайфулина, А.Ҳ. Раҳимов, Ш. Тошев (Комилзода), С.Р. Муҳиддинов, Қ. Бӯриев (Абдураҳимзода), Г.Б. Маҳмудов, Қ. Авғонов (Ғуломзода) ҷиҳати таъмини кафедраи мустақили библиографишиносӣ бо барномаву дарсномаҳо ва маводи дигари таълимӣ кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Маҳз бо ташаббуси онҳо бори нахуст матни курси лексияҳо, нишондодҳои услубӣ барои иҷрои корҳои контролӣ, семинарӣ, амалӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ барои донишҷӯёни шуъбаҳои рӯзонаву ғоибона оид ба фанҳои таълимии «Библиографияи умумӣ», «Библиографишиносӣ», «Созмондиҳӣ ва услуби кори библиографӣ дар китобхонаҳо», «Библиографияи адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносӣ», «Библиографияи адабиёти ҷамъиятию сиёсӣ», «Библиографияи адабиёти илмӣ-табиатшиносӣ, техникӣ ва кишоварзӣ», «Библиографияи адабиёти иқтисодӣ», «Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон»,

---

[54] Раҳимзода, А. Ба ҷои охирсухан // Истилоҳномаи китобдорӣ / таълифи Пурии Султонӣ ва Фарвандин Ростин; таҳияи Сафар Сулаймон. – Душанбе, 1993. – С.209.

[55] Шарофов, Р. Некоторые проблемы развития национальной литературной библиографии в республиках Средней Азии (на материалах таджикской ССР) [Текст]: Автореф. дис… канд. пед. наук: 14.00.33 / Рахимджон Шарофов. – Москва: Мос. гос ин-т культуры, 1970. – 22 с.

«Библиографияи санъат», «Библиографияи кишваршиносӣ» ва як қатор курсҳои тахассусӣ тайёр карда шуданд. Аз ҷумла, бо ташаббуси Раҳимҷони Шарофзода соли 1981 барнома ва соли 1988 китоби дарсии фанни нави «Библиографияи адабии тоҷик» ба табъ расиданд[56]. Дар пешгуфтори китоби мазкур муаллифи он Раҳимҷони Шарофзода, аз ҷумла қайд карданд, ки «барои равнақи амалия ҳузури илм лозим аст. Набудани назарияи библиографияи тоҷик ҳамеша, дар тамоми давраҳои тараққиёти библиографияи мо эҳсос мешуд. Бахусус ниёзмандии мо ба назария баъди кушодани Факултети китобхонавӣ бениҳоят афзуд. Маҳз аз ҳамон айём мо ба коркарди фаъолонаи масоили библиографишиносӣ рӯ овардем. Дертар, аз соли 1972, баъди ҷамъоварии маводи муҳим таълими курси «Библиографияи адабии тоҷик» шурӯъ шуд. Батадриҷ таъмини донишҳои асосӣ оид ба ришта, роҳҳои ҳамоҳангсозии он бо илмҳои дигар, мушаххас намудани тарҳи инкишофиояндаи он имконпазир гашт»[57].

Нашри китоби дарсӣ воқеан яке аз дастовардҳои нахустин дар илми библиографишиносии тоҷик ба забони модарӣ маҳсуб ёфта, имкон дод, ки кулли мутахассисони соҳа, ҳам донишҷӯёну омӯзгорон ва ҳам муҳаққиқону библиографони касбӣ маротибаи аввал ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии библиографияи адабии тоҷик, шинос шаванд. Дар дарснома оид ба таъйини ҷамъиятӣ, худвижагӣ, усулҳо ва мабҳасҳои асосии библиографияи адабии тоҷик, массив ва сели чопи асарҳои адабиётшиносӣ ва танқид, эҳтиёҷоти ғайрикасбӣ ва касбии адабии библиографӣ, сарчашмаҳои асосии тавлид ва паҳннамоии ахбори библиографияи адабӣ, ташаккули ахбори адабии пешазинқилобии библиографияи тоҷик, самтҳои асосии ташаккули ахбори библиографӣ дар Тоҷикистон, махсусияти ташаккули системаи дастурҳои

[56] Библиографияи адабии тоҷик [Матн]: программаи курс барои факултети китобхонавӣ / мураттиб Р. Шарофов; Институти давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода. – Душанбе, 1981. – 17 с.; Шарофов, Р. Библиографияи адабии тоҷик [Матн]: Китоби дарси барои факултети китобхонавии Институти давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода / Р. Шарофов. – Душанбе, 1988. – 200 с.

[57] Шарофов, Р. Библиографияи адабии тоҷик [Матн]: Китоби дарси барои факултети китобхонавии Институти давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода / Р. Шарофов. – Душанбе, 1988. – С.3.

библиографияи адабии тоҷик, услуби библиографинамоии тавсиявии асарҳои адабиёти бадеӣ, адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ, услуби танзими дастурҳои илмию ёрирасони адабии библиографӣ, ташкили дастгоҳи маълумотию библиографии китобхонаҳои вилоятӣ ва системаи китобхонаҳои марказонидашудаи Тоҷикистон, пажуҳиши (таҳқиқи) библиографияи адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносӣ, имкониятҳои ахборию пажуҳишии системаи дастурҳои библиографияи тоҷик, роҳҳои минбаъдаи инкишофи библиографишиносии адабии тоҷик ва дигар масоили марбут ба вижагиҳои соҳавии библиографияи адабии тоҷик, тавлид ва истеъмоли ахбори библиографии адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносӣ маълумот дода шудааст. Дар китоби дарсӣ «масъалаҳои таҳлили дастурҳои адабии библиографӣ, таснифнависии осори бадеӣ, таснифи дастурҳо, библиографиянамоии осори адабӣ ва як зумра масоили дигар, ки то кунун донишҷӯён дар ҳалли онҳо душворӣ мекашиданд, ба тариқи муайян танзим шудаанд. То имрӯз роҷеъ ба ин бахш ягон китоби дарсӣ ба забони модарӣ мавҷуд набуд ва тарҷумаи китобҳои дарсии умумииттифоқӣ дар тӯли чанд сол амалӣ нашудааст. Дарснома аз назария ва амалияи илми советӣ бархурдор аст ва маводи ба тозагӣ таҳқиқшудаи он хусусияти миллӣ дорад. Ҳангомн баёни фикр, ибора, калимот ва ҷумлаҳои зебо ва пурмазмуни классикии тоҷик мавриди истифода қарор ёфтааст. Дар асар муаллиф нахустин бор истилоҳ ва калимоти марбути библиография, ки то имрӯз маъмул нашудаанд ва қобили қабуланд кор фармудааст. Барои азхудкунии истилоҳи нав дар охири китоб луғат оварда шудааст»[58].

Инчунин, нахустин таҳқиқоти мубрам марбут ба таърихи библиографияи тоҷик рисолаи «Ибни Сино ва библиографияи тоҷик»[59] ба ҳисоб меравад, ки аз ҷониби Р. Шарофзода дар соли 1990 ба забони русӣ таълиф шудааст. Дар он андешаҳои олим перомуни фаъолияти китобхонаи даврони Сомониён «Сивон-ул-ҳикмат», фаъолияти

[58] Муҳиддинов, С. Библиографияи адабии тоҷик // Омӯзгор. – 1989. – 23 май.
[59] Авиценна и таджикская библиография [Матн] / отв. ред. доктор филол. наук А.Л. Хромов. – Душанбе: Дониш, 1990. – 35 с.

библиографии Ибни Сино ва самтҳои асосии библиографияи тоҷик дар асрҳои IX-X арзёбӣ шудаанд.

Дар радифи Р. Шарофзода омӯзгорони дигари кафедраи библиографишиносӣ Г.А. Мушеев, Н.А. Сайфулина, А.Ҳ. Раҳимов низ бо таҳқиқоти анҷомдодаи худ мазмуну мундариҷаи на танҳо фанҳои таълимиро бою рангин гардониданд, балки бо пешниҳоди мақолаҳои илмӣ дар омӯзишу баррасии бештари масоили таҳқиқнашудаи илми библиографишиносии тоҷик саҳми муносиб гузоштанд. Аз ҷумла дар мақолаҳои Г.А. Мушеев «Оид ба масъалаҳои бунёди репертуари матбуоти миллии тоҷик», (соли 1973, ба забони русӣ), «Аз таърихи библиографияи давлатӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)» (соли 1974, ба забони русӣ), «Библиографияи илмӣ-ёрирасонӣ кишваршиносии Тоҷикистон дар давраи панҷсолаҳои пеш аз ҷангӣ» (соли 1981, ба забони русӣ), «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ва баъзе масъалаҳои беҳтарнамоии самаранокии он» (соли 1981), мақолаҳои Н.А. Сайфулина «Баъзе масъалаҳои инкишофи ахбори библиографии ҷорӣ оид ба илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» (соли 1973, ба забони русӣ), «Пайдоиши библиография дар матбуоти даврии Тоҷикистон» (соли 1981, ба забони русӣ), мақолаҳои А.Ҳ. Раҳимов «Назаре ба фаъолияти шуъбаи ахбороти илмии Китобхонаи Академияи фанҳои Тоҷикистон» (соли 1977), «Тарғиби китобдорӣ-библиографии осори Абӯалӣ ибни Сино» (соли 1981, ба забони русӣ), «Оид ба масъалаи давранигории таърихи ахбори библиографӣ дар Тоҷикистон» (соли 1983, ба забони русӣ), «Китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ маркази ахбороти библиографӣ оид ба маданият ва санъати Тоҷикистон» (соли 1983) бори нахуст масъалаҳои давранигории таърихи библиографияи тоҷик, бунёди репертуари матбуоти миллии тоҷик, таърихи ташаккули библиографияи давлатии тоҷик, рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷомеашиносӣ, кишваршиносӣ ва фарҳангшиносии тоҷик, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бахусус дар таҳқиқу асоснокнамоии масоили назариявию методологии библиографияи миллии тоҷик саҳми профессор Абдураҳим

Раҳимов хеле назаррас мебошад. Абдураҳим Раҳимов тавассути дифои рисолаи номзадӣ ва интишори осори арзишманди хеш тавонистанд, ки дар шаклгириву рушдёбии яке аз шохаҳои асосӣ ва хеле муҳимми библиографияи миллии тоҷик – библиографияи адабиёти ҷомеашиносӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда гузоранд. Соли 1982 дар шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) дар мавзӯи «Системаи ахбори библиографӣ ба ёрии инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон»[60] рисолаи номзадии худро дифоъ намуда, ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ сазовор мегарданд. Натиҷаи таҳқиқоти анҷомдода барои мукаммалгардонии мазмуну муҳтавои фанҳои таълимӣ, аз ҷумла таълими фанни «Библиографияи адабиёти ҷомеашиносӣ» дар факултети китобдории ДДСТ ба номи М. Турсунзода (ҳоло ДДФСТ ба номи М. Турсунзода) шароит муҳайё сохт. Илова бар ин, таҳқиқоти дигари ба анҷом расонидаи А. Раҳимов, аз қабили «Таҳкурсии ташаккули ахбори библиографӣ» (соли 1986), «Масъалаҳои библиографинамоии китобҳои қаламии форсӣ-тоҷикӣ. Вазъ ва роҳҳои муносибгардонӣ» (1986, ба забони русӣ), «Китоби қаламӣ ҳамчун объекти фаъолияти библиографӣ» (1989), дар ҳалли бештари масоили таҳқиқнашудаи библиографияи миллии тоҷик мусоидат карданд. Бахусус натиҷаи таҳқиқи вижагиҳои библиографинамоии китобҳои қаламии форсӣ-тоҷикӣ, ки дар заминаи омӯзиши осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба анҷом расидааст, барои асоснок намудани масъалаҳои назариявии мавзуъ чун раҳнамои бунёдӣ то имрӯз мавриди истифода қарор мегирад. Ин паҳлӯи фаъолияти илмии олимро муҳаққиқ Ш. Комилзода мулоҳизакорона таҳлил намуда, чунин ибрози ақида намудааст: «Асоснокнамоӣ ва муайянсозии хусусиятҳои хоси китобҳои қаламӣ ҳамчун мабҳаси фаъолияти библиографияи тоҷик санги маҳаки фаъолияти илмии А. Раҳимов мебошанд. Барои ҳамаҷониба муайяну мушаххас кардани хусусиятҳои хоси миллии

[60] Рахимов, А.Х. Система библиографической информации в помощь развитию общественных наук: история, состояние и преспективы развития [Текст]: дисс. канд. пед. наук. – Лелинград, 1982. – 255 с.

масъала ва фарқиятҳои он аз масоили шабеҳи дигар миллатҳо, олим хулосаҳои илмии олимони рус Н.В. Здобнов, Н.Ф. Бельчиков, Е.И. Шамурин, К.Н. Симон, Д.Ю. Тепловро мавриди баррасии амиқ қарор дода, бо далелҳои муътамади илмиву мантиқӣ ба исбот расонидааст, ки китоби қаламӣ дар радифи асарҳои чопӣ ба маҷмӯи объектҳои фаъолияти библиографӣ дохил мешавад»[61].

Роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти илмию эҷодии А. Раҳимов маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ таҳти унвони «Родмарде дар фарози фарҳанг»[62] таҳияву интишор шудааст, ки дар он андешаҳои ҷолиби муҳаққиқону коршиносон ва шогирдони А. Раҳимов перомуни хизматҳои эшон дар рушди соҳаи китобдорӣ, бахусус илми библиографишиносии тоҷик возеҳу равшан баён ёфтаанд.

Яке аз шогирдони дигари мактаби китобдории тоҷик Шариф Комилзода маҳсуб ёфта, дар рушду такомули библиография тоҷик саҳми муносиб гузоштааст. Фаъолияти илмӣ-омӯзгории ӯ аз соли 1979 баъд аз хатми Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, ба ҳайси омӯзгори кафедраи библиографишиносӣ оғоз меёбад. Ӯ дар баробари омӯзгори муваффақ будан, ҳамзамон ба таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон кӯшиш ба харҷ додааст. Охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри XX аввалин натиҷаҳои корҳои ӯ дар саҳифаҳои матбуоти даврии ҷумҳурӣ нашр мешаванд. Мазмуни муҳтавои мақолаҳои Ш. Комилзодаро аввал масъалаҳои мубрами соҳаи китобдории тоҷик, ба монанди: ҷалби хонанда ба китобхона, тарзу усулҳои самарабахши интихоби китоб, беҳтар намудани фаъолияти библиографии китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ, нақшу мақоми дастурҳои библиографӣ дар қонеъ намудани ниёзҳои иттилоотии

[61] Тошев, Ш. Муҳаққиқи илми библиография [Матн] // Родмарде дар фарози фарҳанг: маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти шодравон А.Ҳ. Раҳимов / мураттиб Қ.Ғ. Авғонов, зери назари К. Олимов; муҳаррир Ш. Тошев. – Душанбе: Санадвора, 2001. – С.39.

[62] Родмарде дар фарози фарҳанг [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти шодравон А.Ҳ. Раҳимов / мураттиб Қ.Ғ. Авғонов, зери назари К. Олимов; муҳаррир Ш. Тошев. – Душанбе: Санадвора, 2001. – 96 с.

хонандагон, услуби таҳияи навъу шакл ва жанри дастурҳои библиографии барои кӯдакону наврасон ва роҳбарони хониши онҳо таъйиншуда, ташкил доданд. Соли 1984 роҷеъ ба махсусияти услуби китобноманигории адабиёт барои кӯдакон ва наврасон дастури таълимӣ-методии "Библиографикунонии адабиёти бачагона"-ро[63] таҳия менамояд, ки дар он бо дарназардошти хусусиятҳои хоси синнусолии истеъмолкунандагони ахбори библиографӣ ва таъйини хонандагии дастурҳо – барои кӯдакону наврасон ва роҳбарони хониши онҳо (падару модарон, мураббияҳо, омӯзгорон, китобдорон) оид ба чаҳор давраи библиографинамоии адабиёт: тайёрӣ, аналитикӣ, синтетикӣ ва хотимавӣ маълумот дода шудааст. Истифодаи дастур ҳам барои донишҷӯён ва ҳам барои библиографони касбӣ ҷиҳати омӯзиши вижагиҳои услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ барои кӯдакону наврасон ва роҳбарони хониши онҳо мусоидат намуд. Ш. Комилзода соли 1989 дар мавзуи "Библиографияи тавсиявии адабӣ-бадеӣ ҳамчун воситаи тарбияи интернатсионалӣ ва ватандӯстии кӯдакон ва наврасон"[64] рисолаи номзадиро дифоъ менамояд. Дар рисола имкониятҳои айниву зеҳнии татбиқи маъмуриятҳои тарбиявии библиографияи тавсиявии адабӣ-бадеӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, асоснок карда шудаанд. Аз дидгоҳи илмӣ баррасӣ шудани хусусиятҳои хоси библиографияи тавсиявии адабӣ-бадеӣ ва муайян намудани мавқеи он дар низоми воситаҳои тарбияи интернатсионалистӣ ва ватандӯстии насли наврас, такмили услуби танзими дастурҳои мухталифи библиографӣ барои кӯдакону наврасон ва роҳбарони хониши онҳо, беҳтар намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти библиографии китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ – навигариҳои таҳқиқот маҳсуб ёфтанд. Хулоса ва тавсияҳои муҳаққиқ барои такмили услуби китобноманигории адабиёти бачагона, беҳтарсозии сифати нашр ва

---

[63] Тошев, Ш. Библиографикунонии адабиёти бачагона [Матн]: дастури таълимӣ-методӣ / Ш.Тошев. – Душанбе, 1984. – 15 с.

[64] Тошев, Ш.К. Литературно-художественная рекомендательная библиография как средство интернационального и патриотического воспитания детей и подростков (На примере Тадж. ССР) [Текст]: дисс. канд. пед. наук. – М.: МГИК, 1989. – 231 с.

тарҷумаи китобҳои бачагона, таъмини захираи китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ бо китобҳои ниёзи хониш, ташаккули фонди нашрҳои маълумотию библиографии ин китобхонаҳо ва баланд бардоштани савияи дониши тахассусии кормандони китобхонаҳо мавриди истифода қарор гирифтанд[65].

Муҳаққиқ Ш. Комилзода барои таъмини таълими фанни «Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон»[66] соли 2011 маводи омӯзиширо таҳти ҳамин унвон ба табъ расонид, ки дар он масъалаҳои нашри китоб барои кӯдакону наврасон, нашри асарҳои адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ, омилҳои инкишоф ва таҳавули библиографияи адабиёт барои кӯдакону наврасон, оид ба адабиёти кӯдакону наврасон, библиографияи библиографияи адабиёт барои кӯдакону наврасон, ташкили дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ, услуби муратабсозии дастурҳои библиографӣ оид ба адабиёти кӯдакону наврасон, тавсифнигории адабиёти кӯдакону наврасон, фаъолияти библиографии КДБҶ ба номи М. Миршакар, китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ дар шароити ҷаҳонишавии иттилооти электронӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Шариф Комилзода дар таҳқиқи фаъолияти муассисаҳои китобдорӣ – библиографии ҷумҳурӣ: Китобхонаи миллии Тоҷикистон (КМТ), Муассисаи давлатии "Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон" (АМСБРСК-ХКТ) ва КДБҶ ба номи М.Миршакар низ саҳм гузоштааст. Аз ҷумла, силсилаи мақолаҳои ӯ оид ба таърих, фаъолияти илмиву тадқиқотӣ, илмиву методӣ ва библиографии КМТ, саҳми КМТ дар рушди библиографияи миллӣ, ҷойгоҳи КМТ дар таҳияи феҳристҳои нусхаи хаттӣ, Хонаи китоби Тоҷикистон – маркази библиографияи давлатӣ, фаъолияти нашрӣ ва библиографии КДБҶ ба номи М.Миршакар ва

---

[65] Авғонов, Қ. Китобшинос [Матн]: китобномаи шарҳиҳолии Ш. Комилзода (Тошев). – Душанбе: Эҷод, 2008. – С.12.

[66] Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон [Матн]: мавод барои омӯзиши фан / зери назари Қ.Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 128 с.

ғайра бозгӯйи саҳми беандозаи Ш. Комилзода дар таҳқиқу натиҷагирӣ нисбати доираи васеъи масоили китобдорӣ ва библиографияи тоҷик мебошанд. Ин осор ҳамчун дастурамали илмию амалӣ ва таълимию методӣ ба муҳаққиқону унвонҷӯён, омӯзгорону донишҷӯён ва мутахассисони соҳа хизмат менамоянд[67]. Ҳамзамон, Ш. Комилзода тавассути чопи мақолаҳо ва китобномаҳои таҳиянамудааш дар рушди афкори библиографишиносии тоҷик ва библиографияи ашхоси муътабар саҳми назаррас гузоштааст.

Донишманди илми библиографишиносии тоҷик, доктори илмҳои таърих, профессор Сайдалӣ Муҳиддинов дар тарбияи мутахассисони ҷавони соҳаи китобдорӣ ва ҳалли масоили мубрами илми библиографишиносии тоҷик саҳми босазое гузоштааст. Фаъолияти илмӣ-амалии С. Муҳиддинов пас аз хатми Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба ҳайси мудири Китобхонаи илмии ҳамин донишкада оғоз шуда, баъдан аз соли 1979 то соли 1984 дар вазифаҳои саркитобдор, сармуҳаррир, мудири шуъбаҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ва ниҳоят солҳои 1998-2002 директори Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ фаъолияти самарбахш нишон додааст. Ӯ соли 1993 дар мавзӯи «Библиографинамоии минётурҳои форсӣ-тоҷикӣ: ҷанбаҳои фарҳангӣ-таърихӣ ва назариявӣ-услубӣ» рисолаи номзадиро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ бо муваффақият дифоъ менамояд. Аҳаммияти назариявӣ ва навгонии илмии рисола, қабл аз ҳама, дар он зоҳир гардид, ки муҳаққиқ ҷиҳати асоснокнамоии илмии мафҳуми «тасвири библиографии минётур» ва принсипҳои библиографинамоии ин намуди адабиёт дар дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони санъатшиносӣ кӯшиш ба харҷ додааст. Дар ҷараёни таҳқиқ мафҳуми «минётурҳои форсӣ-тоҷикӣ» аз нигоҳи илми санъатшиносӣ аниқ карда шуда, хусусиятҳои асосии эҳтиёҷоти

[67] Бӯриев, Қ., Шосаидзода, С. Олим ва библиографи варзида // Шариф Комилзода: китобномаи шарҳиҳолӣ / мураттибон: Қ. Бӯриев, С. Шосаидзода; муҳаррир: Ҳ. Сафарзода. – Душанбе: Бебок, 2018. – С.12.

иттилоотии муҳаққиқони минётур муайян шудаанд. Таҷрибаи библиографинамоии минётурҳои форсӣ-тоҷикӣ дар феҳристи дастнависҳо ва осори илмӣ-тадқиқотӣ таҳқиқ ва ҷамъбаст гардидааст. Асосҳои назариявӣ-методии китобноманигории минётурҳо такмил дода шудаанд, ки бевосита барои созмондиҳӣ ва батанзимдарории фаъолияти муассисаву ташкилотҳои ба омӯзишу китобноманигории маҳсулоти ин намуди санъат сарукордошта, мусоидат менамояд. Ҳамзамон масъалаҳои зикршуда бо таври возеҳу равшан инъикоси воқеии худро дар рисолаи «Минётурҳои форсӣ-тоҷикӣ ва принсипи библиографинамоии он»[68] пайдо намуданд, ки бешак барои библиографони касбӣ ва инчунин донишҷӯёну омӯзгорони донишкадаҳои китобдории мамлакат ҳамчун сарчашмаи боэътимод ҷиҳати омӯзиши вижагиҳои таҳияи дастурҳои библиографӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Аз ҷониби С. Муҳиддинов бори нахуст барои донишҷӯёни факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода китоби дарсии «Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон»[69] таҳия ва чоп шуд, ки бо истифода аз он на танҳо донишҷӯёну омӯзгорон, балки мутахассисони соҳаи китобдорӣ ва марказҳои библиографии ҷумҳурӣ метавонанд маълумотҳои заруриро оид ба таърихи пайдоиш, давраҳои ташаккул, таҳаввул ва рушди библиографияи кишваршиносии тоҷик дар замони шуравӣ, самтҳои асосии созмондиҳӣ ва услуби ин навъи библиография дар Тоҷикистон, аҳаммияти библиографияи кишваршиносӣ дар ҳаёти ҷомеа, мақоми он дар омӯзиши таърих, иқтисодиёт, фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоии халқи тоҷик, пайдо намоянд.

Соли 1998 китобчаи Қурбон Авғонов (Ғуломзода) таҳти унвони «Бобоҷон Ғафуров – библиограф»[70] ба табъ расид, ки дар он афкор ва

[68] Мухиддинов, С. Персидско-таджикская миниатюра и принципы ее библиографирования [Текст] / отв.ред. Л. Додхудоева. – Душанбе, 1999. – 179 с.

[69] Муҳидинов, С. Библиографияи кишваршиносии Тоҷикистон (замони шӯравӣ): китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 160 с.

[70] Авғонов, Қ. Бобоҷон Ғафуров – библиограф / зери назари проф. А. Раҳимов. – Душанбе: Санадвора, 1998. – 19 с.

андешаҳои Бобоҷон Ғафуров оид ба масоили китобноманигории манбаъҳои таърихӣ арзёбӣ шуда, дар заминаи таҳлили дастгоҳи илмию маълумотии китобҳои «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» ва «Тоҷикон» фаъолияти библиографии Бобоҷон Ғафуров дар таҳия ва танзими нишондиҳандаҳои мустақими дохиликитобӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Бо ибтикори муҳаққиқони соҳа Гадобек Маҳмудов ва Қурбон Авғонов барои донишҷуёни факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода китобҳои дарсии «Библиографишиносӣ»[71] ва «Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо»[72] таълиф шуданд, ки дар онҳо бори нахуст масъалаҳои назариявии марбут ба библиографияи умумии тоҷик ба забони давлатӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд. Метавон қайд намуд, ки ҳар ду китоби дарсӣ барои шинос намудани ҳам донишҷӯёну омӯзгорон ва ҳам муҳаққиқону мутахассисони соҳаи китобдорӣ ба асосҳои назарияи иттилооти библиографӣ, библиография ҳамчун соҳаи фаъолият, равандҳои фаъолияти библиографӣ, таснифи намудҳои библиография, библиографишиносӣ илм дар бораи библиография, библиография дар ҷаҳони муосир ва масоили умумии созмондиҳии фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо, бунёди дастгоҳи маълумотию библиографӣ, ташкил ва услуби библиографинамоӣ ва хизматрасонии библиографӣ дар китобхонаҳо, тарғиби донишҳои библиографӣ ва идоранамоии фаъолияти библиографии китобхонаҳо, ҳамчун манбаи нодири тахассусӣ хизмат мерасонанд.

Дар омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои таърихи библиографияи тоҷик, бахусус таърихи рушди библиографияи адабиёти кишоварзӣ саҳми олими варзидаи соҳаи библиография Қурбоналӣ Бӯриев (Абдураҳимзода) хеле назаррас аст. Дар тӯли умри кӯтоҳ вале бобаракати хеш Қ. Абдураҳимзода аз худ мероси гаронбаҳо боқӣ

---

[71] Маҳмудов, Г., Ғуломзода, Қ. Библиографишиносӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: Меҳрона, 2017. – 232 с.
[72] Авғонов Қ., Маҳмудов, Г. Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо: китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2012. – С.63.

гузоштанд. Фаъолияти илмию омӯзгории ӯ соли 1988 пас аз хатми Донишкадаи давлатии фарҳанги Маскав дар кафедраи библиографишиносии Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода оғоз меёбад. Аввалин мақолаи илмиаш соли 1993 таҳти унвони "Саҳми Китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ дар китобшиносии адабиёти риштаи пахтакорӣ" чоп мешавад. Соли 1999 зери назари академик Н. Неъматов ҷузваро бо номи "Библиография дар аҳди Сомониён" ба табъ мерасонад. Соли 2000 ӯ рисолаи номзадиро дар мавзӯи "Библиографияи фарҳанги заминдории халқи тоҷик" дифоъ менамояд. Худи ҳамон сол монографияи ӯ зери унвони "Пайдоиш ва рушди библиографияи кишоварзӣ" нашр шуд. Соли 2011 рисолаи "Таърихи библиографияи кишоварзӣ", соли 2014 рисолаи "Таърихи библиографияи тоҷик" (аз давраҳои қадим то охири солҳои 80-уми асри XX, ба забони русӣ) ва соли 2017 "Таърихи библиографияи тоҷик" (аз давраҳои қадим то ибтидои асри XXI, ба забони тоҷикӣ) интишор ёфтанд. Соли 2020 дар ду китоб бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳти унвони "Фаъолияти китобдорӣ дар пажӯҳишҳои илмӣ" маҷмӯаи мақолаҳои Қ. Абдураҳимзода ба табъ расиданд, ки тавассути онҳо мутахассисони соҳа, бахусус донишҷӯёну омӯзгорон ва муҳаққиқон ба масъалаҳои таърих ва назарияи библиографияи тоҷик ошно мешаванд. Илова бар ин, бо ибтикори Қ. Абдураҳимзода то имрӯз 9 ҷилди силсилакитоби "Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон" таҳия шуда, рӯйи чопро диданд. Дар ин силсилакитобҳо беш аз 300 мақола доир ба илмҳои китобшиносӣ, китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ ворид шудаанд ва бори нахуст маълумоти наву саҳеҳро ба хонанда пешниҳод менамоянд.

Дар таҳқиқу баррасии масоили гуногуни библиографияи тоҷик саҳми библиографи русзабони тоҷик номзади илмҳои таърих Людмила Григорьевна Козырева низ хеле калон аст. Ӯ ба ҳайси китобдор, сарбиблиограф, мудири Шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ хидмат намуда, зери қаламаш китобу дастурҳои библиографӣ,

мақолаҳои проблемавӣ, аз қабили «Китобхонаҳои Тоҷикистон», «Китобшиносӣ дар Тоҷикистон», «Китоб ва хониш дар ҳаёти деҳоти Ҳисор: натиҷаи таҳқиқот», «Вазъ ва роҳҳои мукаммалгардонии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносии Тоҷикистон» ва ғайраҳо таҳия ва нашр гардидаанд.

Барои рушди библиографишиносии тоҷик ва муайяну мушаххас намудани роҳҳои минбаъдаи инкишофи библиографияи тоҷик дар радифи дигар сарчашмаҳо, маводи аз натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ бадастомада низ метавонанд мусоидат намоянд. Масалан, охири соли 1978 ва ибтидои соли 1979 муҳаққиқони Шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии Китобхонаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ ҷиҳати омӯзиши майлу рағбатҳои хониши кормандони илм, аз ҷумла, ходимони пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, омӯзгорони макотиби олӣ, аспирантҳо ва муайян намудани нақшу мақоми  афзалияти манбаъҳои гуногунии пажуҳишӣ дар ҷустуҷӯ ва интихоби адабиёт таҳқиқоти сотсиологиро таҳти унвони «Китоб дар ҳаёти олимон» доир намуданд. Таҳқиқотчиён оид ба саволҳои пешниҳодгардидаи пурсишнома ҷавобҳои мувофиқ гирифтанд. Аз ҷумла, ба саволи «Кадом манбаъҳои пажуҳишӣ дар интихоби адабиёти зарурӣ ба Шумо кӯмак мерасонанд?», олимон чунин посух доданд: 90,3% – дастгоҳи маълумотдиҳӣ- библиографӣ (ДМБ); 51,1% – намоишҳои китобӣ; 50,0% – дастурҳои библиографӣ; 38,0% – тавсияи шиносҳо. Ҳамзамон таҳқиқот имкон дод, ки 63% посухдиҳандагон ҷиҳати беҳдошти вазъи хизматрасонии Китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ ибрози ақида намоянд. Масалан, ба ақидаи бештари онҳо бисёр хуб мешуд, ки: ба пажуҳишгарони ҷавон иҷозати ба хона гирифтани китобҳо дода шавад; баҳисобгирии воридоту содироти китобҳои АБК ба низом даровара шавад; фаъолияти муттасаддиён дар толори феҳристҳо беҳтар карда шавад ва ғайраҳо[73].

Ҳамзамон, Китобхонаи ба номи А. Фирдавсӣ соли 1986 бо мақсади муайян намудани самарабахшии истифодаи дастурҳои интишоркардаи

---

[73] Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С.33-34.

худ дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, таҳқиқоти сотсиологиро дар мавзӯи «Истифодабарии дастурҳои методию библиографӣ дар китобхонаҳои Тоҷикистон» доир намуд. Натиҷагирӣ аз таҳқиқоти мазкур имкон дод, ки дар радифи муваффақиятҳо, камбудиҳо низ ошкор карда шаванд. Аз ҷумла, муайян шуд, ки на ҳамаи китобхонаҳои ҷумҳурӣ сари вақт маводи чопкардаи Китобхонаи ба номи А. Фирдавсиро мегиранд ва мутаассифона на ҳамаи адабиёти дар дастурҳои библиографӣ воридшударо аз захираи китобхонаҳои шаҳриву ноҳиявӣ дарёфт кардан имконпазир аст[74]. Бинобар ин, бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур библиографони ҳирфаӣ вазифадор шуданд, ки минбаъд ҳангоми таҳияи дастурҳои библиографӣ сараввал теъдоди чопи адабиёти тавсифшаванда ва вазъи тақсими ин адабиётро ба китобхонаҳои ҷумҳурӣ муайян намуда, сипас номгӯйи онҳоро ба дастурҳои тавсияшаванда ворид созанд. Ин иқдом самарабахшии истифодаи дастурҳои библиографиро дар фаъолияти китобхонаҳо таъмин намуда, арзиши пажуҳишӣ ва методиву амалии дастурҳоро боло бурд ва сатҳу сифати хизматрасонии библиографиро беҳтар кард.

Ҳамин тавр, омӯзиши вазъи библиографишиносии тоҷик нишон дод, ки маҳз дар охири солҳои 60-уми асри XX библиографишиносии тоҷик ҳамчун соҳаи мустақили илм ба вуҷуд омад ва бо мусоидати як қатор омилҳо дар солҳои минбаъда рушду нумӯъ карда, барои пешрафти амалияи библиографияи тоҷик шароити мусоидро фароҳам овард.

---

[74] Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С.35.

## 1.2. Фаъолияти Палатаи китобҳои Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи давлатӣ дар солҳои 1960-1990.

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ба рушди библиографияи давлатӣ як қатор омилҳо мусоидат карданд. Қабл аз ҳама, интишори муназзами нашри даврӣ, ғайридаврӣ ва давомдор, қабул ва татбиқи санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба нусхаҳои ҳатмӣ, сари вақт қонеъ намудани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба иттилооти оҷилӣ, роҳандозии хадамоти маълумотӣ, иттилоотӣ ва тавсиявӣ-библиографӣ дар китобхонаҳо ва муассисаҳои дигари иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таъсиси палатаи китобҳо ҳамчун ниҳоди асосии библиографияи давлатӣ, тарбияи мутахассисони баландихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии китобдорӣ.

Заминаи асосии ташакули библиографияи давлатиро дар қаламрави давлати абарқудрати Шуравӣ декрети Шурои Комиссарони халқ "Дар бораи супоридани корҳои библиографии РСФСР ба Комисариати маорифи халқ" ташкил медиҳад, ки он 30 июни соли 1920 бо имзои Владимир Ильич Ленин қабул гардидааст[75]. Дар замони Шуравӣ вазифаи бақайдгирӣ ва ҳифзи ҳамаи намуди маҳсулоти чопӣ дар тамоми гӯшаю канори Иттиҳоди Шуравӣ ба зиммаи Палатаи умумииттифоқии китоб вогузор шуда буд, ки он дар соли 1917 таъсис ёфтааст. Инчунин, дар замони Шуравӣ ҳар як ҷумҳурии иттифоқӣ Палатаи китобҳои худро дошт, ки вазифаи асосии он бақайдгирӣ ва ҳифзи нусхаҳои миллии осори чопӣ, ки дар гӯшаю канори худ ба нашр мерасиданд, сару кор доштанд.

Омӯзиши марҳилаҳои инкишофи фаъолияти библиографӣ дар Тоҷикистон, маълум намуд, ки солҳои 1960-1990 библиографияи давлатӣ ба ҳайси библиографияи рушдёфта дар низоми библиографияи тоҷик мавқеи устуворро касб кардааст.

---

75. О передаче библиографического дела в РСФСР Народному комиссариату просвещения: Постановление Совнаркома РСФСР от 30 июня 1920 г. // Ленин и книга. – М.: Госполитиздат, 1964. – 426 с.

Библиографияи давлатӣ, пеш аз ҳама, вазифаи гирдоварию бақайдгирии давлатии осори чопиро ичро менамояд ва доир ба намудҳои гуногуни маҳсулоти чопӣ ба монанди китобҳо, тақризҳо, нотаҳо, мақолаҳо аз маҷаллаю рӯзномаҳо ва ғайра тавассути дастурҳои библиографӣ дар шакли чопӣ маълумот дода, фаъолияти ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва навидҳои илмию маданиро ба таври очилӣ (оперативӣ) ва тарҷейи ба доираи васеи хонандагон пешниҳод менамояд.

Омӯзишу таҳлилҳо нишон дод, ки эҳёи библиографияи давлатӣ дар Тоҷикистон ба таъсисёбии Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон (ҳоло АМСБРСК – ХКТ) вобастагии ногусастанӣ дорад. Дар даврони амалкарди давлати абарқудрат Шуравӣ, маркази назариву амалии миллии (ҷумҳуриявии) библиографияи давлатии тоҷик Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Бояд қайд кард, ки бақайдгирии библиографияи давлатӣ дар асосӣ нусхаҳои ҳатмии (назоратии) аз муасисаҳои табъу нашр, ноширон ва дигар муассисаҳо воридшуда роҳандозӣ гардида, аз ҷониби ходимони Палатаи китобҳои ҶШС Тоҷикистон таъмини пуррагии қайд ва ҳифзу нигоҳдории онҳо анҷом дода мешуд.

Дар замони Иттифоқи Шуравӣ дар ҷаҳон калонтарин низоми умумииттифоқии нусхаҳои ҳатмӣ роҳандозӣ шуда буд ва маҳз ҳамин низом имкон дод, ки ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо маҳсулоти чопии нашриётҳо таъмин карда шаванд. Ба шарофати ин иқдом фонди миллии китобхонаю иттилоотии кишвар ташаккул ёфт, библиографияҳои миллӣ ташкил карда шуданд, феҳристсозии мутамарказ ва баҳисобгирии библиографии маҳсулоти чопӣ ба роҳ монда шуд.

Дар замони Шуравӣ рушду такомули илму фарҳанг зарурати ҳифзу нигоҳдории нусхаҳои ҳатмии китобу матбуотро ба миён гузошт ва муассисаи давлатии «Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон» бо Қарори Кумитаи марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон аз 14-уми июли соли 1934 «Дар бораи васеъкунии маҷмӯи китобхонаҳо ва беҳтарнамоии ташкили кори китобхонаҳо дар Тоҷикистон» ва «Қарори

Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон» 20 - уми декабри соли 1935 дар назди Комиссариати маорифи халқ таъсис ёфт[76]. Мутобиқ ба ҳадаф ва вазифаҳояш Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ба ҳайси маркази библиографияи давлатӣ, омори матбуоти давлатӣ, библиографияи ҷорӣ ва тарҷеъӣ (ретроспективӣ), маркази сотсиологии омӯзиши проблемаҳои китоб ва хониш буда, бойгонии матбуотро нигоҳ медорад ва феҳристнигории мутамарказро анҷом дода, маводҳои илмию методиро оид ба тасвири библиографӣ ва таснифу гурӯҳбандии осори чопӣ таҳия менамояд.

Фаъолияти Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон асосан дар ду самт: ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, коркарди библиографӣ, таъмини арқоми мушаххас, ҳифзу нигоҳдорӣ ва дар асоси нусхаҳои воридшуда омода намудани нишондиҳандаи ҷорӣ ва тарҷеии библиографӣ, роҳандозӣ мешавад. Яъне, библиографияи давлатӣ дар Тоҷикистон аз нимаи дуюми солҳои сиюм оғоз ёфта, то солҳои 1960-1990 роҳи тӯлонии ташаккулро тай намудааст. Аз далелҳо бармеоянд, ки дар тӯли ташаккулёбии худ библиографияи давлатии тоҷик дастовардҳову мушкилиҳои зиёдеро паси сар намудааст. Мушкилоти мавҷуда аз ҷониби масъулини соҳа, ва библиографон пайваста роҳи ҳалли хешро меёфт ва дар ин раванд албатта ёрии библиографони ҷумҳуриҳои бародар хело чашмрас буд. Хусусан дар ташаккули библиографияи тоҷик библиографони рус хизматҳои шоиста кардаанд. Аз ҷониби онҳо тамоми маводи роҳбарикунанда, меъёриву ҳуқуқӣ, стандартҳои соҳавӣ, методиву библиографӣ пайваста таҳияву дастрас карда мешуданд ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ҳалли мушкилоти мавҷуда бевосита тавассути сафарҳои хидматӣ ёрии амалӣ мерасониданд. Бинобар ин, библиографияи давлатӣ дар ҶШС Тоҷикистон, чунонки пажуҳишҳои библиографишиносии шуравии тоҷик нишон медиҳад, пайваста ташаккул ва инкишоф ёфтааст. Бахусус библиографияи давлатии тоҷик дар солҳои 60-ум ба натиҷаҳои

[76]Буриев, Қ.Б. Из истории развития государственной учреждений Дом книги Таджикистана [Текст] / Қ.Б. Буриев // Вестник культуры: Научно – аналитическое издание. – 2016. – № 1 (33). – С. 42-53

назаррас ноил гардида буд ва ин давраи инкишофи онро метавон давраи пурраи ташаккули библиографияи давлатии тоҷик номид.

Таҳқиқот маълум намуд, ки аз аввали солҳои 60-уми асри XX Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи миллии тоҷик, ба ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи библиографияи давлатии тоҷик қадамҳои устувор гузоштааст. Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон дар баробари ҳалли вазифаҳои ба зиммааш вогузошта, аз ҷумла, қабул ва бақайдгирии давлатии нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо, назорати воридоти тамоми матбуоти чопии кишвар, таҳлил, коркард, таҳия ва интишори дастурҳои библиографияи ҷорӣ ва тарҷеъӣ, ҳамзамон, ба масъалаҳои ҷустуҷӯ, дарёфт ва бақайдгирии библиографии осори олимону адибони тоҷик ва умуман, осори тоҷиконе, ки дар тарҷума ва забони асл дар қаламрави кишварҳои узви Иттиҳоди Шуравӣ интишор ёфтаанд, таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ҳамзамон Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами фаъолияти палатаи китобҳои умумииттифоқ ва палатаҳои китобҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ амалӣ гардонидани вазифаҳои дигари библиографияи давлатӣ аз ҷумла, тартибдиҳии репертуари адабиёти миллии тоҷикро ба уҳда мегирад.

Чунонки таҳлил нишон дод Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон дар солҳои аввали таъсисёбиаш ба ҳаллӣ яке аз масъалаҳои барои таърих ва маънавиёти миллати тоҷик бениҳоят муҳим, ба монанди ҷамъоварӣ ва бақайдгирии китобҳои бо забони тоҷикии дар шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Тошканд, Қазон, Тифлис ва дигар шаҳрҳо интишорёфта, оғоз менамояд. Масалан, тибқи таҳлилҳои илмии муҳаққиқи библиографияи тоҷик Қ.Б. Бӯриев дар натиҷаи сафарҳои пурмаҳсули кормандони Палатаи китобҳои ҶШС Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон китобҳои тӯли солҳои 1928-1937 нашршуда, ки номгӯи онҳо дар маҷмӯъ беш аз 2040 ададро ташкил медод ва бо теъдоди

умумии 16250 нусха[77] дарёфт шуда, ба бойгонии Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон интиқол дода шудааст ва ин китобҳо то ба имрӯз дар бойгонии АМСБРСК – ХКТ ҳифзу нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар мақолаҳои муҳақиқи барҷастаи библиографияи шуравии тоҷик Г.А. Мушеев, аз ҷумла “Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои беҳтарнамоии самаранокии он” ва “К вопросу о создании репертуара таджикской национальной печати” фикру андешаҳо доир ба масъалаҳои таҷдид ва рушди библиографияи ҷорӣ ва тарҷеъии тоҷик баён шудааст. Масалан, муҳаққиқ Г.А. Мушеев дар мавриди масъалаи рушди дараҷаи самаранокии ахбороти библиографияи давлатӣ ва истифодаи оммавигардонии “Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон” менависанд, ки “баланд бардоштани дараҷаи самаранокии истифодабарии солнома дар баробари пурра будани бақайдгирии маҳсулоти чопии ҷумҳурӣ боз ба таври оперативона қонеъ намудани эҳтиёҷоти истеъмолкунандагони ахбороти библиографияи давлатиро талаб мекунад. Зеро, ташкили оперативонаи ахборот доир ба маҳсулоти чопии ҷорӣ хусусияти хоси библиографияи давлатӣ ва яке аз талаботҳои муҳими беҳтарнамоии системаи замонавии ахбороти библиографӣ мебошад”[78].

Дар даврони Шуравӣ дар ҶШС Тоҷикистон сол то сол теъдоди нашри китобҳо ва матбуоти даврӣ афзуда, ба рушди библиографияи давлатӣ ва умуман библиографияи тоҷик пайваста мусоидат мекунад. Масалан, агар дар соли 1928 яъне марҳилаҳои ибтидоии нашр дар ҶШС Тоҷикистон 56 номгӯй китоб бо 281 ҳазор нусха[79] чоп шуда бошад, пас

---

[77] Буриев, Қ.Б. Из истории развития государственной учреждений Дом книги Таджикистана [Текст] / Қ.Б. Буриев // Вестник культуры: Научно – аналитическое издание. – 2016. - № 1 (33). – С. 42-53.

[78] Мушеев, Г. Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои беҳтарнамоии самаранокии он [Матн] / Г.Мушеев // Бибилиографияшиносии Тоҷикистон. – Душанбе, 1981. – С. 95.

[79] Таджикистан за 40 лет [Текст]: статистический сборник / Центральное статистическое управление при Совете Министров Таджикской ССР. – Душанбе: Статистика, 1964. – С.201.

дар соли 1960 728 номгӯи китоб бо теъдоди умумии 3,894 ҳазор нусха[80] ба табъ расидааст.

Ҳамчунин, таҳлили маълумотҳои омории нашри адабиёт дар ҶШС Тоҷикистон, дар давраи панҷсолаи аввали марҳилаи таҳқиқотии мавзӯи рисола маълум намуд, ки дар ҷумҳурӣ афзоиши босуръати нашри осори чопӣ (теъдоди китобҳо ва матбуоти даврӣ) ба назар мерасад ва барои исботи фикр, зарур дониста шуд, ки ҷадвалҳои маълумоти омории нашри адабиёт ва матбуоти даврӣ дар солҳои 1960 – 1966 таҳия карда шаванд (муфассалтар ниг. ба ҷадвалҳои №1 ва 3-и замима).

Чунонки аз таҳлили нишондоди ҷадвали №1 бармеояд, гарчанде, ки дар нимаи якуми солҳои 60-уми асри XX тамоюли кам шудани номгӯи асарҳои чопӣ ба мушоҳида расад ҳам, вале дар ин давра теъдоди нашри асарҳои чопшуда тадриҷан афзудааст. Масалан, агар соли 1960, 728 номгӯи китоб нашр шуда бошад, соли 1966, 636 номгӯи китоб чоп шудааст, ки нисбат ба соли 1960 92 номгӯй кам мебошад. Теъдоди нашри китобҳо бошад аз 3,894 нусха ба 4,854 нусха расидааст. Ва ё тибқи маълумоти Палатаи китобҳои ҶШС Тоҷикистон, масалан, соли 1964 «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ иборат аз 9 ҷилд бо теъдоди 36 ҳазор нусха, «Асарҳои мунтахаб»-и Абдураҳмони Ҷомӣ иборат аз 5 ҷилд бо теъдоди 35 ҳазор нусха, «Мавҷҳои Днепр»-и Муъмин Қаноат бо теъдоди 30 ҳазор нусха, мунтахаботи ашъори Нақибхон Туғрал бо теъдоди 25 ҳазор нусха рӯи чопро диданд[81]. Худи ҳамон сол ва солҳои минбаъда асарҳои адибони тоҷик ба забони русӣ аз ҷониби нашриёти «Ирфон» бо теъдоди зиёд нашр шуданд. Аз ҷумла соли 1964 романи Ҷалол Икромӣ «Тори анкабуд» («Паутина») бо теъдоди 50 ҳазор нусха, соли 1965 «Рубоиёт»-и Умари Хайём, асари Убайд Раҷаб «Мӯзаҳои ҷодугарӣ» («Волшебные сапоги»), соли 1965 асари Акобир Шарифӣ «Хари лофзан» («Хвастливый осёл») ҳар кадоме бо теъдоди 100 ҳазор нусхагӣ ба табъ расиданд. Ҳамзамон солҳои 60-ум аз ҷониби нашриётҳои

[80] Тоҷикистон дар зарфи солҳои Ҳокимияти Советӣ [Матн]: маҷмӯаи материалҳои статистикӣ. – Душанбе: Статистика, 1967. – С. 183.

[81] Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: феҳраст (солҳои 1962-1966) / тарт.: М. Ахмедова, Р. Кукушкина; муҳ. Р. Иброҳимов. – Душанбе, 1967. – С.260-280.

Тоҷикистон осори адибони рус ба забони русӣ бо теъдоди зиёд низ интишор ёфтанд. Масалан, соли 1962 Нашриёти давлатии Тоҷикистон романи насрнавис Минел Левин «Пароль остаётся прежним»-ро бо теъдоди 150 ҳазор нусха, соли 1963 повести адиби рус Владимир Мильчаков «Таких щадить нельзя»-ро бо теъдоди 200 ҳазор нусха ва соли 1966 нашриёти «Ирфон» романи адиби рус Павел Лукницкий «Ниссо»-ро бо теъдоди 100 ҳазор нусха чоп карданд. Ҳамин тавр зиёд шудани нашри осори чопӣ барои рушди библиографияи давлатӣ ва ҳамзамон таҳияи навъҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ дар ҷумҳурӣ шароит фароҳам овард.

Тӯли солҳои 1960-1966 шумораи маҷаллаҳо низ нисбатан кам шуда, теъдоди нашрашон зиёд мегардад. Масалан, агар соли 1960 ҳамагӣ 52 номгӯи маҷаллаҳо нашр шуда бошад, соли 1966 номгӯй онҳо 10 адад кам шуда, ҳамагӣ 42 номгӯй нашр шудааст. Адади нашри солонаи ҳамаи шумораи маҷаллаҳо бошад аз 1634 нусха ба 4,979 нусха мерасад, ки нисбат ба нашри соли 1960, 3345 нусха зиёд шудааст (муфассалтар ниг. ба нишондоди ҷадвали №2).

Тибқи маълумоти ҷадвали №3 дар солҳои 1960-1966 ҳам шумораи рӯзномаҳо ва ҳам теъдоди нашри онҳо тадриҷан афзудааст. Масалан агар соли 1960, 42 шумораи рӯзномаҳо бо теъдоди 90 миллион нусха чоп шуда бошанд, пас соли 1966 мутаносибан 52 номгӯи маҷалла бо теъдоди 128 миллион нусха нашр шудааст (муфассалтар ниг. ба нишондоди ҷадвали №3).

Оид ба зиёд шудани теъдоди чопи китобҳо дар давраи таҳқиқотӣ, гузоришҳои Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон низ маълумот медиҳанд. Масалан, тибқи гузоришҳои Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон оид ба бақайдгирии библиографияи давлатии китобҳо танҳо дар давоми 7 моҳи соли 1975 муассисаи мазкур аз нашриётҳои «Ирфон», «Дониш» ва матбааҳои ҷумҳурӣ 508 номгӯи китобу рисола гирифтаст, ки ин далели равшани рушд ёфтани нашри адабиёт ва мусоидати он ба инкишофи фаъолияти библиографияи

давлатӣ дар ҶШС Тоҷикистон мебошад[82]. Ва ё тибқи иттилои Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон, агар соли 1928 дар ҷумҳурӣ бо тиражи 281 ҳазор нусха 56 номгӯй китоб нашр шуда бошад, пас соли 1974-ум бо тиражи 6 миллиону 245 ҳазор нусха 854 номгӯй китоб чоп шуд[83].

Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи давлатӣ ҷиҳати иҷрои рисолаи асосии хеш – таҳияву интишори дастурҳои библиографии ҷорӣ ва тарҷеъӣ саҳми муносиб гузоштааст. Маҳз тавассути фаъолияти гуногунпаҳлуи Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон шохаҳои гуногуни библиографияи давлатӣ низ инкишоф ёфтанд.

Аввалин нашрияҳои иттилоотии библиографияи давлатии тоҷик соли 1939 зери унвонҳои «Солномаи китобҳо», «Солномаи мақолаҳои маҷаллаҳо» ва «Солномаи мақолаҳои рӯзномаҳо» дар алоҳидагӣ бо се забон: тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ бо ҳуруфоти лотинӣ ва кирилӣ ба табъ мерасанд. Масалан, чопи «Солномаи мақолаҳои рӯзномаҳо» таҳти унвони «Летописи мақолаҳои газетавӣ» дар як сол 4 маротиба ба роҳ монда шуда буд. Ин солнома зери ҳамин унвон солҳои 1940, 1948 (№№1-3), 1949 (№№1-2) низ ба табъ мерасад. Аммо то нашри соли 1948 навиштаҷоти библиографӣ дар солнома рақамгузорӣ нашуда буд ва ҳамзамон дар нашрҳои минбаъдаи солнома ягон навъи кумакфеҳристҳо ҳузур надоштанд.

Соли 1941 Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон солномаи китобҳо, маҷаллаҳо ва рӯзномаҳоро муттаҳид карда, таҳти унвони ягонаи «Летописи матбуоти Тоҷикистон»[84] нашри солномаро ба роҳ мемонад. Дар шумораи якуми солнома 326 номгӯи адабиёт номнавис

[82] Бӯриев, Қ. Хонаи китоби Тоҷикистон: таърих, вазъ ва мушкилот // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Қ.Б. Бӯриев; муҳаррир: Ш. Комилзода. – Китоби VI. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С.351.

[83] 40 соли пуршараф: оид ба фаъолияти Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон. – Душанбе: ПДК РСС Тоҷик, 1975. – №9. – С.4.

[84] Летописи матбуоти Тоҷикистон: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. Соли сеюми нашриёт. Январи соли 1941 / мураттибон: А. Абдусаламов, С. Иброҳимов, Л.В. Успенская; муҳаррирон: И.М. Шутов, А. Шукуров. – Сталинобод: ПДК РСС Тоҷик., 1941. – 34 с.

шуд, ки аз ин ҳисоб 160 номгӯйи адабиёт ба забони тоҷикӣ, 70 номгӯй ба забони ӯзбекӣ ва 96 номгӯй ба забони русӣ мебошад. Мураттибони ин нашр А. Абдусаламов, С. Иброҳимов, Л.В. Успенская ва муҳаррирони нашр: И.М. Шутов ва А. Шукуров буданд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳангоми таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои оҷили иттилоотӣ оид ба матбуоти чопӣ дар ҶШС Тоҷикистон маълум гардид, ки дар замони Шуравӣ ягона сарчашмаи ҷории иттилоотӣ доир ба осори чопӣ дар ҷумҳурӣ ин «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ба ҳисоб мерафт. Мутаассифона нашри солномаи мазкур дар ҳамин шакл дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ қатъ мегардад. «Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватани фаъолияти нашрии Палата қатъ гардида бошад ҳам, вай ҳар моҳ ба китобхонаҳои калонтарини республика рӯйхати дар машинка чопшудаи китобҳо ва мақолаҳоро мефиристод»[85]. Воқеан ин рӯйхатҳои таҳиякардаи Палатаи китобҳо имрӯз ҳам арзиши пажуҳишию услубии худро нигоҳ дошта, дар раванди хизматрасонии маълумотию библиографии китобхонаҳо бештар истифода мешаванд. Масалан, дар захираи Шуъбаи библиографияи миллии КМТ рӯйхати китобу мақолаҳои дар солҳои 1941-1945 ба табърасида, ки аз ҷониби Палатаи китобҳо таҳия шуда, ба китобхона фиристода шуда буд, имрӯз дар ҷузвадонҳои алоҳида нигоҳ дошта мешаванд ва пайваста бо дарназардошти дархости хонандагон мавриди истифода қарор мегиранд.

«Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» бештар дар фаъолияти илмию таҳқиқотии олимону муҳаққиқони соҳаҳои мухталифи илм, донишҷӯёну омӯзгорон, китобдорону библиографон, кормандони ниҳодҳои давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятию сиёсӣ, марказҳои хизматрасонии иттилоотӣ ва дигар соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқи ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор мегирад. Ҳадафи асосии он оҷилан ба истеъмолкунандагони ахбори библиографӣ расонидани иттилоот дар бораи нашри китобу ҷузва ва матбуоти даврии тозанашр мебошад.

---

[85] 40 соли пуршараф: оид ба фаъолияти Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон. – Душанбе: ПДК РСС Тоҷик, 1975. – №9. – С.4.

Нашри мунтазами солнома дар самти баланд бардоштани иттилооти библиографияи ҷории давлатӣ дар ҶШС Тоҷикистон бевосита мусоидат кард ва дар заминаи он фаъолияти ПДКТ сол то сол сермаҳсул ва рангин гардид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки соли 1948 аз ҷониби Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон таҳти унвони «Солномаи китобҳо ва маҷаллаҳо»[86], ки адабиёти соли 1947 нашршударо фаро мегирад, низ ба табъ расид. Дар поёни ҳар як тасвири библиографии китобҳо рақами тартибии қайди Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон ва соли ба ҳамин идора ворид шудани китоби мазкур нишон дода шудааст. Ин солнома адабиёти ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ чопшударо инъикос намуда, бо теъдоди 500 нусха нашр шудааст. Соли 1949 Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон нашри дигари солномаро таҳти унвони «Солномаи китобҳои соли 1949»[87]-ро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бо теъдоди 500 нусха ба табъ мерасонад. Дар ин солнома бори нахуст ҳамчун дастгоҳи маълумотдиҳандаи дастур – «нишондиҳандаи алифбоии муаллифони китобҳо ва китобҳои бемуаллиф» ворид карда шудааст, ки то андозае кори пажуҳиши асарҳои заруриро осон мегардонад.

Аз соли 1950 нашри ҷории библиографияи давлатӣ аз сари нав ба роҳ монда мешавад ва минбаъд «Летописи матбуоти Тоҷикистон» бо тартибу низоми муайян ба забонҳои тоҷикиву русӣ соле 6 маротиба бо теъдоди 400 нусха ҳар шумора, нашр мегардад. Дар ин солнома асосан номгӯи китобҳо, мақолаҳои маҷаллаҳои «Хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон», «Болшевики Тоҷикистон», «Шарқи Сурх», «Мактаби советӣ», маводҳои ҳуҷҷатӣ, асарҳои бадеии рӯзномаҳои ҷумҳуриявию вилоятии Тоҷикистон, аз қабили «Тоҷикистони сурх», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Газетаи муаллимон», «Болшевики Ғарм», «Бадахшони

---

[86] Солномаи китобҳо ва маҷаллаҳо [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон / тарт.: С. Иброҳимов, Т. Поддимникова; муҳ. П.Я. Абрамов. – Сталинобод: Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон, 1948. – 56 с.

[87] Солномаи китобҳои соли 1949 [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон / тарт.: С. Иброҳимов, М. Аҳмедова; муҳ. Р. Обидов. – Сталинобод: Палатаи китобии давлатии РСС Тоҷикистон, 1949. – 48 с.

Сурх», «Ҳақиқати Ленинобод» ва «Ҳақиқати Кӯлоб» ба қайд гирифта мешуданд[88]. Аз шумораи дуюм дар сохтори солнома нишондиҳандаи номӣ ворид мегардад. Умуман дар 6 шумораи соли нашри 1950-и «Летописи матбуоти Тоҷикистон» ҳамагӣ 5863 номгӯй китобу мақола ба қайд гирифта шудааст, ки аз ин ҳисоб 3090 номгӯи адабиёт ба забони тоҷикӣ ва 2773 номгӯи адабиёт ба забони русӣ мебошад[89].

Аз соли 1951 нашри «Летописи матбуоти Тоҷикистон» дар як сол 4 маротиба ба роҳ монда мешавад ва дар он танҳо адабиёти ба забонҳои тоҷикию русӣ интишорёфта дар ду қисм: китобҳо ва рӯзномаву маҷаллаҳо ба қайд гирифта шуданд. Солнома аз шумораи якуми соли 1953 таҳти сарлавҳаи «Летописи матбуоти РСС Тоҷикистон» нашр шуд. Аз шумораи дуюми соли 1953 дар солнома навиштаҷоти библиографӣ дар ду қисми мустақил: «Летописи китобии РСС Тоҷикистон» ва «Летописи мақолаҳои журналу газетаҳои РСС Тоҷикистон» ба қайд гирифта шуд[90]. Аз шумораи сеюми соли 1953 дар сохтори «Летописи матбуоти РСС Тоҷикистон» бахши адабиёт ба забони ӯзбекӣ ҳамроҳ карда мешавад. Аз шумораи чоруми соли 1954 солнома таҳти сарлавҳаи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» нашр шуд.

Шумораи якуми соли 1962-и «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» бо сарсухан таъмин карда шудааст. Дар сарсухан қайд гардидааст, ки дар солнома маводҳо тибқи нақшаи таснифотие, ки библиографияи давлатӣ қабул кардааст, ба низом даровардa шудааст. Солномаи матбуот аз ду қисм: «Солномаи китобҳо» ва «Солномаи мақолаҳои журналу газетаҳо» иборат буда, адабиёти ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ интишорёфтаро фаро гирифтааст. Дар «Солномаи китобҳо» китобҳо, нашрҳои давомдор, авторефератҳо, нотаҳо ва плакатҳо ба забони аслиашон бо тарҷумаи мухтасар ба забони русӣ дохил карда

---

[88] Летописи матбуоти Тоҷикистон: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. Нашри соли 11-м. №1, январ, феврали соли 1950 / тарт.: С. Иброҳимов, М. Аҳмедова, Т. Поддимникова; муҳ. Р. Обидов. – Сталинобод: ПДК РСС Тоҷик., 1950. – №1. – С.3.

[89]Летописи матбуоти Тоҷикистон: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. Нашри соли 11-м. №6, ноябр, декабри соли 1950. – Сталинобод: ПДК РСС Тоҷик., 1951. – №6. – 100 с.

[90] Летописи матбуоти РСС Тоҷикистон: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. Нашри соли 14-м. №2, апрел-июни соли 1953. – Сталинобод: ПК РСС Тоҷик., 1953. – №2. – 84 с.

шудааст. Китобҳое, ки дар як вақт бо ду ё се забон нашр шудаанд, тасвири тоҷикии китоб дода шуда, зери он бо ишораи «Боз ҳамин» ба дигар забонҳо нашр шудани китоб нишон дода шудааст. Дар қисми «Солномаи мақолаҳои журналу газетаҳо» мақолаҳо, маводи ҳуҷҷатию таърихӣ, асарҳои адабӣ-бадеии дар матбуоти даврии ҷумҳурӣ чопшуда, дар алоҳидагӣ ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ ба қайд гирифта шудаанд[91].

Пас аз барқарор намудани нашри «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон», яъне, аз соли 1950 дар саҳифаҳои он адабиёт бо се забонҳои асосии ҷумҳурӣ (тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ) ба қайд гирифта шуда, то соли 1973 пайваста чор шумора дар як сол нашр мегардид.

Палатаи давлатии китобҳо ҳамчун маркази асосии библиографияи давлатӣ дар ҶШС Тоҷикистон барои рушду нумӯи библиографияи давлатӣ саҳми муносиб гузоштааст. Аз рӯзҳои нахустини оғози фаъолияташ Палатаи давлатии китобҳо диққати асосиро ба масъалаи аз назари илмӣ созмондиҳии библиографияи давлатӣ дар ҷумҳурӣ равона мекард. Палатаи китобҳо дар солҳои 60-уми асри XX алакай таҷрибаи ғании истифодаи усулҳои пешқадами таҳияи дастурҳои библиографиро касб карда буд ва вобаста ба талабу дархостҳои хонандагон ва имкониятҳои дастраси ба иттилоот дар низоми библиографинамоии адабиёти универсалӣ қолабҳои навро дар қисмати дастгоҳи пажуҳишии нашри дастурҳо ворид менамуд. Масалан, дар мундариҷаи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» мураттабсозии адабиёт тибқи таснифоти соҳаҳои дониш сурат мегирифт, аз моҳи июни соли 1978 (№ 6 соли 1978) тарзи нави таснифот дар мураттабсозии адабиёт роҳандозӣ гардид ва нашрҳои минбаъда аз рӯи “Нақшаи ягонаи таснифоти адабиёт барои китобнашркунӣ дар СССР” мураттаб мегардиданд ва дар нитиҷа шуъбаҳои таснифот аз 30 адад ба 50 адад расонида шуд. Чунин тағйирот дар қисмати дастгоҳи пажуҳишии нашр доираи васеъи имконияти

---

[91] Сарсухан // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: ПК РСС Тоҷик., 1962. – №1. – С.3-5.

кушодани мазмуни адабиётро дар солнома муҳайё намуд, ки он ба беҳтаршавии сифати методии он ёри расонид[92].

Интихоби даврабандии мавзуъ ба марҳилае рост моянд, ки дар ин давраи омӯзиш дар сохтори "Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон" тағйиротҳои муҳимму зарурӣ ворид гардида буданд, ки дар натиҷаи онҳо доираи бақайдгирии намудҳои ҷудогонаи осори чопӣ ва интихоби он васеътар мегардад. Қайд кардан ба маврид аст, ки то соли 1960 дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» танҳо инъикоси тасвири библиографии китобҳо, автореферати рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳо бахшида ба мавзуҳои муҳим аз рӯзномаю маҷалаҳо оварда мешуданд. Дар ҷараёни амали намудани самти таҳқиқотии мавзуъ маълум гардид, ки афзоиши доираи дарбаргирӣ ва бақайдгирии намудҳои гуногуни асарҳои чопӣ дар солномаи мазкур ба солҳои 60-уми асри XX рост меояд. Масалан, дар ин давра махсусан, соли 1960 дар солнома инъикоси тасвири библиографии асарҳои мусиқи "Нотаҳо" илова мегардад ва ин раванд дар солҳои ояда низ идома ва рушд меёбад[93].

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз принсипҳои асосии библиографияи давлатӣ ин пуррагии иттилоот ва самаранокии истифодабарии он маҳсуб меёбад. Аз ҳамин сабаб Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани мартабаи иттилооти библиографӣ дар нашри ҷории худ «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ҳамеша ба васеънамоии доираи инъикоси намудҳои ҷудогонаи асарҳои чопӣ таваҷҷуҳ менамуд. Бинобар ин, соли 1961 дар саҳифаҳои солнома инъикоси тасвири библиографии асарҳои чопии санъати тасвирӣ "Лавҳаҳо (плакатҳо)" ва "Харитаҳо" оғоз меёбад, ки дар ин қисмат тасвири харитаҳо ва маҷмӯи лавҳаҳо бахшида ба ҷашнҳо таҳия мешуданд бо ишораи ному насаби рассом оварда шудааст[94].

---

[92] Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1978. – № 6. – 190 с.

[93] Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1960. – № 3. – 165 с.

[94] Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1961. – № 1. – 160 с.

Шурӯъ аз шумораи якуми соли 1964 дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» равзанаи нав зери сарлавҳаи «Солномаи тақризҳо» ворид мегардад[95]. Дар ин қисмати солнома тасвири библиографии тақризҳо ва мулоҳизаҳои танқидии муқарризону мунаққидон, ки дар бораи ин ё он асар баён ёфта, дар матбуоти кишвар ва нашрияҳои илмӣ интишор гардидаанд, ба қайд гирифта шудааст. Бояд қайд кард, ки тасвирҳои библиографие, ки дар ин қисмат оварда мешаванд дар зери як рақам ду ва ё се тасвири библиографӣ нишон дода мешавад. Дар қисми якуми он тасвири асари тақризшаванда ва дар қисми дуюму сеюми он бошад маълумот дар бораи тақризҳои марбут ба асар дода мешавад. Мутаассифона дар навиштаҷоти библиографии тақризҳо на ҳамаи унвони тақризҳо тасвир шудаанд. Масалан, аз 47 тасвири библиографии дар қисми «Солномаи тақризҳо»-и шумораи якуми соли 1964-и «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» пешниҳодшуда, 15 тақриз (зери рақамҳои 2, 3, 11, 17, 20, 22 (2 номгӯй), 23, 24, 26, 29, 30, 31, 34, 37) бе нишон додани сарлавҳаи тақризҳо ба қайд гирифта шудааст[96].

Тибқи Қарори ҷаласаи 14-уми директорони палатаҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соли 1965 дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» қисми алоҳида бо унвони «РСС Тоҷикистон дар матбуоти Иттифоқи Советӣ» ворид карда мешавад[97]. Дар ин қисм адабиёти марбут ба РСС Тоҷикистон, ки дар матбуоти ИҶШС (СССР) чоп шудааст ба забони русӣ тасвир ёфта, дар поёни мақолаҳое, ки бо дигар забонҳо нашр шудаанд, забони аслии нашр нишон дода шудааст. Масалан, дар қисми «РСС Тоҷикистон дар матбуоти Иттифоқи Советӣ»-и шумораи якуми соли 1965-и «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» 69 адабиёти марбут ба Тоҷикистон, ки дар матбуоти Иттиҳоди Шуравӣ ба табъ расидаанд, ба забони русӣ тасвир шуда, дар 40 навиштаҷоти библиографии он бо

95 Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1964. – № 1. – 190 с.

96 Солномаи тақризҳо // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1964. – № 1. – С. 181-187.

97 Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1965. – № 1. – 173 с.

кадом забони халқҳои ИҶШС нашр шудани мақолаҳо ишора шудааст. Аз ин ҳисоб 2 номгӯи адабиёт ба забони арманӣ, 18 – грузинӣ, 2 – қазоқӣ, 1 – қарақалпоқӣ, 1 – молдавӣ, 2 – латышӣ, 10 – озарӣ, 1 – украин ва 3 номгӯи адабиёт ба забони ӯзбекӣ, интишор ёфтаанд[98].

Таҳқиқот муайян намуд, ки дар ин қисмат тасвири библиографии мақолаҳои ҳуҷҷатӣ, илмӣ ва дорои аҳаммияти таърихию адабӣ доштаи рӯзномаю маҷалаҳо ва дигар намуди матбуоти даврӣ бахшида ба ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва мадании Тоҷикистон дар матбуоти Иттифоқи Шуравӣ нашр мегарданд, инъикос менамуд. Лозим ба ёдоварист, ки роҳандози гардидани чунин шакли иттилоот дар саҳифаҳои «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» аз тақвияти шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани илму маориф ва фарҳангу адаби миллати тоҷик дарак дода, гувоҳи устуворӣ ва таҳкими робитаҳои дӯстонаи Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон бо марказҳои библиографии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мебошад.

Шурӯъ аз соли 1969 дар шумораи 4-уми «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» бори нахуст маълумотнома оид ба нашрияҳои даврие, ки дар соли 1969 чоп шудаанд, аз қабили маҷаллаҳо, бюллетенҳо, маҷмӯаҳо, осори институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, рӯзномаҳои ташкилоту муассисаҳо ва ҳамзамон ҷадвалҳои оморӣ дар бораи матбуоти соли 1968, ки иборатанд: аз ҷадвали №1 – «Нашри китоб дар РСС Тоҷикистон аз тарафи нашриётҳои алоҳида дар соли 1968»; ҷадвали №2 – «Нашри китобҳои соли 1968 дар РСС Тоҷикистон аз рӯи мазмунаш»; ҷадвали №3 – «Нашри китоб дар РСС Тоҷикистон аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи фанҳои асосӣ дар соли 1968»; ҷадвали №4 – «Нашри китоб дар РСС Тоҷикистон ба забонҳои алоҳида дар соли 1968»; ҷадвали №5 – «Нашри журнал ва нашрияҳои давомдор дар РСС Тоҷикистон аз рӯи намудашон дар соли 1968»; ҷадвали №6 –

[98] Таджикская ССР в печати Советского Союза // Летопись печати Таджикской ССР: орган государственной библиографии Таджикской ССР. – Душанбе: Книжная палата ТаджССР, 1965. – №1. – С. 163-169.

«Нашри газетаҳо дар РСС Тоҷикистон аз рӯи шаклашон дар соли 1968», пешниҳод гардид[99].

Дар сохтори «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» аз рақами якуми соли 1972 тағйирот ворид шуда, қисми «Солномаи мақолаҳои журналу газетаҳо» ба ду қисми мустақил: «Солномаи мақолаҳои журналҳо» ва «Солномаи мақолаҳои газетаҳо» тақсим мешавад ва минбаъд «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» иборат аз 5 қисм: «Солномаи китобҳо», «Солномаи мақолаҳои журналҳо», «Солномаи мақолаҳои газетаҳо» «Солномаи тақризҳо» ва қисми «Тоҷикистон дар матбуоти Иттифоқи Советӣ», таҳияву интишор мегардад.

Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон дар давраҳои солҳои 60-70-уми асри XX ба яке аз масъалаи муҳим, аз ҷумла баланд бардоштани дараҷаи самаранокии хадамоти иттилоотию библиографии солнома мувофиқи тақозои замон, аҳаммияти аввалиндараҷа медод. Баланд бардоштани дараҷаи самаранокии истифодабарии «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» тақозо кард, ки нашрия на танҳо маҳсулоти чопиро пурра бақайд гирифта, манзури хонанда гардонад, балки ба таъминоти эҳтиёҷоти иттилоотию библиографии хонандагон комилан ҷавобгӯ бошад. Яке аз талаботҳои муҳимми библиография давлатӣ ин ба таври оҷил расонидани иттилоъ оид ба маҳсулоти чопии тозанашр мебошад ва он, ҳамзамон, дар низоми иртиботии “аснод-хонанда” аз самтҳои афзалиятноки он ба ҳисоб меравад. Дар пешгуфтори шумораҳои якуми солнома (аз соли 1974) ишора гардидааст, ки «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» органи библиографияи давлатӣ буда, аз ҷониби Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон моҳе як маротиба бо се забон тоҷикӣ, русӣ ва узбекӣ ба нашр мерасад.

Дар солнома китобҳо, брошюраҳо, авторефератҳо, плакатҳо, нотаҳо, мақолаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо ва дигар намудҳои матбуоти даврие, ки дар ҳудуди Тоҷикистон нашр мешаванд, аз рӯи қоидаи ягонаи

[99] Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон (1968. – №4) [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон / тарт.: М. Аҳмедова, Р. Кукушкина, М. Хусаинова, Ф. Одинаев; муҳ. С. Иброҳимов. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1970. – 236 с.

Палатаи китобҳои умумииттифоқ бо тартиб ҷой дода мешаванд. Ҳамзамон дар пешгуфтор маҳакҳои асосии хостагирии адабиёт дар солнома шарҳу эзоҳ дода шудааст. Аз ҷумла қайд гардидааст, ки дар қисми «Солномаи китобҳо» ғайр аз китобчаю брошюраҳое, ки характери дохилии ягон корхона ё муассисаро инъикос менамоянд, ё ки аҳаммияти худро дар як муддати кӯтоҳ гум мекунанд (масалан: нақшаҳои гузаронидани ҳафтаҳои китобҳо, кинофилмҳо, семинарҳо ва ғайра), инчунин материалҳои ҳаҷман хурд (камтар аз панҷ саҳифа) ва камнусха (аз 101 нусха кам) дигар ҳамаи китобу брошюраҳо, автореферату плакатҳо ба забони аслии худ, пурра инъикос мегарданд. Дар охири тасвири пурраи китобу брошюраҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тарҷумаи мухтасари русӣ низ илова карда мешаванд. Дар қисми «Солномаи мақолаҳои журналҳо» ғайр аз мақолаҳои маҷаллаҳои «Хорпуштак» ва «Блокноти агитатор» дигар ҳамаи маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳои илмии донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ ва Академияи илмҳои РСС Тоҷикистон дохил мегарданд. Қисми «Солномаи мақолаҳои газетаҳо» бошад, материалҳои ҳуҷҷатӣ ва адабиёти бадеиро аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ: «Бадахшони Советӣ», «Коммуна», «Коммунисти Қӯрғонтеппа», «Комсомоли Тоҷикистон», «Ленин йӯли», «Маориф ва маданият», «Совет Тожикистони», «Тоҷикистони Советӣ», «Ҳақиқати Кӯлоб» ва «Ҳақиқати Ленинобод» дар бар мегирад. Материалҳо аз дигар рӯзномаҳои шаҳрию ноҳиявӣ ва рӯзнонаҳои бисёрнусхаи корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои илмию донишкадаҳои олӣ ва рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» дар солнома гирифта намешаванд[100]. Инчунин дар пешгуфтор ишора шудааст, ки дар вақти тартиб додани солнома баъзе калимаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аз рӯи қоидаи ягонаи библиография мухтасар ва калимаҳои русӣ бошанд, дар асоси қоидаи ягонаи ГОСТ аз 7 декабри соли 1970[101] навишта мешаванд. Ҳар сол дар шумораи охирини

[100] Аз редаксия [пешгуфтор] // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1974. – № 1. – С. 3-4.

[101] ГОСТ 7.12–1970. Мухтасар кардани калимаҳо ва ибораҳои русӣ дар феҳристбандӣ ва тасвирҳои библиографӣ.

солнома (№ 12) рӯихати рӯзномаву маҷаллаҳо ва ҷадвалҳои оморӣ дар бораи нашри пурраи матбуоти Тоҷикистон илова карда мешаванд.

Моҳи августи соли 1975 ба таъсисёбии Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон 40 сол пур шуд ва ба ин муносибат дар шумораи 9-уми Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон таҳти сарлавҳаи «40 соли пуршараф» оид ба фаъолияти 40-солаи Палата маълумоти кӯтоҳ дода шудааст. Аз ҷумла дар ин маълумотнома қайд мегардад, ки Палатаи китобҳо дар давоми мавҷудияташ ба маркази илмии ҷумҳуриявии библиографияи давлатӣ, омори матбуот, ба маркази соҳавии ахбороти илмию техникӣ ва тарғиби корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб табдил ёфт. Дар фондҳои бойгонии Палатаи китобҳо ҳамаи маҳсулоти чопии аз соли 1922 то соли 1974 ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ нашркардаи ҷумҳурӣ нигоҳ дошта мешавад. Инҳо китобҳо, китобчаҳо, авторефератҳои диссертатсияҳо, ахбороти илмӣ, асарҳои тадқиқотии муассисаҳои илмӣ, маҷаллаҳо, нашрияҳои даврӣ, нотаҳо, харитаҳо, плакатҳо, эълонномаҳо ва ғайра буда, 1.018.224 ададро ташкил медиҳанд[102].

Соли 1986 бори нахуст дар сохтори «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» қисмҳои нав: «Солномаи нотаҳо» ва «Солномаи нашрияҳои тасвирӣ» илова карда мешаванд ва дар сарсухани шумораи якуми солнома ишора мегардад, ки дар «Солномаи нашрияҳои тасвирӣ» (ҳар сол дар шумораи 12-ум нашр мешавад) плакатҳо, эълонҳо, феҳристҳои намоишҳои бадеӣ инъикос карда шуда, дар «Солномаи нотаҳо» (ҳар сол дар шумораи 12-ум нашр мешавад) асарҳои мусиқӣ, мусиқӣ-саҳнавӣ, маҷмуаҳои сабти мусиқӣ-фолклорӣ, нашрияҳои таълимӣ-педагогӣ ва таълимӣ-методии нотавӣ, номнавис мешаванд.[103] Ҳамзамон дар сарсухан роҷеъ ба тарзу усули истифодаи стандартҳои давлатӣ дар таҳияи қисмҳои асосии «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» маълумоти мушаххас дода шудааст. Аз ҷумла қайд

[102] 40 соли пуршараф: оид ба фаъолияти Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон. – Душанбе: ПДК РСС Тоҷик, 1975. – №9. – С.4.

[103] Сарсухан // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи феҳристи библиографии давлатӣ. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1986. – № 1. – С. 4.

мегардад, ки шурӯъ аз соли 1985 «Солномаи матбуот» мувофиқи ГОСТ-и 7.54 – 1979 «Феҳристи библиографӣ: сохт ва ороиши чопию полиграфӣ» тартиб дода мешавад. Тасвири библиографии китобҳо, авторефератҳо, нашриёҳои даврӣ, давомдор, мақолаю тақризҳо мувофиқи талаботи ГОСТ-и 7.1 – 1984 «Тасвири библиографии ҳуҷҷат. Талаботи умумӣ ва қоидаҳои мураттабсозӣ» роҳандозӣ мешавад. Дар солномаи китобҳо, мақолаю тақризҳо ва қисми «Тоҷикистон дар матбуоти Иттифоқи Советӣ» навиштаҷоти библиографӣ аз рӯи «Тарҳи ягонаи таснифи адабиёт барои нашри китоб дар ИҶШС» (М., 1977) ва бо дарназардошти иловаҳо ба «Тарҳи ягона» (М., 1979, 1981) тартиб дода мешавад. Тарҳ аз 50 фасли умумӣ иборат аст, ки ҳар кадом ба зерфаслҳо тақсим мешавад. Дар ягон солнома тарҳи пурра ва бағоят муфассал роҳандозӣ нашудааст. Нотаҳо ва нашриёҳои санъати тасвирӣ тибқи нишондоди дастурҳои методии Палатаи умумииттифоқии китобҳо «Гурӯҳбандии навиштаҷоти библиографӣ дар феҳристҳои давлатии нашриёҳои нотавӣ, картографӣ ва тасвирӣ» (М., 1981) тасниф карда мешавад. Ҳангоми тасвир дар ҳамаи фаслҳои «Солномаи матбуот» калимаҳои ихтисоршудаи русӣ ва тоҷикӣ мувофиқи талаботи ГОСТ-и 7.12 – 1977 «Ихтисори калимаю ибораҳои русӣ дар тасвири библиографии асарҳои чопӣ» ва васоити таълимии «Дастур оид ба мухтасаркунии калима ва ибораҳои тоҷикӣ дар тасвири библиографии асарҳои матбуот» (Душанбе, 1983) ба кор бурда мешаванд. Китобҳо, нашриёҳои даврӣ ва давомдор барои инъикос шудан дар солнома тибқи «Нишондодҳо ва дастуруламалҳои методӣ доир ба хоста гирифтани нашриёҳо барои қайд ва инъикос намудан дар солномаҳои Палатаи республикавии китобҳо» (М., 1975) ва «Дастуруламал оид ба хоста гирифтани нашриёҳои нотавӣ барои қайди давлатӣ ва инъикос намудан дар феҳристи библиографии давлатии «Солномаи нотавӣ» (М., 1983) хоста гирифта мешаванд. Қайдҳои библиографӣ дар ҳамаи қисмҳои «Солнома» (бо истисноси «Солномаи тақризҳо» ва қисми «Тоҷикистон дар матбуоти Иттифоқи Советӣ») бо тартиби алифбоӣ ба се забон: тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ мутаносибан

гузошта мешаванд. Дар охири навиштаҷоти библиографӣ дар қавсҳои квадратӣ соли нашр ва рақами инвентарӣ, ки зери он нашри мазкур дар Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, оварда мешавад. Баъди қавсайн дар бораи чандум будани нашрия, масалан «я»-якум, «д»-дуюм ва ғайра, инчунин дар бораи тарзи чоп (агар дар нашр нишон дода шуда бошад): «а»-амиқ, «бч»-барҷаста, «оф»-офсетӣ, «лт»-литография, «фт»-фототипия, «оп»-воситаи полиграфии фаврӣ маълумот дода мешавад[104].

Барои муайяну мушаххас намудани сатҳи истифодаи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» аз ҷониби китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ ва ҳамзамон омӯзиши афкору андешаҳои китобдорон ва библиографон оид ба аҳаммияти иттилоотию маърифатии «Солнома» дар раванди хизматрасонӣ ва истифодаи он дар корҳои тарғиботӣ бори нахуст дар шумораи 12-уми соли нашри 1986-и «Солнома» пурсишнома таҳти унвони «Талони бозгашти «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ интишор ёфт, ки тавассути он кормандони Палата ба муассисаҳое, ки ба «Солнома» обуна буда, онро пайваста мегиранд бо чунин саволҳо мурочиат намудаанд: номи китобхона?; шумо аз кадом сол ба «Солнома» обуна мешавед;? санаи омадани шумораи мазкур?; дар кадом кори наздик истифодаи шумора дар назар дошта шудааст?; ба фикри Шумо чизи аз ҳама муҳим ва ҷиҳати хуби (камбудӣ) шумора дар чист?; аз кадом вақт маҷмӯи пурраи феҳристи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» дастраси Шумо мебошад?; кормандони китобхона дар кадом кор аз феҳристҳо истифода мебаранд?; корҳое, ки дар вақти охир дар асоси феҳристҳо иҷро шудаанд?; навъҳои тарғиби феҳрист дар байни хонандагон?; хонандагон аз кадом давра ва дар кадом кор аз феҳрист истифода мебаранд?; фикру ақидаи Шумо дар бораи сифати феҳристҳое, ки дар солҳои охир интишор шудаанд?; душвории китобхона дар дастрас намудани маҷмӯи феҳристҳо?; фикру

[104] Сарсухан // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: феҳристи библиографии давлатӣ. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1986. – № 1. – С. 3-4.

мулоҳизаи Шумо барои дар маҷмуъ баланд бардоштани аҳаммияти иттилоотии феҳрист?.[105] Ин самти омӯзиш ба кормандони Палата имкон дод, ки минбаъд низ бо чунин саволномаҳо дар ҳар шумораи 12-и «Солнома» ба китобдорону библиографон муроҷиат намоянд ва бо дарназардошти афкору андешаҳои онҳо ҷиҳати беҳтар намудани сатҳу сифати «Солнома» тадбирҳои мушаххас андешанд. Таъсиси «Шуъбаи масоили ҷомеашиносии (сотсиологияи) китоб ва хониш» соли 1989 дар сохтори ПДКТ барои густариши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар самти омӯзиши шавқу завқи китобхонӣ, сабаб ва ҳадафи хониш, сатҳу сифати нашри китобҳо, вазъи дастрасӣ ба китобҳо, натиҷаҳои истифодабарии дастурҳои библиографӣ ва дигар масоили марбут ба китобхониву китобдорӣ ва нашру паҳннамоии китоб, мусоидат кард. «Дар шуъба соли аввал олими пухтакор Асомиддин Насриддинов ва Елена Лочиновна Ярашева тариқи анкета ду навъи дархостҳои сотсиологӣ тартиб доданд. Дархостҳоро ба таври соволу ҷавоб: таҳти унвони 1) «Мардуми ҷумҳурӣ кадом китобҳоро қироат мекунанд ва чӣ таъсире мегиранд?» иборат аз 10 суол; 2) «Омӯхтани талаботи китобхонҳо нисбат ба нашри осори классикон ва адибону уламои муосири тоҷик» иборат аз 16 суол омода кардаанд»[106]. Таҳқиқоти доиршуда имкон доданд, ки муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ, майлу рағбати хонандагон ба китоб ва мутолиаи он муайян карда шавад ва вазъи воқеии хониши осори адибони классику муосири тоҷик ошкор гардад.

Шуруъ аз соли 1988 ҳар сол дар шумораи якуми «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» фасли нав – «Солномаи нашрҳои даврӣ ва давомдор» дарҷ мегардад. Чунонки дар сарсухани «Солнома» ишора шудааст, дар фасли мазкур нашрҳои ҷорӣ (корҳои илмӣ, маҷмуаҳо, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, варақаҳо (бюллетенҳо), ки соли гузашта дар қаламрави ҷумҳурӣ интишор шудаанд, ба қайд гирифта мешаванд. Бо мақсади оҷилан расонидани иттилооти библиографӣ маҷмӯаҳои

---

[105] Талони бозгашти «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: феҳристи библиографии давлатӣ. – Душанбе: ПДК РСС Тоҷик., 1986. – № 12. – С.202-203.

[106] Абдуллоев, С., Ғуломшоев, С. Махзани маърифат. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.44.

алоҳидаи нашрҳои давомдор ва инчунин корҳои алоҳида дар фасли «Солномаи китобҳо» инъикос шудаанд. «Солномаи нашрҳои даврӣ ва давомдор» тамоми рӯзномаву маҷаллаҳое, ки дар ҷумҳурӣ нашр гардидаанд, бемаҳдудият инъикос мекунад. Ба рӯйхати солномаи мазкур варақаҳое (бюллетенҳое), ки нашри ягон муассисаи аҳаммияти умумиҷумҳуридошта – пажуҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, китобхонаҳои умумимиллӣ ва мактабҳои олӣ мебошанд, дохил мешаванд. Ин нашрияҳо аз рӯи намуду шаклашон тасниф карда мешаванд. Инчунин ба фасли мазкур нишондиҳандаҳои зерини ёрирасон: нишондиҳандаи муҳаррирон, нишондиҳандаи номи нашрияҳои даврӣ ва давомдор, нишондиҳандаи муассиса ва ташкилотҳои нашркунанда, нишондиҳандаи ҷойи нашрияҳо, илова карда мешаванд[107].

Натиҷабахшӣ ва муайян намудани арзиши илмиву иттилоотии «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» аз бисёр ҷиҳат аз истифодаи саривақтии он вобаста аст. Чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд, на ҳамаи нашрҳои «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» сари вақт ба нашр расидаанд ва аз ин рӯ, метавон қайд намуд, ки на ҳамаи талаботи хонандагон ба ин навъи иттилоот дар ин ё он давра оҷилан қонеъ гардонида мешуд. Исботи ин ақида дар иттилооти ҷории библиографияи давлатӣ дар фосилаи байни нашри солнома ва адабиёти дар он инъикосшаванда баръало мушоҳида мешавад. Фосилаи нашри баъзе аз шумораҳои солнома аз як то ба 5-6 моҳ тӯл мекашад, ки ин ба истифодаи иттилооти оҷил таъсир мерасонад. Масалан, дар маълумоти ба чопхона дахлдоштаи солнома, аз ҷумла дар шумораи 1-и (барои моҳи январ) соли 1974 ба чоп санаи 20-уми майи соли 1974 имзо шудааст[108]. Ба ҳамин монанд қафомонии нашри солномаро дар шумораҳои 1-3-и солҳои 1980, 1985 ва 1990 бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Ба андешаи мо ақидаи муҳаққиқ Г.А. Мушеев нисбат ба дер интишор гардидани

---

[107] Сарсухан // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: феҳристи библиографии давлатӣ. – Душанбе: ПДК РСС Тоҷик., 1988. – № 1. – С. 6-7.

[108] Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: органи библиографияи давлатии РСС Тоҷикистон. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1974. – № 1. – 137 с.

солнома «арзиши иттилоотӣ-библиографӣ ва албатта, манфиату самаранокии истифодабарии онро паст намуда, боиси нигаронии доираи васеъи истеъмолкунандагони ин намуди ахборот мегардад»[109], қобили қабул аст ва месазад, ки ин андешаро тарафдорӣ кард.

Қайд кардан ба маврид аст, ки таъмини дастурҳои библиографӣ бо дастгоҳи маълумотдиҳӣ-пажуҳиш, ба хусус нишондиҳандаҳои ёрирасони номӣ, алифбоии номгӯйи асарҳо, ҷуғрофӣ дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» аҳаммияти пажуҳишӣ ва иттилоотии истифодаи дастури мазкурро осон мегардонад. Зеро таъмини солнома бо нишондиҳандаҳои ёрирасон яке аз марҳилаҳои муҳимми таҳияи дастурҳои библиографӣ маҳсуб меёбад. Бояд гуфт, ки ҳар як нишондиҳандаи ёрирасон вазифаи ба худ хосро иҷро мекунад. «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» дар солҳои 1960-1986 танҳо бо яке аз шаклҳои паҳншуда ва анъанавӣ "Нишондиҳандаи ёрирасони номӣ" таъмин буд. Дар "Нишодиҳандаҳои номӣ" ном ва ё насаби ашхосе, ки дар омода намудани асар ширкат намудааст, аз ҷумла, муаллифону мураттибон, муҳаррирону тарҷумонҳо ва рассомон бо тартиби алифбо оварда мешавад. "Нишондиҳандаи номӣ" яке аз намудҳои паҳншудатарини қисмати ёрирасони дастурҳо буда, барои ҳарчи зудтар пайдо намудани мавод аз дохили дастури библиографӣ кӯмак мерасонад. Бинобар ин "Нишондиҳандаи ёрирасони номӣ" барои истифода дар тамоми намуди дастурҳои библиографӣ тавсия дода мешавад.

Таҳлил нишон дод, ки аз соли 1986[110] дар қисмати дастгоҳи маълумотдиҳӣ-пажуҳишии солнома тағйироти чашмрас ба амал омадааст ва дар он нишондиҳандаи ёрирасони "ҷуғрофӣ", аз шумораи 7-уми соли 1988 нишондиҳандаи «предметӣ»[111] ва аз соли 1989[112]

---

[109] Мушеев, Г.А. Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон ва баъзе масъалаҳои беҳтарнамоии самаранокии он // Библиографияшиносии Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1981. – С. 96.

[110] Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: феҳристи библиографии давлатӣ. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1986. – № 1. – 198 с.

[111] Нишондоди предметӣ // Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: феҳристи библиографии давлатӣ. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1988. – № 7. – С. 27-28.

[112] Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон [Матн]: феҳристи библиографии давлатӣ. – Душанбе: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон, 1989. – № 1. – 206 с.

нишондиҳандаи «мавзӯӣ» илова мегардад, ки он кори пажуҳандаро ҳангоми ҷустуҷӯи ин ё он манотиқ, соҳаи дониш ва мавзӯи муайян осон мегардонад. Истифодаи намудҳои гуногуни кумакфеҳристҳои ёрирасон дар майдони библиографинамоӣ аз як ҷониб раванди ҷустуҷӯи маводро дар дастурҳои библиографӣ осон намуда бошанд, аз ҷониби дигар бозгӯкунандаи таҷрибаи бойи фаъолияти библиографияи давлатии тоҷик ба шумор меравад. Масалан, «Нишондиҳандаи ёрирасони ҷуғрофӣ» дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ин феҳристи алифбоии номи объектҳои ҷуғрофӣ мебошад, ки дар рӯйхати адабиёти дохили дастури библиографӣ инъикос гардидааст. Дар ин ҷо «Нишондиҳандаи ёрирасони ҷуғрофӣ» доир ба объектҳои физикию ҷуғрофӣ, геологӣ, иқтисодию ҷуғрофӣ ва объектҳои дорои аҳаммияти давлатӣ, маъмурию ҳудудӣ ва объектҳои таърихию ҷуғрофӣ, маълумот медиҳад. Яъне, нишондиҳандаи ёрирасони ҷуғрофӣ барои дарёфт намудани мавод оид ба ягон минтақа ва кишвар кӯмак менамояд. Дар «Нишондиҳандаи ёрирасони мавзӯӣ» бошад соҳаҳои дониш ва ё мавзуъҳое, ки доир ба онҳо адабиёт тасвир ёфтааст бо тартиби алифбо оварда мешаванд. Дар тавсифоти дастурҳои библиографии мазмунан универсалӣ асосан нишондиҳандаҳое, ки мазмуну муҳтавои маводро мекушоянд аксаран нишондиҳандаҳои номӣ, ҷуғрофӣ ва предметӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки чунин намуди нишондиҳандаҳо дар аксар маврид тамоми он адабиёте, ки дар дастур фаро гирифта мешавад, инъикос менамоянд.

Дар давраи солҳои 1980 – 1991 нашрияи ягонаи иттилоотии ҷории библиографияи давлатии тоҷик – «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ба таври комил ва ба талаботи стандарти библиографӣ мутобиқ ташаккул ёфта, тамоми намуди маҳсулоти чопии кишварро яклухт аз рӯи талаботи ягонаи тасвири библиографӣ инъикос менамояд.

Тасвирҳои библиографии нашрияҳо дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» мувофиқи стандатрҳои давлатии зерин тартиб дода шудаанд:

- ГОСТ 7.1.1969 “Тасвири корҳои чопӣ барои нашрияҳои библиографӣ ва иттилоотӣ”;

- ГОСТ 7.12–1970 “Мухтасар кардани калимаҳо ваибораҳои русӣ дар феҳристбандӣ ва тасвирҳои библиографӣ”;

- ГОСТ 7.12–1977 (СТ СЭВ – 2012 –79) “Ихтисори калимаю ибораҳои русӣ дар тасвири библиографии корҳои чопӣ”;

- ГОСТ 7.54 – 1979 “Феҳристи библиографӣ: сохт ва ороиши чопию полиграфӣ”;

- ГОСТ 7.16–1979 “Тасвири библиографии нашрҳои нотавӣ”;

- ГОСТ 7.34 – 1981 “Тавсифи библиографии нашрияҳои тасвирӣ”;

- ГОСТ 7.1–1984 “Тасвири библиографии ҳуҷҷат. Талаботи умумӣ ва қоидаҳои тартибдиҳӣ”.

Яке аз масъалаи муҳиме, ки дар раванди омӯзишию таҳқиқотии библиографияи ҷории давлатӣ мавриди таҳлил ва натиҷагирӣ қарор гирифт, ин муайян намудани таъдоди нашри солнома ва таъмин будани марказҳои китобдорӣ-библиографӣ бо ин манбаи универсалии иттилоотии ҷории библиографӣ буд. Чунонки таҳлил нишон дод, масалан, тӯли солҳои 1960-1973 «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» дар як сол 4 маротиба нашр шудааст ва ададии нашри моҳонаи «Солнома» солҳои 1960-1961 ҳамагӣ 300 нусхаро ва теъдоди умумии солонаи нашр 1200 нусхаро ташкил додааст. Соли 1962 бошад «Солнома» бо теъдоди 1300 нусха, солҳои 1963 – 1680, 1964 – 1660, 1965 – 1760, 1966 – 1840 нусха чоп шудааст. Солҳои 1967-1970 ҳар шумора иборат аз 500 нусха, дар маҷмӯъ соле 2000 нусхагӣ ба табъ расидааст. Соли 1971 – 2100 нусха ва солҳои 1972-1973 ҳар сол 2400 нусхагӣ интишор ёфтааст. Номувофиқии адади нашри шумораҳои алоҳидаи «Солнома» низ ҳангоми мукаммалгардонии захираи нашрҳои маълумотӣ-библиографии китобхонаҳо, монеа эҷод мекунад. Барои мисол метавон теъдоди умумии солонаи нашр ва мушаххаси ҳар шумораро мавриди таҳлил қарор дод. Агар дар давоми солҳои 1960-1973 ҳамагӣ 25540 адад «Солнома» нашр шуда бошад ва ин миқдорро ба 4

шумораи «Солнома» мувофиқи теъдоди нашрашон тақсим намоем, пас маълум мегардад, ки то кадом андоза фарқ байни теъдоди нашри шумораҳо вуҷуд дорад. Аз ҳисобии умумии солонаи нашр, масалан, шумораи якуми «Солнома» – 6440 нусха, шумораи дуюму сеюм ҳар кадоме 6280 нусхагӣ ва шумораи чорум – 6540 нусха чоп шудаанд. Ин ҷо метавон тафовутро байни шумораи якуму чорум, ки иборат аз 100 нусха, шумораҳои дуюму сеюм ба якум 160 нусха ва ба чорум 260 нусхаро ташкил медиҳанд, мушоҳида кард (муфассалтар ниг. ба нишондоди ҷадвали 7-и замима). Новобаста аз теъдоди ками нашри «Солнома» солҳои минбаъда ҳамин нобаробарии нашри шумораҳои «Солнома» ба инобат гирифта шуд ва тӯли солҳои 1974-1991 «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ҳар моҳ як маротиба бо теъдоди 1000 нусха пайваста нашр шуд (муфассалтар ниг. ба нишондоди ҷадвали 8-и замима).

Бо теъдоди кам нашр гардидани «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» боиси эҷод гардидани маҳдудият дар роҳи дастрасии тамоми китобхонаҳои кишвар ба ин манбаи иттилоотию библиографии муҳим, ҳамзамон манзур намудани он ба хонандагони манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ буд, ки он метавонист ҳамчун манбаи иттилоотию библиографӣ дар беҳтар гардидани дараҷаи самаранокии библиографияи давлатӣ дар ҷумҳурӣ кӯмак расонад ва донишҳои зеҳнию ҷаҳонбинии аҳолиро баланд бардорад. Зеро, солҳои 80-уми асри ХХ ҶШС Тоҷикистон марҳилаи ташаккул ва ба сатҳи дигар воридшавии зиёиён ва рушди хоҷагии халқро аз сар мегузаронид, мавҷудияти чунин як манбаи муҳимми иттилоотӣ барои китобдорон дар тарғибу ташвиқи донишҳои сиёсию идеологӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, илмию маърифатӣ ва адабию фарҳангӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардид. Аммо, дар ин давра ададИ нашри библиографияи ҷории давлатӣ ҳамаги 1000 нусхаро ташкил медод, ки ин шумора на ба ҳамаи китобхонаҳои оммавӣ (ки теъдоди онҳо зиёда аз 2400 ададро ташкил медод) ва на ба ҳамаи китобхонаҳои дигар, аз ҷумла: мактабӣ (2600), техникумҳо (50), макотибҳои олӣ (12), илмӣ (50), иттифоқҳои касаба (100), тиббию техникӣ (100), ташкилотҳои

ҷамъиятӣ (100), вазорату идораҳо (100) басандагӣ мекард ва дар натиҷа ин нашрия ба беш аз 70% аҳолии ҷумҳурӣ дастнорас буд. Ҳатто, дар ин давра шумораи китобхонаҳои оммавии ҷумҳурӣ, ки ба 2,4 ҳазор мерасиданд, беш аз 1,4 ҳазор китобхонаҳои мазкур аз истифодаи чунин як сарчашмаи боэътимоди библиографӣ маҳрум буданд.

Ҳамин тавр, метавон натиҷагирӣ кард, ки «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ҳамчун органи библиографияи давлатӣ дар тӯли солҳои 1960-1990 вобаста ба имконоти мавҷудбуда тавонист, то андозае дар ҷамъоварию феҳристнигорӣ ва тарғиби осори чопшуда саҳм гузорад. Чунонки таҳлили нашри ҳар як шумораи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» дар давоми солҳои 1960-1990 нишон медиҳад «Солнома» тӯли солҳои 1960-1963 иборат аз ду қисм: «Солномаи китобҳо» (авторефератҳо, нотаҳо, плакатҳо низ ба ин қисм шомиланд) ва «Солномаи мақолаҳои журналу газетаҳо» дар як сол 4 маротиба нашр шуда, дар маҷмӯъ 26342 навиштаҷоти библиографиро, ки аз ин ҳисоб 3306 номгӯи китоб ва 23036 номгӯи мақолаи рӯзномаву маҷаллаҳо мебошанд, фаро гирифтааст. (муфассалтар ниг. ба нишондоди ҷадвали 4-и замима).

Аз соли 1964 дар сохтори «Солнома» қисми нав – «Солномаи тақризҳо» ва аз соли 1965 қисми дигар таҳти унвони «РСС Тоҷикистон дар матбуоти Иттифоқи Советӣ» ворид карда мешаванд ва то соли 1971 «Солнома» иборат аз 4 қисм ба табъ мерасад. Соли 1972 дар сохтори «Солнома» тағйирот ворид шуда, қисми «Солномаи мақолаҳои журналу газетаҳо» ба ду қисми мустақил тақсим мешавад ва аз соли 1972 то соли 1985 «Солнома» иборат аз 5 қисм ба табъ мерасад. Дар ин давра, «Солнома» дар маҷмӯъ 138092 номгӯи осори чопшударо ба қайд гирифтааст, ки аз ин ҳисоб 10051 номгӯй дар қисми «Солномаи китобҳо», 28777 номгӯй дар қисми «Солномаи мақолаи журналҳо», 80281 номгӯй дар қисми «Солномаи мақолаи газетаҳо», 2344 номгӯй дар қисм «Солномаи тақризҳо» ва 15936 номгӯй ба қисми «Тоҷикистон дар

матбуоти Иттифоқи Советӣ» шомил шудаанд. (муфассалтар ниг. ба нишондоди ҷадвали 5-и замима).

Аз соли 1986 дар сохтори «Солнома» боз ду қисми нав: «Солномаи нотавӣ» ва «Солномаи нашрияи тасвирӣ» ҳамроҳ карда мешаванд. Баъд аз ду сол дар сохтори «Солнома» боз як қисми дигар зери сарлавҳаи «Солномаи нашрияҳои даврагӣ ва давомдор» илова мегардад.

Омӯзиш ва таҳлили ҳар як шумораи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон», ки тӯли солҳои 1960-1990 интишор ёфтаанд, имкон дод, ки теъдоди умумии навиштаҷоти библиографӣ дар «Солнома» ва қисмҳои он муайян карда шавад. Масалан дар давоми 31 сол (1960-1990) дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» дар маҷмӯъ 301377 навиштаҷоти библиографӣ номнавис шудааст, ки аз ин ҳисоб 26062 номгӯи китоб (ин ҷо авторефератҳо, нотаҳо ва плакатҳо низ шомиланд), 244963 номгӯи мақолаи рӯзномаву маҷаллаҳо, 4098 номгӯи тақриз ва 25084 номгӯи маводи марбут ба Тоҷикистон, ки дар Иттифоқи Шуравӣ ба табъ расидаанд, ташкил медиҳад. (муфассалтар ниг. ба нишондоди ҷадвалҳои 4, 5, 6-и замима).

Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон дар ин марҳила дар баробари бақайдгирии маҳсулоти чопии ҷумҳурӣ ва таҳияву интишори феҳристи библиографии давлатии «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ба мураттабсозию нашри дастурҳои библиографии тарҷеъӣ низ саҳми муносиб гузоштааст. Палатаи давлатии китобҳои ҷумҳурӣ ҳамчун маркази ягонаи бақайдгирии маҳсулоти чопӣ дар Тоҷикистон вазифадор буд, ки нашрҳои библиографии универсалии тарҷеъиро доир ба маҳсулоти чопии ватанӣ низ интишор намояд.

Ба роҳ мондани самти фаъолияти библиографинамоии тарҷеъӣ дар назди Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон яке аз дастоварди беназири библиографияи давлатӣ дар таърихи библиографияи тоҷик ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳз дар солҳои 60-80-уми асри XX теъдоди зиёди дастурҳои библиографии тарҷеъӣ доир ба мавзуъҳои гуногун нашр мегарданд ва метавон ин давраро ҳамчун

давраи рушди библиографияи тарҷеъӣ дар таърихи библиографияи тоҷик номид.

Омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои библиографияи давлатӣ дар самти таҳияи нишондиҳандаҳои библиографияи тарҷеъӣ муайян намуд, ки нахустин нашри библиографияи тарҷеъии Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ҳанӯз соли 1949 таҳти унвони «Солномаи китобҳо 1938-1948» бо теъдоди 1500 нусха ба табъ расида буд ва таҳиягарони он: С. Иброрҳимов, М. Аҳмедова ва А. Абрамов будаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин асари библиографии тарҷеъӣ нашри китобҳои нашриётҳои Тоҷикистон дар тӯли 11 сол (1938-1948) бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ инъикос шудааст. "Солномаи китобҳо" аз ду қисми алоҳидаи русӣ ва тоҷикӣ иборат буда, адабиёти воридкардашудаи қисмати тоҷикии он бештар аз қисмати адабиёти бо забони русӣ мебошад. Дар ин асари библиографии тарҷеъӣ 2120 номгӯйи китобҳо, ки дар ҳудуди Тоҷикистон интишор гардидаанд мураттаб гардида, аз ин ҳисоб 618 номгӯй ба забони русӣ ва 1502 номгӯй ба забони тоҷикӣ тааллуқ дорад, ки ин далели равшани рушди нашри адабиёти тоҷикӣ дар замони Ҳокимияти Шуравӣ, хусусан дар замони баъдиҷангӣ мебошад[113]. Мутаассифона дар дастури мазкур бо истиснои мундариҷа, дигар қисматҳои дастгоҳи маълумотдиҳандаи нашр дида намешавад.

Нашри навбатӣ ва нисбатан мукаммали библиографияи тарҷеъӣ, ки аз ҷониби Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ таҳия гардид, "Феҳристи китобҳои РСС Тоҷикистон"[114] мебошад, ки 7342 номгӯйи адабиёти солҳои 1926-1956 интишорёфтаро фаро гирифта, соли 1960 бо теъдоди 2 ҳазор нусха ба забони русӣ ба табъ расидааст. Феҳрист дорои 32 қисм ва 141 зерқисм буда, мавод дар онҳо аз рӯи алифбо ҷобаҷо гузошта шудааст. Ҳамзамон

[113] Солномаи китобҳо 1938-1948 [Матн]: Ба 20-солагии Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон бахшида мешавад / мураттибон С. Иброрҳимов, М. Ахмедова, Абрамов; Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон. – Сталинобод, 1949. – 213 с.

114 Каталог книг Таджикской ССР (1926 – 1956 гг.) [Текст] / сост.: Р.О. Тальман, Т.И. Поддымникова, Г. Я. Якубов, Э.Н. Яковлева, М. Ахмедова, К. Джамалов; ГРБ им. Фирдоуси, Государственная книжная палата Таджикской ССР. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1960. – 295 с.

феҳрист бо дастгоҳи маълумотӣ-пажуҳишӣ таъмин карда шуда, аз пешгуфтор (аз мураттибон), мундариҷа, нишондиҳандаи номӣ ва сарлавҳаи асарҳо, ки якҷоя пешниҳод шудаанд, иборат аст. Мураттибони феҳрист: Р.О. Тальман, Т.И. Поддымникова, Г.Я. Яқубов, Э.Н. Яковлева, М. Аҳмедова, К. Ҷамолов ва муҳаррирони он: О. Каримова ва Х. Ғуломов мебошанд. Феҳрист, чунонки дар пешгуфтори он омадааст, дар заминаи фонди Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ, Палатаи давлатии ҷумҳуриявии китобҳо ва феҳристҳои чопии “Каталог Таджикского государственного издательства” №1 (1926-1930) – Сталинобод-Самарқанд, 1931; ва “Каталог Таджикского государственного издательства” №2 (1931-1935) – Сталинобод-Самарқанд, 1936, таҳия шуда, албатта на ҳамаи маҳсулоти чопии дар давоми солҳои 1926-1956 нашршударо инъикос мекунад[115]. Яке аз душвориҳое, ки мураттибон ҳангоми таҳияи феҳрист рӯ ба рӯ шуданд ин номнависии маҳсулоти чопӣ бо се ҳуруфот: арабӣ, лотинӣ ва кириллӣ буд. Масалан, то соли 1930 нашри китобҳо асосан бо ҳуруфоти арабӣ роҳандозӣ шуда буд. Аз соли 1928 то соли 1931 гузариши нашри китоб бо ҳуруфоти лотинӣ буд ва китобҳо то соли 1939 бо ин ҳуруфот чоп шуданд. Аз соли 1940 нашри китобҳо бо ҳуруфоти кириллӣ, яъне алифбои ҳозираи русӣ ба роҳ монда шуд. Аз ин рӯ, мураттибон зарур донистанд, ки тасвири библиографии тамоми китобҳои нашршуда дар феҳрист ба забони русӣ сурат гирад. Яъне китобҳои ба забони тоҷикии дар қаламрави Тоҷикистон ва берун аз он бо ҳуруфоти арабию лотинӣ интишорёфта ҳам ба забони русӣ тасвир ёфта, дар поёни тасвир бо ишораи “На таджик.яз” забони нашр нишон дода шудааст. Дар феҳрист танҳо дар поёни тасвири библиографии китобҳои бо ҳуруфоти арабӣ интишоршуда, навиштаҷоти “На таджик. яз. араб. графика” ҳамроҳ карда шудаасту халос. Дар тасвирҳои библиографии китобҳои бо ҳуруфоти лотинӣ чопшуда чунин ишораҳо вуҷуд надоранд.

115 От составителей // Каталог книг Таджикской ССР (1926 – 1956 гг.) [Текст] / сост.: Р.О. Тальман, Т.И. Поддымникова, Г. Я. Якубов, Э.Н. Яковлева, М. Ахмедова, К. Джамалов; ГРБ им. Фирдоуси, Государственная книжная палата Таджикской ССР. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1960. – С.3.

Феҳристи мазкур, чунонки таҳлили мазмуну муҳтавои он нишон медиҳад, дорои як қатор камбудиву норасоиҳо буд ва ин ақидаро худи мураттибон низ дар нашри дуюми ин силсилафеҳрист чунин ёдрас шудаанд: "Нашри якуми библиографияи ретроспективии Тоҷикистон «Каталоги китобҳои Тоҷикистон дар 30 сол» (1926-1956) буд, ки онро Палатаи китобҳо бо якҷоягии Китобхонаи республикавии ба номи Фирдавсӣ соли 1960 аз нашр баровардааст. Вале каталоги 30 сола баъзе камбудиҳои ҷиддӣ дошт, ки бояд бо илова ва ислоҳи нав нашр карда шавад"[116]. Аммо, то кунун ин пешниҳоди муҳим ҷомаи амал напушидааст. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки тамоми китобҳои дар тӯли солҳои 1926-1956 дар Тоҷикистон ва берун аз он ба забони тоҷикӣ ба табъ расидаанд ба забони асл – тоҷикӣ тасвир номнавис шуда, ба репертуари библиографияи тарҷеъии миллии тоҷик ворид карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки ба ташаккул ва инкишофи библиографияи тарҷеъӣ дар Тоҷикистон қарорҳои Ҷаласаи 11-уми директорони палатаҳои китобҳои ИҶШС (1958) ва Қарори КМ ҲК ИҶШС «Дар бораи ҳолат ва чораҳои беҳтар гардонидани кори китобхонаҳои мамлакат»[117] (1959) мусоидат кардааст. Дар асоси қарорҳои зикргардида Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон аз 14-уми январи соли 1960 Палатаи китобҳои ҷумҳуриро вазифадор менамояд, ки ба омоданамоии маҷмӯи нишондиҳандаҳои библиографии тарҷеъии китобҳои тоҷик дар доираи ҳар панҷсола шуруъ намояд. Палатаи китобҳо аз таҷрибаи дар ин самт ба даст овардаи худ истифода карда, шуруъ аз соли 1963 дар таҳияи силсилаи нишондиҳандаҳои библиографии тарҷеъии китобҳои нашргардидаи кишвар саҳм гирифта, дар ҳар панҷсола онҳоро таҳияву нашр ва дастраси китобхонаҳо мегардонад.

Тибқи таҳлилҳои муҳаққиқ Г.А. Мушеев дар мақолаи «Оид ба масъалаҳои бунёди репертуари матбуоти миллии тоҷик» ҳанӯз соли 1954

---

116 Сарсухан // Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1957 – 1961) / тарт.: М. Ахмедова, Р. Кукушкина. – Душанбе, 1963. – С.3.

117 Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / тарт.: Р. Шарофов. – Душанбе, 1973. – 142 с.

кӯшишҳои аввалини таҳияи репертуари панҷсолаи китобҳои тоҷик дар Тоҷикистони шуравӣ оғоз гардида буд. Соли 1954 ба муносибати 25 солагии маорифи Тоҷикистон бо ибтикори Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон зери унвони «Солномаи китобҳо» мураттаб мегардад. Феҳристи мазкур дар худ 1800 номгӯи китобҳоро, ки дар ҳудуди ҷумҳури тай солҳои 1949-1953 ба нашр расидаанд дар бар мегирифт. Вале мутаассифона, солномаи мазкур аз ҷониби Палатаи китобҳо нашр нагардид ва он комилан ба нашри феҳристи библиографии тарҷеъии «Каталоги китобҳои РСС Тоҷикистон (солҳои 1926 – 1956)» илова гардид[118].

Ҳамин тавр, идомаи нашри якуми нишондиҳандаи библиографии тарҷеъии «Феҳристи китобҳои РСС Тоҷикистон” соли 1963 таҳти унвони «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: каталог»[119] ба табъ расид ва фарогири адабиёти тӯли солҳои 1957-1961 интишорёфта, мебошад. Дар феҳристи тарҷейи библиографӣ тамоми китобҳо, брошюраҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, маҷмуаҳо ва монографияҳо, дар маҷмуъ 2968 номгӯи адабиёти дар тӯли солҳои 1957-1961 нашршуда, инъикос ёфтааст. Ҳангоми хостагирии китобҳо мураттибон аз ворид кардани чунин навъи адабиёт: китобҳои хурде, ки адади нашрашон кам аст, адабиётҳое, ки барои истифодабарии махсус тавсия шудаанд, адабиётҳои даврагӣ, ахборот, корҳои илмӣ, авторефератҳо ва монанди инҳо, худдорӣ кардаанд. Феҳрист бо теъдоди 1500 нусха чоп шудааст ва мураттибони он: М. Ахмедова ва Р. Кукушкина мебошанд. Ин феҳрист аз феҳристи қаблӣ бо як қатор хусусиятҳояш фарқ мекунад. Якум, дар феҳристи мазкур тамоми адабиёти интишорёфта ба забони нашрашон: тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ тасвир ёфта, дар поёни тасвири китобҳои тоҷикию ӯзбекӣ тарҷумаи сарлавҳаи онҳо ба забони русӣ дода шудааст; дуюм, мавод дар қисмҳо ва зерқисмҳои феҳрист аз рӯи алифбо аввал ба забони тоҷикӣ,

---

118 Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / тарт.: Р. Шарофов. – Душанбе, 1973. – С.38-39.

119 Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1957 – 1961) / тарт.: М. Ахмедова, Р. Кукушкина. – Душанбе, 1963. – 316 с.

сипас ба забони ӯзбекӣ ва дар охир ба забони русӣ ҷобаҷо гузошта шудааст; сеюм, маҳакҳои асосии хостагирии адабиёт муайян карда шудаанд; чорум, пешгуфтор ва мундариҷа бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод шудааст; панҷум, дар охири феҳрист ду нишондиҳандаи номӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ тартиб дода шудааст, ки яке ба китобҳои тоҷикию ӯзбекӣ ва дигаре ба китобҳои русӣ бахшида шудаанд. Феҳристи мазкур аз 30 қисм ва 118 зерқисм иборат аст. Яке аз норасоиҳои феҳрист аз он иборат аст, ки дар он нишондиҳандаи сарлавҳаи асарҳо вуҷуд надорад ва ин камбудӣ метавонад ҳангоми пажуҳиши ин ё он мавзӯи дилхоҳ ба истифодабарандаи феҳрист монеа эҷод намояд.

Соли 1967 феҳристи сеюми тарҷеъии Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон ба ифтихори 50-солагии Ҳокимияти Шуравӣ таҳти унвони «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: каталог (солҳои 1962-1966)»[120] бо теъдоди 2000 нусха ба табъ расид ва дар он 2847 номгӯи адабиёт номнавис шудааст. Дар солҳои 60-уми асри XX рушди адабиёти миллӣ ва тарҷумаи осори бадеӣ ба рушди китобчопкунӣ таъсири мусбӣ расонида, аз ҳисоби тарҷумаи китобҳо адади нашри онҳо низ меафзояд. Дар ин робита дар пешгуфтори феҳристи мазкур ишора шудааст, ки «Дар республика нашри адабиёти классикии тоҷику рус, адабиёти советии тоҷик, китобҳои нависандагони республикаҳои бародарӣ ва беҳтарин асарҳои адабиёти хориҷӣ мавқеи намоёнро ишғол мекунанд. Хонандагон ва ҳавасмандони адабиёти тоҷик сол то сол зиёд шуда истодаанд. Адабиёти тоҷик на ин ки дар байни хонандагони советӣ балки дар хориҷа низ обрӯи калон пайдо кардааст. Асарҳои асосгузорони адабиёти советии тоҷик монанди Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Мирсаид Миршакар чандин маротиба бо забонҳои халқҳои СССР нашр

[120] Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1962 – 1966) / тарт. М. Ахмедова, Р. Кукушкина; муҳ. С. Иброҳимов. – Душанбе, 1967. – 355 с.

шуда баромадаанд. Дар хориҷа бошад, ба забонҳои булғорӣ, венгерӣ, чехӣ, руминӣ, англисӣ, ҳиндугӣ, арабӣ ва ғайра низ чоп гардидаанд»[121].

Феҳристи «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ» (с.1967) аз нигоҳи услуби китобноманигорӣ, фарогирии мавод, маҳакҳои асосии хостагирии адабиёт, багурӯҳдарорӣ ва дороии дастгоҳи маълумотӣ-пажуҳишӣ ба феҳристи қаблӣ (с.1963) монанд буда, онро такмил додааст. Яке аз бартариҳои феҳристи мазкур нисбат ба ду феҳристи қаблӣ аз он иборат аст, ки ин ҷо барои истеъмолкунандагони ахбори библиографӣ бори нахуст шуъбаи нав таҳти унвони «Нашри адабиёти тоҷик дар республикаҳои бародарӣ» пешниҳод шудааст. Тавассути ин шуъба истеъмолкунандагони ахбори библиографӣ имконият пайдо карданд, ки бемамоният китобҳои муаллифони тоҷик ва адабиёти марбут ба Тоҷикистонро, ки ба забонҳои халқҳои собиқ ИҶШС тарҷума шудаанд, шинос шаванд ва онҳоро интихоб карда, мутолиа намоянд. Тасвири библиографии мавод дар ин қисми феҳрист ба забони русӣ навишта шуда, дар охири тасвир ба кадом забон нашр шудани китоб нишон дода шудааст. Ҳамагӣ дар ин қисм 36 номгӯи адабиёти тарҷумашудаи тоҷик номнавис шудааст, ки аз ин ҳисоб 2 номгӯй ба забони арманӣ, 2 – белорусӣ, 2 – гурҷӣ, 1 – қарақалпоқӣ, 2 – қирғизӣ, 2 – латишӣ, 4 – озарӣ, 1 – туркменӣ, 4 – украинӣ, 12 – ӯзбекӣ ва 4 номгӯи адабиёт ба забони эстонӣ нашр шудаанд. Боиси қаноатмандист, ки баъзе китобҳои тоҷикӣ дар тарҷума ба забони дигар халқҳо бо тиражи ниҳоят калон нашр шудаанд. Масалан, афсонаҳои халқии тоҷикии барои хонандагони синни томактабӣ таъйиншуда: “Ду ҷӯра” (Два приятеля) бо теъдоди 200000 нусха, “Бузаки ҷингилапо” (Коза – кудрявые ножки) бо теъдоди 215000 нусха, “Тирандоз ва дӯстони ӯ” (Стрелок и его друзья) бо тиражи 300000 нусха ба забони украинӣ ба табъ расидаанд, ки албатта аз рушди китобчопкунии даврони шуравӣ дарак медиҳад.

---

[121] Сарсухан // Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1962 – 1966) / тарт. М. Ахмедова, Р. Кукушкина; муҳ. С. Иброҳимов. – Душанбе, 1967. – С.3.

Навиштаҷоти библиографӣ дар ин феҳрист мувофиқи “Қоидаи ягонаи навиштани асарҳои матбуот барои феҳристи китобхонаҳо” роҳандозӣ шуда, калимаҳои русӣ тибқи рӯйхати мухтасароте, ки аз ҷониби Палатаи китобҳои ИҶШС тасдиқ карда шудааст, мухтасар карда шудаанд. Ба гурӯҳдарории мавод дар феҳристи тарҷеъӣ аз рӯйи соҳа ва шуъбаҳо ба роҳ монда шуда, баъдан дар дохили шуъба бо се забон: тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ, аз рӯи алифбо пайдарҳам ҷобаҷо гузошта шудааст.

Нашри чоруми силсилафеҳристи «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: каталог (солҳои 1967 - 1975)»[122] соли 1982 бо теъдоди 1000 нусха нашр мегардад. Дар он 5204 номгӯи адабиёти тӯли 9 сол чопшуда ворид шудааст. Мураттиби феҳрист яке аз библиографони касбии Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон Рашида Алексеевна Кукушкина мебошад. Маҳз бо ташаббуси ин мутахассиси пухтакор бори нахуст дар таҷрибаи таҳияи чунин дастурҳои библиографии тарҷеъӣ ду нишондиҳандаи ёрирасон: нишондиҳандаи сарлавҳаи асарҳо ва нишондиҳандаи ҷуғрофӣ дар сохтори феҳрист ворид карда шудааст, ки истифодаи онҳо аз бисёр ҷиҳат раванди пажуҳиши маводи заруриро осон гардонида, саривақт дастрасиро ба иттилооти пешниҳодшуда таъмин менамоянд. Дар феҳристи мазкур нишондиҳандаҳои номӣ ва сарлавҳаи асарҳо ба забонҳои тоҷикию русӣ дар алоҳидагӣ ва нишондиҳандаи ҷуғрофӣ танҳо ба забони русӣ пешниҳод шудааст. Ҳамзамон дар дастгоҳи маълумотӣ-пажуҳишии феҳрист дар радифи пешгуфтор (аз тартибдиҳанда), мундариҷа, нишондиҳандаҳои ёрирасони номӣ, сарлавҳаи асарҳо, ҷуғрофӣ, боз рӯйхати калимаҳои ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ мухтасар карда шуда, илова карда шудааст. Дар феҳрист, – чунонки мураттиб дар пешгуфтори он қайд менамояд, – рӯйхати китобҳои илмӣ, илмию оммавӣ, истеҳсолию техникӣ, китобҳои дарсӣ, маълумотномаҳо, адабиёти бадеӣ ва асарҳои доир ба санъат, адабиёти

[122] Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1967 – 1975) / тарт.: Р.А. Кукушкина. – Душанбе, 1982. – 544 с.

расмии ҳуҷҷатӣ, характери ахборотдиҳӣ дошта, дастурҳои методӣ, китобҳои таълимӣ-методӣ, ки аз тарафи идораю ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, дохил шудаанд. Ҳангоми интихоби нашрияҳо аҳаммияти ҷамъиятию сиёсӣ, илмӣ ва арзиши истеҳсолии онҳо ба назар гирифта шудаанд[123].

Мутаассифона, дар ин феҳрист шуъбае, ки инъикоскунандаи осори тарҷумашудаи олимону адибони тоҷик буд, ворид нашудааст.

Соли 1988 нашри панҷуми феҳристи давлатии библиографии «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: 1976-1980»[124] бо теъдоди 1000 нусха интишор ёфт, ки он 3009 номгӯи китобҳои дар тӯли панҷ сол (1976-1980) чопшударо инъикос мекунад. Дар таҳияи феҳрист се нафар кормандони Палата: Р. Ҳайдарова, З. Бобоҷонова, Г. Бобохоҷаева иштирок кардаанд. Китобҳо дар феҳрист мувофиқи ГОСТ-и 7.1–76 «Тасвири библиографии асарҳои матбуот» (М., 1977), дастуруламали методии байниидоравии комиссия оид ба тартиб додани феҳраст дар назди Китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи Ленин тасвир шудаанд. Ҳангоми тасвир намудани китобҳо калимаҳо мувофиқи ГОСТ-и 7.12-77 «Ихтисори калима ва ибораҳои русӣ дар тасвири библиографии асарҳои матбуот» (М., 1977) ва «Дастур оид ба мухтасаркунии калима ва ибораҳои тоҷикӣ дар тасвири библиографии асарҳои матбуот» (Душанбе, 1983) ихтисор шудаанд. Дар охири навиштаҷоти библиографӣ дар қавс соли нашри китоб ва инчунин рақаме, ки китоб зери он дар Палата ба қайд гирифта шудааст, нишон дода шудааст[125].

Дар феҳристи мазкур бо истиснои нишондиҳандаи номи муаллифон дигар навъҳои нишондиҳандаҳои ёрирасон, аз қабили нишондиҳандаи сарлавҳаи асарҳо, нишондиҳандаи ҷуғрофӣ, ки дар феҳристҳои қаблӣ вуҷуд доштанд, истифода нашудааст.

---

123 Аз тартибдиҳанда // Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1967 – 1975) / тарт.: Р.А. Кукушкина. – Душанбе, 1982. – С. 3.

124 Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: феҳрасти давлатии библиографи (солҳои 1976 – 1980) / тарт.: Р. Ҳайдарова, З. Бобоҷонова, Г. Бобохоҷаева; муҳ. Р. А. Кукушкина. – Душанбе, 1988. – 360 с.

125 Муқаддима // Китобҳои Тоҷикистони советӣ [Матн]: феҳрасти давлатии библиографи (солҳои 1976 – 1980) / тарт.: Р. Ҳайдарова, З. Бобоҷонова, Г. Бобохоҷаева; муҳ. Р. А. Кукушкина. – Душанбе, 1988. – С.5.

Соли 1992 нашри шашуми феҳристи давлатии библиографӣ таҳти унвони «Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»[126] бо теъдоди 1000 нусха ба табъ расид ва дар он 2847 номгӯи адабиёти тӯли солҳои 1981-1985 нашршуда, ба қайд гирифта шудааст. Мураттибони феҳрист: З. Бобоҷонова, Г. Бобохоҷаева, С. Назарова услуби таҳияи феҳристи қаблиро (1988) риоя намуда, кӯшиш кардаанд, ки доир ба ҳамаи соҳаҳои илму дониш китобҳои нашршударо пешниҳод намоянд. Як бартарии ин феҳрист аз феҳристи соли 1988 чопшуда, аз он иборат аст, ки дар феҳристи охирон боз дар радифи нишондиҳандаи ёрирасони номӣ, нишондиҳандаи ҷуғрофӣ ҳамроҳ карда шудааст.

Нашри ҳафтуми феҳрист, ки адабиёти тӯли солҳои 1986-1990 интишорёфтаро фаро мегирад, соли 2005 бо теъдоди 300 нусха нашр шудааст.[127] Нашри он ба ҷашни 70-солагии Хонаи китоби Тоҷикистон рост омад. Дар ин феҳрист 3642 номгӯи китоб номнавис шудааст. Мураттибони феҳрист С. Бобомуродова, Д. Авазова, С. Ғуломшоев, Н. Раҷабова ва муҳаррири масъул он А. Файзалиев мебошанд. Дар феҳристи мазкур бо истисвои нишондиҳандаи ёрирасони номӣ дигар намуди нишондиҳандаҳои ёрирасон тартиб дода нашудааст.

Ҳамин тавр, вазъи омӯзиши библиографияи давлатӣ дар солҳои 1960-1990 нишон дод, ки ин навъи библиография бо ибтикору фаъолияти пайвастаи Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ба зинаҳои нави инкишоф устуворона қадам гузошта, ҷиҳати бақайдгирии маҳсулоти чопӣ ва тавассути нашри ҷории “Солномаи китобҳои ҶШС Тоҷикистон” паҳн намудани осори нашршуда саҳм гирифтааст. Инчунин, Палатаи давлатии китобҳо ҳамкориро бо дигар китобхонаҳо дар самти таёр намудани дастурҳои библиографияи тарҷеъӣ қави гардонидааст.

[126] Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: феҳрасти давлатии библиографӣ (солҳои 1981 – 1985) / тарт.: З. Бобоҷонова, Г. Бобохоҷаева, С. Назарова; муҳ. масъул К. Қурбонов. – Душанбе, 1992. – 360 с.

[127] Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: феҳрасти давлатии библиографӣ (солҳои 1986 – 1990) / тарт.: С. Бобомуродова, Д. Авазова, С. Ғуломшоев, Н. Раҷабова; муҳ. масъул А. Файзалиев. – Душанбе, 2005. – 502 с.

# БОБИ II. РАВАНДҲОИ ТАҲАВВУЛ ВА РУШДИ БИБЛИОГРАФИЯИ ИЛМӢ-ЁРИРАСОН ВА ТАВСИЯВИИ ТОҶИК ДАР СОЛҲОИ 1960-1990

## 2.1. Рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар солҳои 1960-1990.

Мақсади библиографияи илмӣ-ёрирасон барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва касбӣ-истеҳсолӣ ба олимону муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм тавассути фаъолияти китобноманигорӣ пешниҳод намудани иттилооти библиографӣ мебошад. Дар баробари ин мутобиқи вазифаҳои асосиаш библиографияи илмӣ-ёрирасон мувазззаф аст, ки бо дар назардошти эҳтиёҷоти ба иттилооти библиографӣ доштаи мутахассисони соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт ва соҳаи хизматрасониро саривақ таъмин намояд.

Фаъол гардонидани таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши назария, таърих, услуб ва ташкили библиографияи илмӣ-ёрирасон, ба андешаи мо, яке аз шартҳои муҳимми рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, вазифаи марказҳои бузурги библиографияи илмӣ-ёрирасон, қабл аз ҳама, аз муайян кардани ҷойгоҳ ва нақши он дар низоми умумидавлатии ахбороти илмию техникӣ, омӯзиши талабот ва дархости олимону мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм, роҳандозии шаклу усулҳои самарабахши тайёр кардани иттилооти библиографӣ ва омӯзиши нишонрасиву аҳаммиятнокии истифодаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон дар раванди роҳбарии хониш, иборат аст.

Воқеан, истифодаи мақсадноки дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон бояд ба ниҳодҳои нақшакашӣ ва хоҷагӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ имконият диҳад, ки дар татбиқи афкори пешқадам вусъат бахшанд ва олимону мутахассисон ба такрори беасоси кор ва сарфи беҳудаи вақту маблағ роҳ надиҳанд.

Дар таҳияву интишори дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон саҳми китобхонаҳои калонтарин ва марказиҳои библиографӣ хело назарас мебошанд. Масалан дар Россия якчанд марказҳои калонтарини библиографияи илмӣ-ёрирасон арзи вуҷуд доранд, ки дар таъмини соҳаҳои муҳимтарини дониш бо ин навъи дастурҳои библиографӣ саҳм мегузоранд. Аз ҷумла, Институти ахбороти илмӣ оид ба илмҳои ҷамъиятии Академияи илмҳои Россия (ИНИОН) нишондиҳандаҳои ҷорӣ, тарҷеъӣ ва маҷаллаҳои реферативӣ нашр менамояд, Институти умумииттифоқии ахбороти илмӣ ва техникӣ (ВИНИТИ) «Маҷаллаи реферативӣ» («Реферативный журнал»), «Ахбори таъҷилӣ» («Экспресс-информация») ва Китобхонаи давлатии оммавии илмӣ-техникӣ (ГПНТБ) нашриёҳои ҷорӣ ва тарҷеъии библиографӣ, ба табъ мерасонанд.

Дар Тоҷикистон ин вазифаҳои пурмасъулият бар души Китобхонаи маркази илмии Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон (ҳоло КМИ ба номи И. Ганди АМИТ), Институти илмӣ-тадқиқотии ахбороти илмӣ-техникии Тоҷикистон (ҳоло Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-техникӣ (ҳоло Китобхонаи давлатии патентию техникӣ) ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии соҳавӣ, вогузор карда шудааст. Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар заминаи Китобхонаи марказии илмию техникӣ, ки соли 1958 ташкил шуда буд, бо қарори Кумитаи давлатии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотӣ аз 6-уми майи соли 1965, таҳти №22 бо номи Китобхонаи ҷумҳуриявии илмию техникӣ таъсис ёфтааст. Бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми майи соли 1993, таҳти №242 Китобхонаи ҷумҳуриявии илмию техникӣ ба Китобхонаи давлатии патентию техникӣ табдил дода шуд ва ба сохтори Муассисаи давлатии

«Маркази миллии патенту иттилоот»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шуд[128].

Аз ҷониби муассисаҳои дар боло ишорашуда системаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон, ки дар маҷмӯъ як низоми муайяни нашрияҳои ҷорӣ ва тарҷеъии библиографиро ташкил медиҳанд, омодаву нашр шуда, имкон доданд, ки талаботи касбии библиографии кормандони илм ва мутахассисони соҳаҳои мухталифи дониш пурратар қонеъ карда шавад.

Мақсади асосии дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ пешниҳоди иттилооти фаврии библиографӣ дар бораи асарҳои нави чопӣ мебошад. Нашрҳои ҷории библиографӣ ба намудҳо ҷудо шуда, ҳар як намуд дар навбати худ боз дорои хусусиятҳои хос мебошад.

Яке аз навъҳои тараққикардаи библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ – «нашрияҳои сигналӣ» («сигнальные издания») маҳсуб ёфта, вазифаи он бақайдгирии ҳадди аксари асарҳои чопии ватанию хориҷӣ ва саривақт пешниҳод намудани иттилооти фаврии библиографӣ дар бораи онҳо мебошад. Дар нашрияҳои сигналӣ барои шарҳи мухтасари мазмуни асар одатан тавсифҳои маълумотӣ истифода мешаванд.

Намуди дигари нашри ҷории библиографияи илмӣ-ёрирасон – нашрияҳои реферативӣ ва омехта («маҷаллаҳои реферативӣ") буда, мутобиқ ба вазифаашон адабиётро комилан пурра инъикос намоянд ҳам, аммо маълумоти дар онҳо дарҷёфта нисбат ба маълумоти дар «нашрияҳои сигналӣ» пешниҳодшуда дертар ба хонанда мерасанд. Дар ин намуди нашр, мазмуни маводи ба забонҳои хориҷӣ интишорёфта, тавассути рефератҳои муфассал ва тарҷумаҳо кушода мешавад.

«Ахбори таъҷилӣ» («Экспресс-информация») яке аз навъҳои маъмули библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ буда, ба ҳайси нашрияи даврӣ дар пешниҳоди рефератҳои мукаммали маводи муҳимтарини хориҷӣ, ки сазовори инъикоси фаврӣ мебошад, саҳм мегирад. Ҳангоми

[128] Боев, Б. Китобхонаи давлатии патентию техникӣ дар масири таърих // Китобдор. – 2015. – №1-3 (11). – С.10.

зарурат маводи иттилоотии «Ахбори таъҷилӣ» бо расмҳо, графикҳо ва ҷадвалҳо тасвир карда мешавад.

Маълумот дар бораи маводи чопшуда ва чопнашуда, баррасии муфассали мазмуни кор, таҳлил ва муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқот, нишон додани дастовардҳо ва дурнамои рушд, асосан дар навъи дигари дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ – «нашрияҳои хулосавӣ» («обзорные издания») ба қайд гирифта мешаванд.

Маълумот дар бораи ворид шудани китобу нашрияҳои ватаниву хориҷӣ ба китобхонаҳои калонтарини мамлакат тавассути «бюллетенҳои ҷомеи чопшуда» («печатные сводные бюллетени») пешниҳод мегарданд.

Шуруъ аз соли 1969 аз ҷониби Шуъбаи ахбороти илмии Китобхонаи маркази илмии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон нишондиҳандаи адабиёт таҳти унвони «Илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» ба забони русӣ нашр шуд, ки ҳадафи асосии он ба аҳли илму адаб, муҳаққиқону мутахассисон пешниҳод намудани адабиёти тозанашри ватаниву хориҷӣ доир ба илмҳои ҷомеашиносӣ буд. Донишманди тоҷик Раҳим Мусулмонқулов аҳаммият ва норасоии ин дастури библиографии илмӣ-ёрирасони ҷориро мавриди таҳлил қарор дода, аз хеле мухтасар ва ноқис будани китоби якуми феҳрист, ки ҳамагӣ аз 47 саҳифа иборат буд, надоштани рақамҳои тартибӣ дар тавзеҳот, дар охири дастур зикр нашудани кумакфеҳристи муаллифони китобу мақолаҳо ва ҳатто нишон дода нашудани мураттибони дастур изҳори нигаронӣ кардааст. Ба андешаи ӯ норасоиҳои ҷойдошта аҳаммияти илмиву пажуҳишии дастурро паст намуда, раванди ҷустуҷӯ ва интихоби адабиёти заруриро душвор мегардонанд. Шуруъ аз шумораи дуюми феҳрист, ки соли 1970 дар нашриёти «Дониш» ба табъ расид камбудиҳо ва баъзе норасоиҳои дар шумораи якум вуҷуддошта ислоҳ шуданд. Шумораи дуюм ҳаҷман калон шуда, дар он номгӯи нисбатан мукаммали асару мақолаҳои дар нимсолаи дуюми соли 1969 интишорёфта дар 124 саҳифа ҷой дода шуданд. Аз шумораи 5-уми феҳрист (соли 1971) минбаъд феҳрист бо таври мунтазам дар як сол 4 маротиба нашр шуд ва аз нигоҳи фарогирии

мавод нисбатан комил гардид. Дар баробари ин, Р. Мусулмонқулов барои беҳтар намудани нашри минбаъдаи феҳрист чунин ибрози назар кардааст: «Дархости асосии хонандагон ин аст, ки феҳраст, аз як тараф, боз ҳам мукаммалтару пурратар гардонида шавад (он тамоми адабиёти оид ба таърих, фалсафа ва адабиёту санъати халқи тоҷикро фаро гирад), аз тарафи дигар, тавзеҳоти мухтасари адабиёти нисбатан дастнорас (махсусан дар хориҷа ва ба забонҳои хориҷӣ чопшуда) андаке пурқувваттар ва васеътар гардонида шавад. Дар натиҷа ҳам қадру эътибори феҳраст боз бештар меафзояд, ҳам меҳнати тадқиқотчиён сабуктар мегардад»[129].

Воқеан, нишондиҳандаи адабиёти «Илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» аз соли 1971 то соли 1985 дар як сол 4 маротиба интишор ёфт ва солҳои 1986-1990 дар як сол 2 шумораи он ба табъ расид. Дар ҷамъоварию коркард, гурӯҳбандиву феҳристнигорӣ ва таҳриру ба чоп омадасозии силсиладастури библиографии «Илмҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон» саҳми мураттибони он: Л.С. Молчанова, М. Салимшоева, Д.Л. Дисская, А.М. Рыжикова, Х.З. Бузург-заде, Х.З. Махмадова, Н.В. Лебзина, Б. Касымов, А.И. Васильев, Х. Шоихтиёров, Х.С. Валиходжаева, М. Самеев, М.Т. Суяркулова, А.Г. Саттаров, А. Самиев, Т.Н. Мамонтова, К.В. Малюгина, Н.М. Мелибаева, М.Ф. Шарипова, М.Р. Раджабова, К.В. Киндрук ва муҳаррирони масъули нишондиҳанда: Д.Л. Дисская, Л.А. Кононенко, Е.А. Руденко, Л.А. Балуева, беандоза калон аст.

Нашри дигари библиографияи илмӣ-ёрирасон таҳти унвони «Солонаи нашриёҳои Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон» аз соли 1956 аз ҷониби Китобхонаи марказии илмии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон ба табъ мерасад. Нашри якуми солона 223 номгӯи адабиёти соли 1955 чопшударо дарбар гирифта, ҳамагӣ аз 63 саҳифа иборат буд. Дар таҳияи солона библиографони касбии китобхона: З.М. Шевченко, Л.В. Турсунова, Д.С. Лейви, Н.И. Курапова, А.Г. Сижук, Л.Г. Сафонова,

[129] Мусулмонқулов, Р. 18 китоби феҳраст // Маориф ва маданият. – 1975. – 15 май.

О.Н. Бордун, Н.Г. Щербакова ва Д.И. Савранская фаъолона иштирок кардаанд. Солона дар заминаи осори чопии олимони Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ҳар сол мураттаб гардида, дар он номгӯи китобу рисолаҳои илмӣ, мақолаҳои дар маҷмӯаҳо ва маҷаллаву нашрҳои давомдор чопшуда, маводи конференсияю симпозиумҳои илмии дар кишвар ва хориҷи он интишорёфта, номнавис мешаванд. Мутобиқи таъйиноташ солона бояд маълумоти библиографиро оид ба адабиёти тӯли як сол нашршуда фавран ба хонандагон расонад. Аммо, чунонки таҳлили солона дар давоми солҳои 1960-1990 нишон медиҳад, ягон шумораи он сари вақт чоп нашудааст. Масалан, солонаи соли 1960 – соли 1962; солонаи соли 1967 – соли 1970 ва солонаи соли 1971 – соли 1975 чоп шудааст ва албатта саривақт нашр нашудани солона низоми оҷилона расонидани иттилооти библиографиро дигаргун намуда, бештар хусусияти библиографияи илмӣ-ёрирасони тарҷеъиро ба худ касб кардааст.

Ҳамчунин, шурӯъ аз соли 1971 аз ҷониби Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ дар баробари таҳия ва интишори дастурҳои библиографии тавсиявӣ барои гурӯҳҳои гуногуни хонандагон, интишори як қатор нашрияҳои ҷории иттилооти библиографӣ, ба монанди «Адабиёти нав доир ба Тоҷикистон», «Адабиёти нав оид ба тарбияи коммунистии меҳнаткашон», «Адабиёти нав оид ба маданият ва санъати РСС Тоҷикистон», «Адабиёти нав доир ба илмҳои педагогӣ ва маорифи халқ»-ро ба роҳ монда буд. Илова бар ин, нашри рӯйхатҳои адабиёти ҷории ба китобхона воридшударо таҳти унвонҳои «Адабиёти нав оид ба геология» ва «Мудофиаи шаҳрвандӣ» роҳандозӣ мекард. Ин нашрияҳо мутобиқи низоми таснифоти библиографӣ аз рӯйи аломати маъмурӣ-мақсаднокӣ ва фарогирии замони нашри адабиёт ба библиографияи ҷорӣ мансуб буда, вазифаи асосии онҳо пешниҳод намудани иттилооти фаврии библиографӣ дар бораи адабиёти тозанашри ба китобхона воридшуда, мебошад. Ҳангоми таҳлилу омӯзиш ва баррасии

таъйини хонандагии онҳо маълум гардид, ки ин дастурҳои библиографӣ ба гурӯҳи муайяни хонандагон, пеш аз ҳама, ба кормандони илму маориф, фарҳангу санъат, омӯзгорону унвонҷӯёни соҳаҳои алоҳидаи дониш таъйин шудааст. Бинобар ин, зарур дониста шуд, ки доир ба вижагиҳои нашри ҳар як силсила маълумоти мушаххас пешниҳод шавад.

Рӯйхати иттилоотӣ-библиографии «Адабиёти нав доир ба Тоҷикистон» аз соли 1971 дар як сол чаҳор маротиба ба забонҳои тоҷикию русӣ интишор мешуд. Мақсади он пешниҳоди маълумоти мукаммал ба хонандагон оид ба адабиёти кишваршиносии ҷорӣи ба фонди китобхона воридшуда, бахшида ба таърих, табиат, иқтисодиёт ва илму фарҳанги Тоҷикистон иборат буд. Дар ҳар барориши рӯйихати библиографӣ интихобан китобҳо, мақолаҳои дохиликитобии нашриётҳои ҷумҳуриявию марказӣ (собиқ СССР) ва инчунин, маводи матбуоти даврии марказӣ, ҷумҳуриявию вилоятӣ ворид карда мешуданд. Таҳқиқот муайян намуд, ки рӯйихати иттилоотии мазкур то соли 1992 интишор шудааст.

Рӯйхати адабиёти ҷорӣи ба китобхона воридшуда зери унвони «Тарбияи коммунистии меҳнаткашон» аз соли 1971 дар се моҳ як маротиба ба забонҳои точикию русӣ интишор мегардид. Мақсади он тарғиб намудани адабиёти нав оид ба масъалаҳои тарбияи коммунистӣ иборат буд, зеро интишори ин библиография ба марҳилае рост меояд, ки он замон сохти идоракунии давлатиро танҳо ҳизби ягонаи коммунистӣ ба уҳда дошт. Бинобар ин, барои омавигардонии ғояҳои сиёсии ин ҳизб ҳамаҷониба аз тамоми усулҳои ташвиқию тарғиботӣ васеъ истифода мешуд. Дар низоми фаъолияти китобхонаҳо бошад, бештар бо усули таъминоти библиографии корҳои тарғиботӣ диққати ҷиддӣ дода мешуд. Бо ин мақсад дар руйихати иттилоотии библиографии «Тарбияи коммунистии меҳнаткашон» интихобан китобҳо, мақолаҳои дохиликитобӣ ва маводи матбуоти даврие, ки мазмуну муҳтавои сиёсиву тарбиявӣ дошт, бештар ворид карда мешуданд. Тадқиқот муайян намуд,

ки таҳия ва нашри руйихати библиографии илмӣ-ёрирасони ҷории «Тарбияи коммунистии меҳнаткашон» аз соли 1990 қатъ мегардад.

Аз соли 1972 то соли 1990 рӯйихати библиографии адабиёти ҷории ба китобхона воридшуда таҳти унвони «Адабиёти нав оид ба илмҳои педагогӣ ва маорифи халқ» чоп шудааст. Рӯйихат аввал аз ҷониби Китобхонаи давлатии ҷумҳариявии ба номи А. Фирдавсӣ бо номи «Китобҳои нав доир ба илмҳои педагогӣ ва маорифи халқ» дар се моҳ як маротиба ба забони русӣ нашр мешуд. Аз соли 1978 Китобхона дар ҳамкорӣ бо Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогии Вазорати маорифи Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (минбаъд РСС Тоҷикистон) чоп шудааст. Аз соли 1981 бошад ин руйхати «Адабиёти нав оид ба илмҳои педагогӣ ва маорифи халқ» дар як сол 2 маротиба ба забонҳои тоҷикиву русӣ нашр гардидааст.

Рӯйихати библиографии «Адабиёти нав оид ба маданият ва санъати РСС Тоҷикистон» ба забонҳои тоҷикию русӣ аз соли 1977 дар як сол шаш маротиба ва аз соли 1979 то соли 1990 дар се моҳ як маротиба ва аз соли 1983 таҳти унвони «Адабиёт оид ба маданият ва санъати РСС Тоҷикистон» таҳия ва нашр мегардид. Ҳадафи асосии ин дастури ҷорӣ пешниҳод намудани адабиёти тозанашр ба хонандагон оид ба масъалаҳои фарҳангу ҳунари ҷумҳурӣ иборат буд. Дар рӯйихати библиографии «Адабиёти нав оид ба маданият ва санъати РСС Тоҷикистон» номгӯйи асарҳои чопӣ ва мақолаҳои дар матбуоти даври интишор ёфта, оид ба масъалаҳои муҳими фарҳангшиносӣ, фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ-фарҳангӣ, мероси фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии халқи тоҷик, навъҳои гуногуни санъат аз ҷумла санъати театрӣ, расомӣ, мусиқӣ, рақс ва садову симо ба забонҳои тоҷикию русӣ, номнавис мешуданд. Тадқиқот муайян намуд, ки таҳия ва интишори нашрияи мазкур бо сабабҳои обективию субективӣ аз соли 1990 як муддати муайян, яъне то соли 2006 қатъ мегардад. Дастури мазкур аз соли 2006 бо ду барориш дар як сол то соли

2007 тахти унвони «Адабиёти нав доир ба фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон»[130] нашр шуд ва то соли 2014 боз чопи он қатъ гардид. Ишора намудан ба маврид аст, ки то ин муддат адабиёт роҷеъ ба мавзуъ танҳо дар феҳристу картотекаҳои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ номнавис мешуданд. Соли 2014 лозим шуморида шуд, ки барои мукаммал гардонидани мазмуну мундариҷаи дастур адабиёти солҳои 2008-2013 ҳамроҳ карда шаванд ва барои истифодаи умум пешниҳод гардад[131].

Қобили қайд аст, ки силсиланашри «Адабиёти нав оид ба маданият ва санъати РСС Тоҷикистон» барои кормандону пажуҳишгарони соҳаи фарҳангу ҳунар, васоити ахбори омма (матбуоти даврӣ ва садову симо), синамогарону кормандони сирк, рӯзноманигорон ва гурӯҳи васеи муштариёну дилбохтагони фарҳангу ҳунари тоҷик, бахусус мутахассисону омӯзгорон, унвонҷӯёну донишҷӯён ва муҳаққиқони соҳа ҳамчун роҳнамо дар пажуҳишу интихоби адабиёти зарурӣ кумак расонида, имкон доданд, ки адабиёти тозанашри ба соҳа ихтисосдошта сари вақт мавриди омӯзиш қарор гирад.

Ҳамзамон аз ҷониби КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ тӯли солҳои 1971-1975 рӯйхати адабиёти ҷории ба китобхона воридшуда зери унвони «Адабиёти нав оид ба геология» дар як сол чаҳор маротиба ба забони русӣ нашр шудааст. Ҳадафи асосии ин нашрия, қабл аз ҳама, пешниҳоди адабиёти тозанашри ба мавзуъ ихтисосдошта ба олимону мутахассисони соҳаи мазкур мебошад.

Нашри дигари библиографияи ҷории КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, ки дар як сол 2 маротиба, ҳамагӣ 6 шумораи он тӯли солҳои 1972-1974 ба

[130] Адабиёти нав доир ба фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: рӯйхати библиографии адабиёт № 1 (январ-июни соли 2006) / мураттибон: Ш. Тошев, С. Исмоилова, Р. Содиқова; КМТ. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 32 с.; Адабиёти нав доир ба фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: рӯйхати библиографӣ. – №2, июл-декабри соли 2006 / мураттибон: Ҷ. Раҷабов, С. Исмоилова, Р. Содиқова; КМТ. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 44 с.

[131] Адабиёти нав доир ба фарҳанг ва ҳунари Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: феҳристи адабиёти солҳои 2008-2013 / мураттибон Ҷ. Раҷабов, М. Маҳмадназарова; КМТ. – Душанбе, 2014. – 445 с.

забони русӣ чоп шудааст – рӯйхати «Мудофиаи шаҳрвандӣ» («Гражданская оборона») мебошад.

Шуъбаи адабиёти хориҷии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ бо дарназардошти воридоти рӯзномаву маҷаллаҳои хориҷӣ ба китобхонаҳои пойтахт «Бюллетени ҷомеи рӯзномаю маҷаллаҳои хориҷӣ, ки китобхонаҳои шаҳри Душанбе мегиранд» («Сводный бюллетень иностранных газет и журналов, получаемых библиотеками город Душанбе») ба табъ расонидааст. Ин бюллетен аз соли 1970 то соли 1990 ҳамагӣ дар 10 шумора ба забони русӣ чоп шудааст.

Албатта, нашри рӯйхатҳои ҷории адабиёти тозанашри ба КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ воридшуда, вобаста ба вазъи бақайдгирии адабиёти ба китобхона воридшуда сурат мегирифт. Агар, кам нашр шудан ва умуман ворид нашудани адабиёти зарурӣ доир ба мавзуъ яке аз сабабҳои асосии идома наёфтани нашри рӯйхатҳои мазкур бошад, сабаби дигараш, ба андешаи мо, аз кор рафтани библиографони соҳибтаҷриба ва ҷумҳуриро тарк кардани бештари кормандони китобхонаҳои калонтарини мамлакат ва марказҳои библиографӣ мебошад.

Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон ҳамчун маркази илмӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотии тамоми китобхонаҳои соҳаи тандурустии ҷумҳурӣ дар таҳияи системаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик саҳми муносиб гузоштааст. Бо ташаббуси ин китобхона дастрасии кормандони соҳаи тибб ба дастурҳои мухталифи библиографӣ таъмин карда шуда, сатҳу сифати хадамоти библиографӣ беҳтару хубтар ба роҳ монда шуд.

Аз ҷониби ин китобхона силсилаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ низ барои кормандони илм, мутахассисони соҳаи тибб, омӯгорону унвонҷӯён ва кормандони амалия таҳияву интишор шудаанд, ки бевосита барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти библиографии хонандагон ва ҳамзамон рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик, мусоидат карданд. Масалан, аз соли 1972 КҶИТТ бо мақсади сари вақт пешниҳод намудани маълумоти оҷил дар бораи воридоти китобҳои

тозашр ба фонди китобхона нашри ҷории «Нишондиҳандаи воридоти адабиёти нав ба Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон» («Указатель новых поступлений литературы в Таджикскую республиканскую научную медицинскую библиотеку»)-ро ба роҳ мондааст. Ин дастур аз соли 1972 то соли 1977 дар як сол се маротиба ва аз соли 1978 то соли 1990 дар як сол шаш маротиба нашр шудааст. Инчунин, аз ҷониби китобхонаи мазкур боз дигар рӯйхату нишондиҳандаҳо ва бюллетенҳои ахборотӣ таҳияву интишор мешаванд, ки ҳар яки онҳо омӯзиш ва таҳқиқи вижаро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, дар маҷмӯъ метавон дар заминаи фаъолияти библиографии КҶИТТ ва Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино як таҳқиқоти муҳимму чашмрасро амалӣ намуд ва фаъолияти гуногунпаҳлуи библиографии ин ду китобхона метавонад ба ҳайси объекти омӯзиш ҷиҳати ҳалли мақсаду вазифаҳои таҳқиқот хизмат расонад.

Дар баробари дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷорӣ дастурҳои тарҷеъии ин навъи библиография барои пешрафти илму маориф ва рушди соҳаҳои мухталифи дониш ба олимону мутахассисон ҷиҳати пажуҳишу дарёфти маълумоти зарурии библиографӣ ёри расонида, тавассути дастурҳои соҳавию мавзӯӣ ва фардию шарҳиҳолӣ дар тарғиби адабиёти гуногунмазмуну гуногунсоҳа, мусоидат менамоянд.

Дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони тарҷеъӣ мутобиқи таъйиноташон ва ҳадафу вазифаҳояшон маҷмӯи китобҳои интишоршудаи як давраи муайяни таърихиро дар худ фаро гирифта, онҳоро дар шаклҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ, аз қабили рӯйхатҳо, нишондиҳандаҳо ва хулосаҳои библиографӣ манзур менамояд. Дастурҳои библиографии тарҷеъӣ гуногун буда, аз тарафи аксар китобхонаҳои марказӣ, вилоятӣ, пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии низоми Академияи илмҳо ва соҳавӣ, макотиби олӣ ва дигар муассисаҳои иттилоотӣ нашр мешаванд. Ин намуди библиография асосан бо мақсади

ёрӣ расонидан дар омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои мубрами соҳаҳои мухталифи илм бахшида ба рӯйдодҳои муҳим, санаҳои таърихӣ ва фаъолияти ашхоси барҷастаи илму маърифат ва ё арбобони намоёни давлатӣ, нашр мегардад.

Таҳқиқи нишон дод, ки рушди бо низоми библиографияи советии тоҷик махсусан библиографияи илмӣ-ёрирасон ба солҳои 80-уми асри XX рост меояд. Заминаи асосии рушди он бошад, солҳои 60-70-уми асри XX гузошта шуда буд. Бахусус дар ин солҳо дар фаъолияти китобхонаҳои мамлакат як қатор таҳаввулотҳои азим ба вуқуъ пайвастанд, аз ҷумла, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи китобдорӣ, низомномаву барномаҳо, қоидаву стандартҳо, дастурамалҳои корӣ, ёддошту услубҳои асосӣ ва ғайра таҳияву татбиқ шуданд.

Дар ҶШС Тоҷикистон назорат ва таъмини умумии тамоми китобхонаҳои оммавӣ бо маводҳои методӣ, дастурҳои библиографӣ дар ҷумҳурӣ бар души КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ вогузор шуда буд. Чунки ин китобхона ягона маркази методӣ барои тамоми китобхонаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб мерафт ва дар ҳамкорӣ бо Китобхонаи давлатии ИҶШС ба номи В.И. Ленин коркарди дастурамалҳои кориро оид ба вориднамоии тағйиротҳои низоми нави марказонидани китобхонаҳоро дар сатҳи ҷумҳурӣ ба ухда дошт.

Ҳамзамон марказҳои нави библиографӣ ва иттилоотӣ ташаккул ёфтанд, ки аз ҷониби онҳо нашрияҳои иттилоотию библиографии илмӣ-ёрирасон, маҷаллаҳои реферативӣ бахшида ба мавзуъҳои муҳимми илмию амалӣ ва соҳаҳои мухталифи дониш дар ҷумҳурӣ нашр шуданд. Масалан, дар солҳои 70-80-уми асри XX дар ин самт Институти илмӣ-тадқиқотии ахбороти илмию техникии Тоҷикистон (ИИТАИТТ) ба як қатор дастовардҳои назаррас соҳиб шуд. Институти мазкур аз рӯйи имконият ва иқтидори мавҷудаи илмию тахассусӣ дар таҳияи маҷаллаҳои реферативӣ, нашрияҳои библиографии илмӣ-ёрирасон, дурнамо, ҷорӣ ва тарҷеъӣ саҳм гузошта, онҳоро омода ва дастраси пажуҳишгоҳҳо, марказҳои илмию иттилоотӣ, китобхонаҳо ва ғайра

мегардонид. Аз ҷумла, бо ташаббуси ин Институт ва Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-техникӣ (ҳоло Китобхонаи давлатии патентию техникӣ) чунин дастурҳо: «Применение пластических масс в промышленности»,[132] «Прогрессивный металлорежущий инструмент»,[133] «Территориальный патентный фонд республиканской научно-технической библиотеки ТаджНИИНТИ»,[134] интишор ёфта, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Ҳамчунин марказҳои зиёди соҳавии илмию амалӣ, китобдорию иттилоотӣ, аз қабили институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотии соҳавӣ тавассути таҳияи силсилаи дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасон дар рушди ин намуди библиография саҳм гузоштаанд. Аз ҷумла, онҳо дар таҳияи дастурҳои беназири универсалӣ, соҳавӣ, кишваршиносӣ ва шарҳиҳолӣ кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Дар баробари ин, ҳангоми таҳияи дастурҳои библиографӣ эҳтиёҷоти тамоми гуруҳҳои хонандагон ба инобат гирифта мешуданд. Бештар барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти библиографии китобхонаҳо ва хонандагони онҳо низоми хизматрасонии “Интихобан паҳннамоии иттилоот” ва “Хадамоти тафриқавии хонандагон” мавриди истифода қарор мегирифт.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба таъминоти иттилооти библиографии намояндагони идораҳои давлатӣ, ҳизбӣ, иҷтимоӣ, иқтисодиву кишоварзӣ, муассисаҳои гуногуни илмию тадқиқотӣ, фарҳангӣ ва таълимии вилояту шаҳрҳо ва ноҳияҳо, зоҳир карда мешуд.

Дар шаклгирию рушдёбии библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик саҳми китобхонаҳои бузурги кишвар ва марказҳои асосии библиографӣ хеле назаррас мебошад. Дар тӯли солҳои 1960-1990 аз ҷониби Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон, КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ ва

---

[132] Применение пластических масс в промышленности: рек. список лит-ры / Таджик. респ. ин-т науч.-техн. информации и пропаганды Госкомитета Совета Министров Таджик. ССР по координации науч.-исслед. работ; сост.: Л.И. Грунина, М.К. Изирбекова. – Душанбе: Респ. науч.-техн. б-ка, 1965. – 38 с.

[133] Прогрессивный металлорежущий инструмент: темат. подборка / Ин-т науч: техн. информации и пропаганды при Госплане ТаджССР. – Душанбе, 1967. 24 с. с ил.

[134] Территориальный патентный фонд республиканской научно-технической библиотеки ТаджНИИНТИ / Гос.план. ком. ТаджССР, ТаджНИИНТИ н техн.-экон. исслед., Респ. науч.-техн. б-ка; сост.: В.А. Обухова. – Душанбе, 1981. –70 с.

КМИ ба номи И. Ганди ҶШС Тоҷикистон 105 нишондиҳандаи библиографии илмӣ-ёрирасон таҳияву интишор шуданд. Аз ин ҳисоб 21 дастури умумитарҷеъӣ, 22 нишондиҳандаи соҳавӣ, аз ҷумла: доир ба соҳаҳои фарҳанг – 1, сиёсат – 3, маориф ва илм – 1, табиатшиносӣ – 3, тибб – 2, техникӣ – 2, забон ва адабиёт – 8, таърих – 2; нишондиҳандаи шарҳиҳолӣ – 59 номгӯй ва 3 номгӯи нишондиҳанда оид ба дастурҳои библиографӣ, яъне библиографияи дараҷаи дуюм, мебошад. Ду нишондиҳандаи библиографӣ[135] дар ҳамкории библиографони КМИ ба номи И. Ганди АМИТ ва КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ тартиб дода шудааст (муфассалтар ниг., ба нишондоди ҷадвали №9). Бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳияи ҷадвали мазкур нишондиҳандаҳои библиографии илмӣ-ёрирасон, ки аз ҷониби дигар марказҳои библиографӣ ва дар саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ интишорёфта, ворид нагаштаанд.

Солҳои 1960-1988 аз ҷониби Маркази мероси хаттии назди раёсати Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон феҳристи нусхаҳои хаттӣ иборат аз 6 ҷилд таҳияву чоп шуданд. Нашри шашҷилдаи «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон» зери назар ва бо сарсухани академик Абдулғанӣ Мирзоев хазинаи дастурҳои илмӣ-ёрирасони тоҷикро бою рангин гардонида, барои интихоб ва омӯзиши осори гаронбаҳои таърихӣ ба олимону муҳаққиқон, бахусус муаррихон, адабиётшиносон ва шарқшиносон шароит муҳайё сохт.

Соли 1960 ба ифтихори Конгресси XXV байналхалқии шарқшиносон ҷилди якуми феҳрист[136] зери назар ва иштироки профессорон А. Мирзоев ва А. Болдырев аз чоп баромад. Дар ҷилди якуми феҳрист 288 номгӯи дастхатҳои нодири таърихӣ, ҷуғрофӣ,

---

[135] Абдурахман Джами: Библиогр. указ. произв. Джами и лит. о нём. изд. в СССР (1917 — 1988 гг.) / сосг. Л.А. Балуеваи др.; отв. ред. А.А. Афсахзод; АН ТаджССР, Центр науч. б-ка им. Индира Ганди; Гос. б-ка ТаджССР им. Фирдоуси, Отд. вост.рукописей. – Душанбе: Дониш, 1989. – 520 с.; Шевченко, З.М., Николаева, М. В. Каталог кандидатских и докторских диссертаций, защищенных на материалах Таджикской ССР. 1934—1959 гг.: библиогр. указатель литературы / отв. ред. В. Н. Ниязмухаммедов и А.Ш. Шукуров; Акад. наук Таджик. ССР.Центр. науч. б-ка. Гос. респ. б-ка им.Фирдоуси. – [Душанбе]: Изд-во Акад. наук Таджик. ССР, 1960. – 100 с.

[136] Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Том 1. / под ред. и при участие профессора А.М. Мирзоева и профессора А.М. Болдырева. – Сталинабад, 1960. – 344 с.

топографӣ, инчунин ёддоштҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои арзиши таърихӣ дошта, ворид шудаанд. Дар пешгуфтори феҳрист оид ба мақсаду вазифаҳои дастур, аҳаммияти он дар пажуҳишу интихоби маводи зарурӣ, вежагиҳои тасвири библиографии дастхатҳо ва истифодаи тавсифнигорӣ дар феҳрист муфассал маълумот дода шудааст. Яке аз хусусиятҳои хосси ҷилди якуми феҳрист, чунонки феҳристнигори Маркази мероси хаттӣ Б. Навбаҳорова, иброз медорад, аз он иборат аст, ки: «Дар ин маҷмуа нусхаҳои хеле нодир ва камёфт маҳфузанд, ки дорои аҳаммият ва иттилооти хеле муҳимми таърихӣ мебошанд. Аз ҷумла, се нусхаи аввали тавсифшуда асари таърихии машҳуру арзишманд – «Таърихи Табарӣ» мебошад. Яке аз нусхаҳои ин асар, ки таҳти №2000 дар ганҷинаи Марказ маҳфуз аст, аз рӯи хусусиятҳои палеографӣ дар охири асри XIII нусхабардорӣ шудааст. Аз ҷумла, 92 нусха дастнавис оид ба омӯзиши таърихи Осиёи Миёна тавсиф гардидаанд. Дар байни онҳо дастнависҳое ҳастанд, ки нусхахои хаттии худи муаллифони асар ва ё нусхаҳои ягонаю нодиранд, ки аз ҳар ҷиҳат муҳим ва ҷолиби таваҷҷуҳанд»[137].

Ҷилди дуюми «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон»[138] соли 1968 чоп шуд ва он 469 тавсифи дастнависҳои ба забонҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва туркӣ навишташударо дарбар мегирад. Ҷилди мазкур ва се ҷилди минбаъда ба адабиёти бадеӣ бахшида шудаанд. Қабл аз ҳама, бамаврид дониста шудааст, ки дастхати асарҳои назмӣ ва насри бадеӣ, ки дар фонди дастнависҳои шарқии Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон алоҳида-алоҳида дар ҷилдҳои гуногун маҳфузанд, тавсиф карда шаванд. Тавсифҳое, ки ба ин ҷилд дохил шудаанд, аз ду қисм иборатанд: 1) тавсифи дастнависҳои сарчашмаҳои адабӣ; 2) тавсифи осори адабии асрҳои X-XV. Осори ба феҳрист воридшуда тибқи замони навишта шудани дастхатҳо, аз рӯи асрҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Ҳамзамон, санаи даргузашти муаллифон ҳамчун

[137] Навбаҳорова, Б. Мухтасар аз таърихи феҳристнигории дастнависҳои Маркази мероси хаттӣ // Мероси Шарқ. – 2022. – №1 (1). – С.33.

[138] Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Том 2. / под ред. и при участие профессора А.М. Мирзоева и профессора А.М. Болдырева. – Душанбе: Дониш, 1968. – 344 с.

маҳаки таснифи асарҳо низ интихоб карда шудааст. Агар як дастнавис якчанд асар дошта бошаду бо як даст ва ба як қоғаз нусхабардорӣ шуда бошад ва ҳамзамон аз ҷиҳати ороиши бадеӣ якхела бошанд, пас маълумотҳои палеографӣ танҳо дар тавсифи аввалини ин асарҳо оварда шудаанд. Ҳангоми тавсифи асарҳои минбаъда истиноди дахлдор дода шудааст.

Дар ҷилди сеюми «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон»[139] 339 тасвири асарҳои хусусияти бадеӣ-адабӣ, асосан назмӣ, ки аз ҷониби муаллифони асрҳои XVI-XVII бо забонҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва туркӣ навишта шудаанд, дохил карда шудаанд. Ҷилди мазкур аз рӯи мавзуъ идомаи мустақими ҷилди дуюм мебошад, ки тавсифи асарҳои шабеҳи муаллифони асрҳои X-XV-ро дарбар мегирад. Аз ин рӯ, дар ҷилди сеюми феҳрист принсипҳои тавсиф ва таснифи дастхатҳои асарҳои хусусияти адабӣ-бадеӣ дошта, ки дар пешгуфтори ҷилди дуюм оварда шудаанд, инчунин,  принсипҳои умумии тавсифи дастхатҳои фонди дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, ки дар пешгуфтори ҷилди якуми феҳрист ишора шудаанд, ба инобат гирифта шудааст. Дар ин ҷилд дастхатҳое, ки барои адабиёти тоҷику форс, форсизабони ҳиндӣ ва туркӣ дар садаҳои XVI-XVII, яъне яке аз давраҳои камтаҳқиқи таърихи онҳо аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, тавсиф шудааст.

Ҷилди чоруми «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон»[140] идомаи бевоситаи ҷилдҳои дуюм ва сеюм мебошад. Аз ин рӯ, дар ҷилди мазкур низ принсипҳои тавсифи дастхатҳои асарҳои хусусияти адабӣ-бадеӣ дошта, ки дар ҷилдҳои қаблӣ истифода шудаанд, ба эътибор гирифта шудааст. Ҷилди чорум 403 тавсифи дастхатҳои асарҳои назмии хусусияти адабӣ-бадеӣ доштаро дар бар мегирад, ки бо забонҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва ӯзбекӣ аз ҷониби муаллифоне, ки дар асрҳои

[139] Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Том 3. / под ред. и при участие профессора А.М. Мирзоева и М.И. Занда. – Душанбе: Дониш, 1968. – 262 с.

[140] Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Том 4. / под ред. и при участие академика АН Таджикской ССР, профессора А.М. Мирзоева и М.И. Занда. – Душанбе: Дониш, 1970. – 308 с.

XVIII, XIX ибтидои асри XX зиндагӣ кардаанд, навишта шудаанд. Дар баробари ин, дар ин ҷилд як қатор тавсифҳои дастхатҳои хеле нодир ва арзишманд ворид шудаанд, ки барои омӯзиши адабиёти тоҷикии ин давра аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, дар ҷилди чорум дастхатҳои зиёди асарҳои шоирони нимаи аввали асри XIX, ки ба доираҳои адабии Фарғона ва Бухоро тааллуқ доштанд, тасвир шудаанд. Хусусияти муҳимми ҷилди мазкур нисбат ба ҷилдҳои қаблӣ аз он иборат аст, ки дар ин ҷилд назми асрҳои XIX – ибтидои асри XX бо таври васеъ пешниҳод шудааст.

Дар ҷилди панҷуми «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон»[141] дастхатҳои маҷмуаҳои шеърҳо (баёзҳо) ва асарҳои назми бадеӣ бо забонҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва туркӣ ворид шудаанд. Тавсифҳо бо забони русӣ бо ҷалби маводи муҳим аз забони аслӣ иҷро карда шуда, ҳам дар бораи асарҳо ва муаллифони онҳо ва ҳам дар бораи хусусиятҳои палеографии худи дастхатҳо маълумот дода шудааст. Дар маҷмуъ ҷилди панҷум ба тавсифи дастхатҳои асарҳои бадеӣ-адабии фонди дастхатҳои шарқии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистонро хотима бахшид. Ҳамин тариқ, аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ он идомаи бевоситаи се ҷилди қаблии (дуюм, сеюм ва чорум) феҳрист мебошад. Ҷилди панҷум 429 тавсифи дастхатҳои асарҳоро бо забонҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва туркӣ дар давраҳои гуногун аз асри X то асри XX дарбар гирифтааст. Аз рӯи хусусияти асарҳои дар ин ҷилд пешниҳодшуда, он ба ду қисми калон тақсим шудааст: тасвири дастхатҳои тазкираҳо (баёзҳо) ва маҷмуаи ғазалҳо. Ҳар яке аз ин ду қисм арзиши хоси худро дорад, зеро он тавсифи як қатор дастхатҳои хеле нодир ва ҷолиб барои адабиётшиносӣ дорад. Нишондиҳандаҳои ёрирасони феҳрист бо ҳуруфоти русӣ ва арабӣ таъмин карда шудааст. Ҷилди мазкур барои ҳамаи онҳое, ки ба омӯзиши масъалаҳои таърихи

---

[141] Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Том 5. / под ред. и при участие академика АН Таджикской ССР, профессора А.М. Мирзоева и д-ра филол.наук А.Е. Бертельса. – Душанбе: Дониш, 1974. – 308 с.

адабиёти тоҷик, ӯзбек ва озар таваҷҷуҳ доранд, дастури арзишманд маҳсуб меёбад. Хусусияти фарққунандаи ҷилди панҷум аз ҷилдҳои қаблӣ дар он аст, ки ҳангоми тавсифи дастхатҳои маҷмуаҳои шеърӣ варақаҳое, ки дар онҳо шеърҳои ҳар як муаллиф ҷойгир карда шудаанд, дақиқ нишон дода шудаанд.

Дар ҷилди шашуми «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон»[142] тавсифҳои дастхатҳо бо забонҳои тоҷикӣ (форсӣ) ва қисман бо забонҳои арабӣ ва туркӣ: донишномаҳо, асарҳо оид ба лексикография, грамматика, назарияи адабиёт, мусиқӣ, тиб ва фармакология, математика, астрономия ва дигар илмҳо дохил карда шудаанд. Тавсифҳо бо забони русӣ бо ҷалби маводи аслӣ иҷро шуда, нишондиҳандаҳои ёрирасон бо ҳуруфоти русӣ ва арабӣ таҳия шудаанд. Ҷилди шашум 444 тавсифи дастхатҳои асарҳои бо забонҳои тоҷикӣ (форсӣ), туркӣ ва қисман арабӣ навишташударо фаро гирифта, ба соҳаҳои гуногуни илми шарқии асрҳои миёна (тоҷикӣ) бахшида шудааст. Асарҳои мазкур вобаста ба мансубияташон ба ин ё он соҳаи дониш ба 17 бахш тақсим шудаанд. Дар ин ҷо ҳам илмҳои гуманитарӣ (адабиётшиносӣ, забоншиносӣ) ва ҳам табиӣ (тиббӣ, астрономия, математика) ҳузур доранд. Қариб ҳар яке аз ин бахшҳо рӯйхати асарҳои нодир ва арзишмандро пешниҳод мекунанд, ки барои омӯзиши соҳаҳои мушаххаси илм ва умуман таърихи фарҳанги тоҷик аҳаммияти калон доранд. Аз ин рӯ, истифодаи маводи ин ҷилд метавонад барои муҳаққиқон, муаррихон ва ҳамаи онҳое, ки ба таҳқиқи масъалаҳои таърихи илми халқи тоҷик ва халқҳои кишварҳои ҳамсоя таваҷҷуҳ доранд, ҳамчун манбаи боэътимод мусоидат намояд.

Дар охири ҳар як ҷилди феҳрист кумакфеҳристҳои исми муаллифон ва номгӯйи асарҳо ва дигар нишондиҳандаҳои ёрирасон ҳам бо хатти форсӣ ва ҳам кириллӣ бо риояи тартиби алифбо оварда шудаанд.

---

[142] Каталог восточных рукописей Академии наук Таджикской ССР. Том 6. / под ред. и при участие академика АН Таджикской ССР, профессора А.М. Мирзоева и д-ра филол.наук А.Е. Бертельса. – Душанбе: Дониш, 1988. – 372 с.

Солҳои охир аз ҷониби Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҷилдҳои VII-X феҳристи нусхаҳои хаттӣ ба забони русӣ, ки мантиқан идомаи шаш ҷилди қаблӣ буда, 911 нусха дастнависро фаро гирифтаанд, интишор ёфтаанд. Дар робита ба ин, муҳаққиқ Б. Навбаҳорова вежагиҳои тасвири библиографии дастхатҳоро шарҳу эзоҳ дода, аз ҷумла чунин қайд намудааст: "Ҳар дастнавис ба ин тартиб тавсиф карда мешавад: аввал номи асар ва пас аз он номи муаллиф. Баъд аз он дар бораи мавзую мундариҷа ва таърихи таълифи асар маълумоти мухтасар дода, дар сурати дар як ҷилд мавҷуд будани чанд номгӯй асар ва ё маҷмуа ҳар як асар алоҳида тавсиф ва дар баъзе мавридҳо лозим дониста шудааст, ки роҷеъ ба хусусиятҳои хоси дастнавис маълумот мураттаб гардад. Тавсифи кодикологии (нусхашиносӣ) дастхатҳо ба тариқи зайл сурат мегирад: муайян кардани навъи хат ва коғаз, санаи аниқ ё тахминии китобати дастхат ва макони он, миқдори дафтарҳо, андозаи дастнавис ва андозаи матни он, номи хаттот, соҳиби нусха ва ороиши он, муқова, шероза, рикоба ва амсоли ин аломатҳо»[143].

Нашрияҳои библиографии тарҷеъии китобхонаҳои илмии назди пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои олии РСС Тоҷикистон то андозае дар ташаккули системаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик мусоидат карданд. Масалан, аз ҷониби библиографони Китобхонаи илмии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дар ҳамкорӣ бо КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ – нишондиҳандаи библиографии тарҷеъии «Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин: солҳои 1948 – 1978»,[144] Китобхонаи илмии Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) – нишондиҳандаи

---

[143] Навбаҳорова, Б. Мухтасар аз таърихи феҳристнигории дастнависҳои Маркази мероси хаттӣ // Мероси Шарқ. – 2022. – №1 (1). – С.34.

[144] Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин: нишондихандаи библиографӣ. Солҳои 1948 – 1978 [Матн] / тарт. Е.И. Бурхонова; муҳ. масъул ва муал. сарсухан, проф. М.Б. Бобохонов; муҳ. библиогр. И.С. Норкаллаев; дар ҳамкорӣ бо Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин. – Душанбе, 1983. – 222 с.

тарҷеъии «Тематический указатель статей, помещенных в журнале «Математика в школе»,[145] Китобхонаи илмии Институти давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (ҳоло Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино) – нишондиҳандаи тарҷеъии «Библиография изданий Таджикского государственного медицинского института имени Абуали ибн-Сино. (1940-1970 гг.)»,[146] Институти давлатии педагогии Ленинобод ба номи С.М. Киров (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) – дастури «Библиографический указатель трудов преподавателей института»,[147] Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакӣ – нишондиҳандаи тарҷеъии «Библиографияи фолклоршиносии тоҷик (1872-1968)»,[148] Институти тадқиқоти илмии илмҳои педагогӣ – нишондиҳандаи библиографии «Асарҳои чопии ходимони илмии Институти тадқиқоти илмии илмҳои педагогӣ (1930-1980)»,[149] Институти илмӣ-тадқиқотии чорводории Тоҷикистон-нишондиҳандаи библиографии тарҷеъии «Библио-графический указатель научных работ таджикского научно-исследовательского института животноводства»,[150] Институти илмӣ-тадқиқотии ветеринарии Тоҷикистон – дастури «Библиография научных трудов по ветеринарии за 1940-1975 гг.»,[151] Институти геология – дастури тарҷеъиро иборат аз ду қисм «Библиография опубликованных работ по геологии Таджикистана на

---

145 Айзенберг, А. К. Тематический указатель статей, помещенных в журнале «Математика в школе» (1937-1963 гг.) [Текст] / А. К. Айзенберг, К. У. Асимов; Душанбин. гос. пед. ин-т им. Т. Г. Шевченко; ред. Н. Б. Хаимов. – Душанбе, 1963. – 160 с.

146 Библиография изданий Таджикского государственного медицинского института имени Абуали ибн-Сино. (1940-1970 гг.) / Б-ка. Тадж. гос. мед. ин-т им. Абуали ибн-Сино. – Душанбе, 1970. – 89 с.

147 Дун, А. З., Солнышкина, В. И. Библиографический указатель трудов преподавателей института / Ленинаб. гос. пед. ин-т им. С. М. Кирова. – Ленинабад, 1967. – 58 с.

148 Библиография таджикской фольклористики = Библиографияи фолклоршиносии тоҷик (1872-1968). В двух книгах / Ин-т яз.и лит. им. Рудаки; сост. М. Негматов, И. Левин; отв. ред. В. Шермухаммедов. – Душанбе: Дониш, 1979. – Кн.1. – 259 с.; Библиография таджикской фольклористики = Библиографияи фольклоршиносии точик (1872—1968). В двух книгах / Ин-т яз.и лит. им. Рудаки; сост. М. Негматов, И. Левин; отв. ред. В. Шермухаммедов. – Душанбе: Дониш, 1979. – Кн.2. – 293 с.

149 Асарҳои чопии ходимони илмии Институти тадқиқоти илмии илмҳои педагогӣ (1930-1980): нишондиҳ. биб-фӣ. – Душанбе, 1982. – 297 с.

150 Библиографический указатель научных работ таджикского научно-исследовательского института животноводства (1944-1973) / Тадж. НИИ животноводства. – Душанбе, 1974. – 86 с.

151 Библиография научных трудов по ветеринарии за 1940-1975 гг. / сост.: И. Н. Ильясов, Л. А. Черевик, Л. И. Хижняк; Тадж. науч.-исслед. вет. ин-т. – Душанбе, 1975. – 124 с.

период 1861-1970 гг.»,[152] таҳияву интишор ва мавриди истифода қарор гирифтанд. Чунин дастурҳои библиографии тарҷеъӣ аз ҷониби дигар институтҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи илмҳои ҷумҳурӣ омодаву нашр шуданд.

Омӯзиши осори илмии муҳаққиқони соҳа ошкор сохт, ки заминаҳои асосии илмиву назарии библиографияи тоҷик дар рисолаҳо ва маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ ташаккул ёфтааст. Аз ҷумла мақолаҳои дар саҳифаҳои маҷмуаҳои «Библиографишиносии Тоҷикистон», «Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ – 50 сола», «Китобхонашиносӣ. Библиография. Таърихи китоби тоҷик», «Фаъолияти муассисаҳои фарҳанг ва санъати РСС Тоҷикистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ: тезиси конференсияи илмию назарӣ бахшида ба 40-солагии ғалабаи халқи советӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 1945), 25-26 апрели соли 1985», «Проблемаҳо ва дурнамои таъминоти иттилоотӣ-библиографии иқтисодиёт ва маданияти Тоҷикистон», «Проблемаҳои ташкилнамоӣ ва баландгардонии самаранокии хизмати китобхонавию библиографӣ ба аҳолии Тоҷикистон» ва ғайраҳо ба табъ расида, заминаи хуб дар рушди минбаъдаи назарияи библиографияи тоҷик, махсусан библиографияи илми-ёрирасони тоҷик муҳайё намуданд.

Таҳияи дастурҳои методию библиографӣ дар ҷумҳурӣ ба як низоми муайян роҳандозӣ мешуд. Ба тамоми китобхонаҳои оммавии ҷумҳурӣ маводи методию библиографии таҳиянамудаи КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ таъмин карда мешуд. Китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ дар асоси дастурҳои методии тартибдодаи КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ фаъолияти худро роҳандозӣ менамуданд. Китобхонаҳои бузурги ҷумҳурӣ дар таҳияи дастурҳои методӣ, нишондиҳандаҳои библиографии илмӣ-ёрирасон ва тавсиявию тарҷеӣ, дастурамалҳои роҳбарикунандаи фаъолияти китобдорӣ ва библиографӣ, дастурҳои

---

[152] Назаров, Х. Н., Месхи, Л. И. Библиография опубликованных работ по геологии Таджикистана на период 1861-1970 гг. В двух частях / Ин-т геологии; под ред. Р. Б. Баратова. – Душанбе: Дониш, 1975. – Ч. 1. (1861-1961 гг.). – 291 с.; Назаров, Х. Н., Месхи, Л. И. Библиография опубликованных работ по геологии Таджикистана на период 1861-1970 гг. В двух частях / Ин-т геологии; под ред. Р. Б. Баратова. – Душанбе: Дониш, 1975. – Ч. 2. (1962-1970 гг.). – 395 с.

меъёриву ҳуқуқӣ ва ғайра таҷрибаи хуб ба даст оварда буданд. Масалан, танҳо дар солҳои 80-уми асри XX аз ҷониби КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ беш аз 100 дастури тавсияию методӣ оид ба созмондиҳӣ ва баргузории чорабиниҳои китобдориву библиографӣ ва наздик ба 15 нишондиҳандаҳои илмӣ-ёрирасони библиографӣ омода ва нашр шуда буд.

Дар солҳои 80-уми асри XX бо ибтикори китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ва марказҳои асосии библиографӣ ҳамзамон, китобхонаҳои соҳавӣ намуд, шакл ва жанрҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ таҳия ва интишор гаштанд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми КДҶ ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ин таҳияву интишори дастури библиографии «Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ. Нишондиҳандаи библиографӣ» (1973-1982)[153] ба шумор меравад. Ин ва нашри якуми он - «Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ. Нишондиҳандаи библиографӣ. 1933 – 1973» ҳамчун намунаи библиографияи дараҷаи дуюм тамоми дастурҳои методию библиографӣ, рӯйхатҳои иттилоотӣ, ҷорӣ ва тарҷеъии таҳия ва чопнамудаи КДҶ ба номи Абулқосим Фирдавсиро дар тӯли солҳои 1933-1982 фаро мегирад. Соли 2004 барориши сеюми дастур таҳти унвони «Нашри Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаи библиографӣ. Солҳои 1983-2003» ба табъ расид, ки қисман ба давраи таҳқиқоти мо алоқаманд буда, натиҷаи фаъолияти библиографии китобхонаро дар охири солҳои даврони шуравӣ дар саҳифаҳои хеш инъикос менамояд. Аз ин рӯ метавон хулоса кард, ки КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ кулли маҳсулоти чопкардаи хешро дар силсилаи дастурҳои библиографӣ пурра номнавис намояд ва барои истифодаи эҳтиёҷмандон бахусус барои кормандони китобхонаҳо пешниҳод намояд. Аз ҷониби дигар нашри ин дастурҳо исботи раднашавандаи натиҷаи фаъолияти

[153] Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1973-1982 / Шуъбаи библиографияи миллӣ. – Душанбе, 1982. – 101 с.

босамари китобхонаи мазкур дар самти омодасозӣ, интишор ва паҳннамоӣ дастурҳои методӣ ва библиографӣ дар тули солҳои 1933-1991, яъне як давраи калони таърихиро дар бар мегирад.

Дар заминаи дастурҳои нишондиҳандаҳои библиографии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ метавон бемамониат нашрияҳои китобхонаро мутобиқ ба шаклу намуд ва жанрашон тасниф намуд. Масалан дар радифи рушди яке аз намудҳои маъмули библиографияи тоҷик – библиографияи тавсиявӣ, ҳамзамон дар шаклгирию рушдёбии библиографияи илмию ёрирасони тоҷик саҳми КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ хеле назаррас аст. Ба андешаи муҳаққиқ Ш. Комилзода «Дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон яке аз намудҳои рушдёфтаи библиография дар фаъолияти КМТ маҳсуб меёбад. Ин намуди библиография бештар дар доираи нишондиҳандаҳои умумӣ-тарҷеъӣ, умумиадабӣ ва дастурҳои нашри алоҳидаи барои гуруҳи муайяни хонандагон, масалан, амиқомӯзони адабиёт таъйиншуда ба вуҷуд омадааст. Хусусияти хоси инкишофи библиографияи илмӣ-ёрирасон боз дар он зоҳир мегардад, ки пешравии онро рушди соҳаҳои мухталифи илм, ҳамзамон библиографияи умумӣ ва библиографияи соҳавии тоҷик таъмин кардааст».[154]

Масалан, арзиши баланди илмиро се феҳристи дастхатҳои тоҷикӣ-форсии Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ зери унвони ягонаи «Феҳрасти дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ», доро мебошад. Ин феҳристҳо ба гурӯҳи дастурҳои библиографияи умумӣ-тарҷеъӣ шомил буда, дар тарғибу оммавигардонии дастхатҳои нодири китобхонаи мазкур саҳми босазо гузоштаанд. Ҷилди якуми он соли 1971 ба табъ расид ва оид ба 132 нусхаҳои хаттӣ маълумот медиҳад[155]. Ҷилди дуюми феҳрист фарогири 72 нусхаҳои хаттии марбут

[154] Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С.49.
[155] Юнусов, А. Феҳрасти дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ / муҳаррири масъул А. Афсаҳзод. – Душанбе, 1971. – Ҷ. 1. – 296 с.

ба соҳаи тибб буда, соли 1978 нашр шудааст[156]. Ҷилди сеюми феҳрист 95 осори хаттии 15 шоирро инъикос мекунад ва он соли 1983 интишор ёфтааст[157]. Дар маҷмуъ нашри се ҷилди феҳрист яке аз дастовардҳои назарраси КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ ба ҳисоб рафта, барои муҳаққиқон ба хусус, таърихнигорон, адабиётшиносон ва шарқшиносон ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар шинохт ва таҳқиқи нусхаҳои нодири шуъбаи дастхатҳои шарқ ва китобҳои нодири КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ мусоидат намуданд.

Дастурҳои дигари библиографии умумӣ-тарҷеъӣ, инчунин аз ҷониби кормандони Шуъбаи адабиёти хориҷии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ омодаву нашр шуданд, ки барои муаррифӣ ва тарғиби адабиёти дар хориҷи кишвар марбут ба Тоҷикистон интишорёфта, мусоидат намуданд. Дар таҳияи ин гурӯҳи дастурҳо саҳми яке аз библиографони ҳирфаии китобхона, собиқ мудири шуъбаи адабиёти хориҷии (1963-1984) КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, номзади илмҳои филологӣ Василий Георгиевич Белан беандоза калон аст. Бо ташаббуси ӯ силсилаи нишондиҳандаҳои библиографии «Таджикистан в литературе на иностранных языках. 1961-1965»,[158] «Таджикистан в литературе на иностранных языках. 1966-1970»,[159] «Таджикистан в литературе на иностранных языках. 1971-1975»,[160] «Таджикистан в литературе на

[156] Кароматуллоева, Н. Феҳрасти дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ / муҳаррири масъул Т.Н. Зеҳнӣ. – Душанбе, 1978. – Ҷ. 2. – 208 с.

[157] Кароматуллоева, Н. Феҳрасти дастнависҳои тоҷикӣ-форсии Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ / муҳаррири масъул Т.Н. Зеҳнӣ. – Душанбе, 1983. – Ҷ. 3. – 136 с.

[158] Белан, В.Г. Таджикистан в литературе на иностранных языках. 1961-1965: Аннот.указ. лит. / отв.ред. А. Хромов. – Душанбе, 1969. – 198 с.

[159] Белан, В. Таджикистан в литературе на иностранных языках. 1966 – 1970 [Текст]: аннотир. указ. лит. В двух частях / В. Белан; отв. ред. А. Хромов; ГРБ им. А. Фирдоуси, Отдел иностр. литературы. – Ч. 1. – Душанбе, 1972. – 188 с.; Белан, В. Таджикистан в литературе на иностранных языках. 1966 – 1970 [Текст]: аннотир. указ. лит. В двух частях / В. Белан; отв. ред. А. Хромов; ГРБ им. А. Фирдоуси, Отдел иностр. литературы. – Ч. 2. – Душанбе, 1972. – 188 с.

[160] Белан, В. Г. Таджикистан в литературе на иностранных языках 1971 – 1975 [Текст]: аннотир.указ.лит. В трех частях / отв. ред. А.Л. Хромов; ГРБ им. А. Фирдоуси, Отдел иностр. литературы. – Душанбе, 1978. – Ч. 1. – 204 с.; Белан, В. Г. Таджикистан в литературе на иностранных языках 1971 – 1975 [Текст]: аннотир.указ.лит. В трех частях / отв. ред. А.Л. Хромов; ГРБ им. А. Фирдоуси, Отдел иностр. литературы. – Душанбе, 1978. – Ч. 2. – 205 с.; Белан, В. Г. Таджикистан в литературе на иностранных языках 1971 – 1975 [Текст]: аннотир.указ.лит. В трех частях / отв. ред. А.Л. Хромов; ГРБ им. А. Фирдоуси, Отдел иностр. литературы. – Душанбе, 1978. – Ч. 3. – 379 с.

иностранных языках. 1976-1980»,[161] ба табъ расиданд. Роҷеъ ба аҳаммият ва норасоии нишондиҳандаҳои интишорёфта 23 мулоҳизаи танқидии муҳаққиқон дар матбуоти даврии ватанию хориҷӣ ба забонҳои тоҷикию русӣ, ӯзбекию англисӣ ва чехию лаҳистонӣ чоп шуданд[162].

Ҳамзамон аз ҷониби ин библиографи соҳибтаҷриба феҳристи нав иборат аз чаҳор қисм зери номи ягонаи «Восток: Книги на иностранных языках отдела иностранной литературы. Каталог 1966 – 1975 гг.»,[163] таҳия гардид, ки ҷиҳати омӯзиш ва тарғиби адабиёти ба забонҳои хориҷӣ нашршудаи шуъбаи адабиёти хориҷии китобхона, мусоидат кард.

Ба рушди дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасони тарҷеъии тоҷик инчунин интишори силсилаи дастурҳои библиографии фардии ба адибони классику муосири тоҷик бахшидашуда низ мусоидат намудааст. Солҳои 60-80-уми асри XX библиографони КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ дар ҳамкорӣ бо мутахассисони дигар муассисаҳои илмию китобдорӣ дар таҳияи нишондиҳандаҳои библиографии «Мирсаид Миршакар»,[164] «Аҳмади Дониш»,[165] «Рӯдакӣ»[166] ва «Абдураҳмони Ҷомӣ»[167] саҳми муносиб гузоштанд.

---

[161] Таджикистан в литературе на иностранных языках 1976 – 1980 гг. [Текст] / сост. В.Г. Белан; отв. ред. А.Л. Хромов. – Душанбе, 1983. – Ч. 1. – 186 с.; Таджикистан в литературе на иностранных языках 1976 – 1980 гг. [Текст] / сост. В.Г. Белан; отв. ред. А.Л. Хромов. – Душанбе, 1983. – Ч. 2. – 378 с.; Таджикистан в литературе на иностранных языках 1976 – 1980 гг. [Текст] / сост. В.Г. Белан; отв. ред. А.Л. Хромов. – Душанбе, 1983. – Ч. 3. – 517 с.

[162] Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 53-54.

[163] Белан, В.Г. Восток: Книги на иностранных языках отдела иностранной литературы. Каталог 1966 – 1975 гг. [Текст] / В.Г. Белан; отв. ред. А.Л. Хромов. – Душанбе, 1976. – Ч. 1. – 167 с.; Белан, В.Г. Восток: Книги на иностранных языках отдела иностранной литературы [Текст]: Каталог. 1966 – 1975 гг. / отв. ред. А.Л. Хромов. – Душанбе, 1979. – Ч. 2. – 180 с.; Белан, В.Г. Восток: Книги на иностранных языках отдела иностранной литературы [Текст]: Каталог. 1966 – 1975 гг. / отв. ред. А.Л. Хромов. – Душанбе, 1981. – Ч. 3. – 204 с.

[164] Мирсаид Миршакар: нишондиҳандаи библиографӣ / тарт. Р. Набиева; муҳаррир Қ. Ҳисомов. – Сталинобод, 1960. – 40 с.; Мирсаид Миршакар: аннот.указ. лит. / ред. З. Пономарева. – Сталинабад, 1961. – 68 с.

[165] Юнусов, А. Аҳмади Дониш: нишондиҳандаи адабиёт / муҳаррир А.А. Маъсумӣ. – Сталинобод, 1960. – 28 с.; Аҳмади Дониш: феҳристи адабиёт / тарт.: А. Юнусов, И. С. Норкаллаев; муҳаррири илмӣ Р. Ҳодизода; муҳаррири масул А. Раҳимов. – Душанбе, 1988. – 124 с.

[166] Тальман, Р.О., Юнусов, А. Рӯдакӣ: феҳристи адабиёт / муҳаррири масъул А.М. Мирзоев. – Душанбе, 1965. – 218 с.; Кароматуллоева, Н. Рӯдакӣ: феҳристи адабиёт. Солҳои 1964-1985 / муҳарири илмиву библиографӣ А. Юнусов. – Душанбе, 1988. – 142 с.

[167] Абдураҳмони Ҷомӣ: феҳристи асарҳо (1917-1988) / тарт.: Л.А. Балуева, Н.Г. Щербакова, А.Ю. Юнусов; муҳаррир А.А. Афсаҳзод. – Душанбе, 1989. – 520 с.

Библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик ҳамзамон тавассути нашри дастурҳои тарҷеъии умумиадабии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ рушд намудааст. Ин гурӯҳи дастурҳо, қабл аз ҳама, бо мақсади тарғиби осори манзуму мансур ва адабиётшиносиву забоншиносии тоҷик таҳия шуда, адабиёти давраи муайяни таърихиро инъикос намудаанд. Аз ҷумла, тӯли солҳои 1967-1986 нишондиҳандаҳои библиографии тарҷеъии умумиадабӣ, аз қабили «Адабиёти бадеии тарҷумашудаи халқҳои СССР ба забони тоҷикӣ. 1926 – 1965»,[168] «Адабиёти мамлакатҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ. 1930-1970»,[169] «Адабиёти советии тоҷик дар мамлакатҳои сотсиалистӣ. 1948-1970»,[170] «Адабиёти бадеии тоҷик ва танқид. 1955-1960»,[171] «Адабиёти мамлакатҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ. 1971-1980»[172], «Таърихи забоншиносии тоҷик. 1861-1971»[173] таҳияву нашр шудаанд.

Солҳои 70-80-ум аз ҷониби КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии чеҳраҳои маъруфи илми тоҷик китобномаҳои шарҳиҳолӣ таҳия карда шуданд, ки дар маҷмӯъ нашри чунин нишондиҳандаҳо то андозае ба инкишофи библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик мусоидат намуданд. Аз ҷумла библиографияи шарҳиҳолии «Академик Соли Ашурхоҷаев Раҷабов»,[174] «Шарифҷон Ҳусейнзода»[175], «Туракул Зеҳнӣ»[176], «Раҳим Ҳошим»[177], «Холиқ

[168] Адабиёти бадеии тарҷумашудаи халқҳои СССР ба забони тоҷикӣ: феҳраст. 1926-1965 / муал. сарсухан ва муҳ. Р. Шарофов. – Душанбе, 1972. – 204 с.

[169] Раҳматуллоева, С.Ҳ. Адабиёти мамлакатҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ: нишондиҳандаи адабиёт. 1930-1970 / муҳ. масъул А.Л.Хромов. – Душанбе, 1976. – 240 с.;

[169] Раҳматуллоева, С.Ҳ. Адабиёти мамлакатҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ: нишондиҳандаи адабиёт. 1971-1980 / муҳ. масъул А.Л. Хромов. – Душанбе, 1988. – 182 с.

[170] Белан, В. Таджикская советская литература в социалистических странах. 1948-1970 / ред.Р.Хошим. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 84 с.

[171] Адабиёти бадеии тоҷик ва танқид: нишондиҳандаи адабиёт. 1955-1960 / тарт. ва муал. сарсухан Р. Шарофов; муҳ. К.Қурбонов. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 160 с.

[172] Раҳматуллоева, С. Ҳ. Адабиёти мамлакатҳои хориҷӣ ба забони тоҷикӣ: нишондиҳандаи адабиёт. 1971-1980 / муҳаррири масъул А. Л. Хромов. – Душанбе, 1988. – 182 с.

[173] Юнусов, А. Таърихи забоншиносии тоҷик: нишондиҳандаи адабиёт. 1861-1971. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ.1: Қисми умумӣ. Хат ва имло. Таълими забони тоҷикӣ / муҳ. масъул Д.Т.Тоҷиев. – Душанбе, 1981. – 262 с.; Юнусов, А. Таърихи забоншиносии тоҷик: нишондиҳандаи адабиёт. 1861-1971. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷ.2. Китобҳои дарсӣ. Программаҳо. Проблемаҳои услубшиносӣ. Таърихи забони тоҷикӣ. Шеваҳои забони тоҷикӣ. Муносибати забони тоҷикӣ бо забонҳои дигар / муҳ. масъул Д.Т.Тоҷиев. – Душанбе, 1986. – 256 с.

[174] Академик Соли Ашурходжаевич Раджабов: биобиблиография / автор-составитель Х. Шаймардонов; отв.ред. С.Д. Джураев. – Душанбе, 1973. – 88 с.

[175] Шарифҷон Ҳусейнзода: биобиблиография / тарт.: Н. Кароматуллоева, С. Шоимронов; муҳаррири масъул Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 76 с.

[176] Т.Н. Зеҳнӣ: биобиблиография / тарт.: Н. Кароматуллоева, Ф. Зеҳнӣ; муҳаррир Н. Бобоҷонова. – Душанбе, 1976. – 69 с.

Мирзозода»[178], «Альберт Леонидович Хромов»[179], «Додоҷон Тоҷиевич Тоҷиев»[180] ва «Насриддин Шарофов»[181] нашр шуда, дастраси хонандагони сершумор, бахусус муҳаққиқону мутахассисони соҳа, адабиётшиносону забоншиносон ва омӯзгорону китобдорон гардиданд.

Ҳамчунин дар самти рушди низоми библиографияи илмӣ-ёрирасон дар Тоҷикистон саҳми КМИ ба номи И. Ганди ҶШС Тоҷикистон хеле назаррас аст. Китобхонаи мазкур аз соли 1961 инҷониб таҳти унвони «Маводҳо доир ба китобномаҳои шарҳиҳолии олимони Тоҷикистон» силсилаи нишондиҳандаҳои библиографиро интишор менамояд, ки барои рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар ҷумҳурӣ шароит муҳайё сохта, имкон доданд, ки осории илмии олимони тоҷик ҳарчи беҳтару бештар мавриди омӯзишу тарғиб қарор гиранд. Аз ҷониби китобхонаи мазкур тӯли солҳои 1961-1990 ба забони русӣ 44 барориши китобномаи шарҳиҳолии олимони зерин, аз қабили: «Богоутдинов Алаутдин Махмудович» (соли 1961. – барориши 1), «Раджабов Соли Ашурходжаевич» (соли 1962. – бар. 2), «Овчинников Павел Николаевич» (соли 1963. – бар. 3), «Мирзоев Абдульгани Мухаммедович» (соли 1965. – бар.4), «Мухаммедкул Нарзикулович Назрикулов» (соли 1964. – бар.5), «Ниязмухамедов Бабаджан Ниязович» (соли 1966. – бар.6), «Умаров Султан Умарович» (соли 1965. – бар.7), «Брагинский Иосиф Самуилович» (соли 1966. – бар.8), «Носирджон Асадович Масуми» (соли 1966. – бар.9), «Юсупова Сараджон (1910 – 1966)» (соли 1967. – бар.10), «Раджабов Зариф Шарипович» (соли 1966. – бар.11), «Порошин Константин Титович» (соли 1967. – бар.12), «Гафуров Бободжан Гафурович» (соли 1969. – Вып.13), «Назрикулов Ибадулла Касимович» (соли 1969. – бар.14), «Красичков

[177] Раҳим Ҳошим: феҳристи тарҷумаиҳолӣ / тарт.: Н. Кароматуллоева, М. Раҳимова; муҳаррир Б.Ш. Шукуров. – Душанбе, 1979. – 124 с.; Раҳим Ҳошим: феҳристи тарҷумаиҳолӣ / тарт.: А. Ю. Юнусов, Н.К. Кароматуллоева, М. А. Умарова; муҳаррир: А. Ю. Юнусов, Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1988. – 132 с.

[178] Холиқ Мирзозода: феҳристи тарҷумаиҳолӣ / тарт. М. Насриддинова; муҳаррир А. Юнусов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 64 с.

[179] Альберт Леонидович Хромов: биобиблиография / сост.: А. Юнусов, Ш. Хайдаров; отв.ред. В.А. Капронов. – Душанбе, 1983. – 62 с.

[180] Додоҷон Тоҷиевич Тоҷиев: феҳристи тарҷумаиҳолӣ / тарт. А. Юнусов; муҳаррири масъул М.Н. Қосимова. – Душанбе, 1985. – 100 с.

[181] Фарҳангшинос ва интернационалист: феҳристи тарҷумаиҳолии Н.О. Шарофов / тарт. А. Юнусов; муҳаррир Б. Тилавов. – Душанбе, 1988. – 102 с.

Вячеслав Прокофьевич» (соли 1971. – бар.15), «Баратов Рауф Баратович» (соли 1971. – бар.16), «Овчинников Павел Николаевич» (соли 1973. – бар.17), «Соложенкин Петр Михайлович» (соли 1981. – бар.18), «Баратов Рауф Баратович. – 2-е изд., перераб. и доп.» (соли 1981. – бар.19), «Запрягаева Вера Ивановна» (соли 1982. – бар.20), «С. А. Раджабов – ученый, педагог, общественный деятель» (соли 1982. – бар.21), «Литвинский Борис Анатольевич» (соли 1983. – Вып.22), «Амонов Раджаб» (соли 1983. – бар.23), «Добровольский Олег Васильевич» (соли 1984. – бар.24), «Мухаммедкул Нарзикулович Назрикулов» (соли 1984. – бар.25), «Табаров Сохиб Шухратиевич» (соли 1984. – бар.26), «Мухтаров Ахрор Мухтарович» (Душанбе, 1984. – бар.27), «Захаров Сергей Акимович» (соли 1985. – бар.28), «Мансуров Хамид Хусенович» (соли 1985. – бар.29), «Брагинский Иосиф Самуилович» (соли 1986. – бар.30), «Расулова Мухарам» (соли 1986. – бар.31), «Рахимов Яхъя Абдуллаевич» (соли 1986. – бар.32), «Станюкович Кирилл Владимирович» (соли 1986. – бар.33), «Шукуров Мухаммаджан Шарипович» (соли 1986. – бар.34), «Джураев Кандил Шарипович» (соли 1987. – бар.35), «Негматов Нуман Негматович» (соли 1987. – бар.36), «Адхамов Акобир Адхамович» (соли 1989. – бар.37), «Юсуфбеков Худоёр Юсуфбекович» (соли 1989. – бар.38), «Михайлов Леонид Григорьевич» (соли 1988. – бар.39), «Максумов Акбар Нусратуллаевич» (соли 1989. – бар.40), «Пулатов Азам Таирович» (соли 1988. – бар.41), «Нуманов Ишанкул Усманович» (соли 1989. – бар.42), «Кухтиков Михаил Михеевич» (соли 1990. – бар.43), «Бабаджанов Пулат Бабаджанович» (соли 1990. – бар.47), интишор ва манзури олимону мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм гардонида шуданд.

Махсусан, бояд қайд кард, ки дастурҳои библиографии шарҳиҳолии олимон ва муҳаққиқон, ки аз ҷониби КМИ ба номи И. Ганди АМИТ нашр гардидааст, хусусияти илмӣ дошта, дар шаклгирӣ ва рушди библиография илмӣ-ёрирасон дар Тоҷикистон бевосита мусоидат намуданд. Ҳатто ин силсиларо метавон ба захираи тиллоии библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик ворид намуд, чунки силсилаи

мазкур аз нигоҳи банду баст, услуби китобноманигорӣ, маҳакҳои асосии хостагирии адабиёт, аломату унсурҳои тасвири библиографии аснод, гурӯҳбандиву ҷобаҷогузории мавод ва дигар хусусиятҳои хоси библиографинамоии адабиёти илмӣ ба талаботҳои стандартҳои дар таҷрибаи библиографияи ҷаҳонӣ санҷидашуда мутобиқ буда, сохтори ягона доранд ва аз ҷониби библиографони ҳирфаӣ таҳия шудаанд. Ҳамаи дастурҳои ин силсила дорои мақолаи муқаддимавӣ мебошанд ва ин мақолаҳо асосан аз ҷониби олимони намоёни соҳаи илме навишта шудаанд, ки дастур ба фаъолияти олими ҳамон соҳа бахшида шудааст.

Мутаассифона, ин таҷрибаи муфид ва воқеан мондагор, бинобар сабаби аз кор рафтани библиографони соҳибтаҷриба, имрӯз дар таҷрибаи кунунии КМИ  ба номи И. Ганди АМИТ самаранок мавриди истифода қарор нагирифтааст.

Барои исботи фикр, мо зарур донистем, ки яке аз дастури тозанашри ин китобхонаро мавриди таҳлил қарор диҳем. Соли 2021 аз ҷониби Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бахшида ба 80-солагии адабиётшиноси маъруфи тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Абдунабӣ Сатторзода китобномаи шарҳиҳолӣ таҳия шудааст ва онро мураттибон дар сархати якуми пешгуфтори дастур ҳамчун нашри навбатии силсиланашри «Мавод оид ба биобиблиографияи олимони Тоҷикистон» ишора карда, дар сархати охирони пешгуфтор ҳамчун нишондиҳандаи библиографӣ муаррифӣ намудаанд. Навиштаҷоти рӯйи муқоваи дастур «Назарияпардози илм: бахшида ба ҷашни 80-солагии профессор Абдунабӣ Сатторзода» ба матни тавсифи нашриётӣ, ки дар варақаи титулии дастур дода шудааст «Сатторзода Абдунабӣ: бахшида ба ҷашни 80 солагӣ: нишондиҳандаи библиографӣ» мувофиқат намекунад.

Мураттибон дастури шарҳиҳолиро ба ду қисм: Абдунабӣ Сатторзода аз нигоҳи олимон ва библиографияи осори Абдунабӣ Сатторзода тақсим карда, дар қисми якум ба ҷойи як мақолаи муқаддимавӣ чаҳор мақола, аз ҷумла мақолаҳои Муҳаммадҷон Шакурӣ, Вали Самад таҳти унвони

«Донишманди мумтоз» (бознашр аз дастури «Профессор Абдунабӣ Сатторзода (Биобиблиография). – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 2001. – С.3-11»), Муҳаммадҷон Шакурӣ «Чашмандози пурвусъат ва меҳнати пурмашаққат» (бознашр аз рӯзномаи «Адабиёт ва санъат. – 2004. – 14 май»), Ҳоким Қаландариён «Ваҳдат сипари мо бар пешомадҳои фардост ё сухане чанд дар ҳошияи китоби профессор Абдунабӣ Сатторзода «Арзишҳои Ваҳдати миллӣ (Душанбе, 2017)» (бознашр аз рӯзномаи «Адабиёт ва санъат. – 2011. – 22 июн») ва мақолаи Ҳоким Қаландариён, Абдухолиқ Набавӣ, Шамсиддин Муҳаммадиев «Назариядон ва навпардози камназир» (бознашр аз рӯзномаи «Садои мардум. – 2017. – 11 июл»)-ро ҷой додаанд.

Дар қисми дуюми дастур мураттибон баъд аз зерқисми «Санаҳои муҳими ҳаёт ва фаъолияти А. Сатторзода» ду зерқисми дигар: «Гузориш ва баёниҳо» ва «Ҳамкориҳо»-ро ҷой додаанд, ки ҳар ду зерқисм ба талаботи услуби таҳияи китобномаҳои шарҳиҳолӣ мутобиқат намекунанд. Масалан, дар зерқисми «Гузориш ва баёниҳо» 207 номгӯи маърӯзаву гузоришҳои соҳибҷашн, ки дар конференсияву симпозиумҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, семинару мизҳои мудаввар ва ҳамоишҳои илмӣ қироат шудаанд, номнавис шудааст ва бо пешниҳоди чунин рӯйхатҳо библиограф наметавонад талаботи хонандаро ба адабиёти пешниҳодшуда қонеъ гардонад, чунки матни онҳо дар ягон манбаъ чоп нашудаанд ва набояд чунин мавод дар радифи осори нашршуда умуман дар дастурҳои библиографӣ роҳ ёбанд.

Дар робита ба зерқисми «Ҳамкориҳо» ҳамин мебояд қайд намуд, ки агар мураттибон ин зерқисмро ба зерқисми «Санаҳои муҳими ҳаёт ва фаъолияти А. Сатторзода» ҳамроҳ мекарданд, мантиқан дуруст мешуд, чунки ҳамаи ҳамкориҳои муаллиф маҳз дар давраҳои гуногуни фаъолияти кории ӯ амалӣ шудаанд.

Ҳамзамон, мураттибон ҳангоми таҳияи нишондиҳандаи алифбои асарҳо ба хатоиҳо роҳ додаанд. Масалан, дар радифи пешниҳоди номи асарҳои соҳибҷашн унвони асарҳои марбут ба соҳибҷашнро низ дар ин

нишондиҳанда ҳамроҳ кардаанд, ки ин албатта арзиши пажуҳишӣ ва услубии дастурро коста гардонидааст. Нишондиҳандаи зайл тибқи муқаррароти дастурсозии библиографӣ бояд фақат номгӯи алифбоии асарҳои соҳибҷашнро инъикос намоянд. Инчунин, дар дастур ба ороиши навиштаҷоти библиографӣ кам аҳаммият дода шудааст.

Ҳамин тавр, омӯзиши вазъи библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик нишон дод, ки дар давраи солҳои 1960-1990 барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти библиографии олимону мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм аз ҷониби КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, КМИ ба номи И. Ганди АМИТ, Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ва китобхонаҳои илмии пажуҳишгоҳҳои илмӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои олии ҷумҳурӣ силсилаи дастурҳои билиографии ҷорӣ ва тарҷеъии илмӣ-ёрирасон таҳияву интишор шудаанд.

## 2.2 Равандҳои рушди библиографияи тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990.

Библиографияи тавсиявӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ ба ҳисоб рафта, барои ҷамъоварӣ, ҳифзу нигоҳдорӣ, тарғибу тавсияи адабиёти беҳтарин ба хонандагон ва ҳамзамон ба китобдорону роҳбарони хониш дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои оммавӣ, илмӣ ва маърифатӣ кӯмак мерасонад.

Чунонки дар китобҳои дарсӣ[182] қайд шудааст, библиография аз рӯйи таъйини ҷамъиятӣ ба ду намуд библиографияи умумӣ ва библиографияи махсус ҷудо мешавад. Библиографияи умумӣ – асосан маъмуриятҳои пажуҳиши ва иртиботиро дар бар гирифта, таъйини мушаххаси хонандагӣ ва мақсаднокӣ надорад. Асосан, библиографияи умумӣ дар бораи тамоми намуди асноди чопӣ ба воситаи дастурҳои библиографӣ маълумот медиҳад. Масалан, дар низоми дастурҳои библиографии миллии тоҷик "Солномаи матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (иттилоотонии ҷомеа бо истифода аз маводи тозанашр), ки маҳсулоти гуногуншакли чопии кишварро инъикос менамояд аз рӯйи таъйини ҷамъиятӣ ба библиографияи умумӣ мансуб аст. Библиографияи махсус бошад аз рӯи хусусияти дарбаргирии адабиёт аз библиографияи умумӣ бо он фарқ мекунад, ки он таъйини мушаххаси хонандагӣ дошта, бо мақсади муайян таҳия мешавад ва ба гурӯҳи муайяни хонандагон пешбинӣ мегардад. Аз ин лиҳоз библиографияи махсус ба библиографияи илмӣ-ёрирасон ва библиографияи тавсиявӣ ҷудо мешавад. Дар низоми таснифот библиографияи тавсиявӣ ҳамчун сарчашмаи иттилоотӣ ба оммаи васеъи хонандагон таъйин шуда, бо мақсади худомӯзӣ, баланд бардоштани савияи дониш ва тарғиби адабиёти беҳтарин истифода мегардад. Ҳамзамон, библиографияи

---

[182] Коршунов, О.П. Библиографоведение: общий курс [Текст]: учеб. издание. – М.: Книжная палата, 1990. – 232 с.; Маҳмудов, Г. Библиографишиносӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Г.Маҳмудов, Қ. Ғуломзода; зери назари профессор Х.У. Усмонзода. – Душанбе: Меҳрона, 2019. – 232 с.

тавсиявӣ ҳамчун мубалиғи адабиёти беҳтарин барои хониш шароит муҳайё сохта, дар ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи ахлоқию эстетикӣ ва маърифатии хонандагон мусоидат менамояд.

Як нуқтаро ишора намудан ба маврид аст, ки дар мақолаҳои муҳаққиқони рус: Э.К. Беспалова, Ю.С. Зубов, С.А. Трубников, Ю.М. Тугов, Е.Н. Фомина, С.И. Коровитсин ақидае пешниҳод карда шудааст, ки тибқи он библиографияи тавсиявӣ ҳамчун воситаи идоракунии хониши оммавӣ бо мақсадҳои тарбиявӣ, таҳсилоти умумию касбӣ ва худомӯзии ҷомеа, ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушднамуда дар доираи фаъолияти библиографӣ баррасӣ карда мешавад [183].

Қайд кардан бамаврид аст, ки олимони тоҷик низ баъзе аз самтҳои библиографияи тавсияviро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ ва библиографи шинохтаи тоҷик Ш. Комилзода ишора менамоянд, ки махсусиятҳои библиографияи тавсиявӣ аз библиографияи илмӣ-ёрирасон дар он зоҳир мегардад, ки дастурҳои библиографияи тавсиявӣ ба доираи васеи хонандагон таъйин шуда, бештар бо мақсади тавсияи адабиёти беҳтарин барои хониши мустақилона ва баланд бардоштани ҷаҳонбинии хонандагон; васеънамоии доираи дониши хонандагон бо дарназардошти омилҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва инфиродӣ-психологӣ, аз қабили синну сол, дараҷаи маълумот, мазмуни фаъолият, ҷинсият, фарҳанги хониш, рағбати хониш, сабаб ва ҳадафи хониш, сатҳи дониши забони нашр ва хониши он; ташаккули рағбатҳои устувори хонандагӣ ба ин ё он соҳаи муайяни дониш, мавзуъ ва ё масоили муосир; инкишоф ва қавигардонии хониши мукаммал, таҳия мешаванд[184]. Зеро нақши библиографияи тавсиявӣ бештар дар инкишофу қавигардонии майлу рағбатҳои хониш ва созмондиҳии хониши мукаммал мушоҳида карда мешавад.

---

[183] Маҳмудов, Г. Библиографишиносӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Г. Маҳмудов, Қ. Ғуломзода; зери назари профессор Х.У.Усмонзода. – Душанбе: Меҳрона, 2019. – С. 201.

[184] Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон. Дирӯз ва имрӯз [Матн]: дастури таълими барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 59-60.

Бинобар ин, дар фаъолияти китобхонаҳои бузурги кишвар библиографияи тавсиявӣ ҳамчун як шакли муҳимми роҳбарии методии хонандагон пайваста мавриди истифода қарор мегирифт. Чунки библиографияи тавсиявӣ дар китобхонаҳо тарғиби адабиёти марбут ба мавзуъҳои ниҳоят муҳимму мубрамро роҳандозӣ намуда, китобу мақолаҳои хостагирифташударо ба хонанда тавсия ва ё дастрас мегардонад. Инчунин, библиографияи тавсиявӣ дар раванди хизматрасонии библиографӣ усулҳои муфиди тарғиби адабиёт ва роҳҳои самарабахши роҳбарии хонишро дар амал татбиқ менамояд. Бинобар ин, дар хадамоти китобдорӣ аз дастурҳои библиографияи тавсиявӣ ҳамчун яке аз услубҳои муфиди тарғиби адабиёт ва роҳбарии хониш истифода менамоянд. Воқеан ҳангоми роҳандозии фаъолияти библиографии китобхонаҳо нақши библиографияи тавсиявӣ дар тарғиби адабиёт ва оммавигардонии донишҳо муассир буда, барои хонандагон ва роҳбарони хониш дар интихоби адабиёти беҳтарин ва тозанашр ҳамчун роҳнамо кумак мерасонад.

Дар замони Шуравӣ ба фаъолияти китобхонаҳои оммавии кишвар ва рушди библиографияи тавсиявӣ аҳаммияти махсус дода мешуд. КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) барои ба танзимдарории фаъолияти библиографии китобхонаҳои мамлакат ҳамчун маркази илмӣ-методӣ корҳои мондагорро анҷом дода, ба ҳайси маркази библиографияи тавсиявӣ дар омодасозиву нашри силсилаи дастурҳои библиографияи тавсиявӣ саҳми асоси гузоштааст.

Таҳлили сарчашмаҳо бахшида ба марҳилаҳои гуногуни ташаккул ва рушди фаъолияти библиографӣ дар мамлакат нишон дод, ки ташкили низоми библиографияи тавсиявӣ воқеан ба зиммаи КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ гузошта шуда буд. Аз ҷониби китобхонаи мазкур теъдоди асосии дастурҳои библиографии характери тавсиявидошта, дастурамалҳои корӣ оид ба услуби таҳияи он дар китобхонаҳои гуногун, роҳандозии хадамоти тавсиявии хонандагон, таҳияи нишондиҳандаҳои библиографии тавсиявӣ, рӯйхатҳои тавсиявии адабиёт, ёддоштҳо ва дигар навъи

дастурҳои библиографӣ барои хонандагону китобдорони кишвар таҳияву нашр ва дастрас гардонида шудаанд.

Азбаски марҳилаи омӯзишии мавзуъи мо ба солҳои 1960-1990 алоқаманд аст, зарур мешуморем, ки роҷеъ ба сарчашмаҳои ташаккули библиографияи тавсиявӣ дар Тоҷикистон маълумоти таҳлилии мухтасар манзур намоем. Яке аз сабабҳои асосии инкишоф ва эҳёи библиографияи тавсиявӣ таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати ИҶШС дар самти ташаккули ҷаҳонбинӣ ва тақвияти ғояҳои коммунистӣ дар байни меҳнаткашон буда, бунёди онро тавассути қабули қонуну қарорҳои дахлдор роҳандозӣ ва татбиқ менамуданд. Аз ҷумла, бо қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии ИҶШС "Дар бораи танқиди адабӣ ва библиография", ки дар соли 1940 қабул шуда буд, китобхонаҳо муваззаф гардиданд, ки дар фаъолияти хеш фаъолияти библиографиро пурзӯр намоянд. Тавре ки муҳаққиқ Р. Шарофзода ишора менамояд: "Библиография дар қарори КМ ҲК воситаи ҷиддии тарғибот ва тарбияи коммунистии оммаи меҳнаткашон дониста шуда, даъват карда мешуд, ки барои қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни хонандагон ба адабиёт ва худомӯзи мусоидат кунад"[185].

КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ ҳамчун муассисаи идеологӣ тарғибкунандаи ғояҳои сиёсии Ҳизби Коммунистӣ дар замони Шуравӣ, қарори мазкурро сармашқи кори худ қарор дода, дар аввали солҳои 40-уми асри XX ба тайёр намудани дастурҳои библиографии тавсиявӣ шурӯъ менамояд. Ҳамин тавр, заминаи нахустин дастурҳои библиографии характери тавсиявидошта, аз таҳияи нишондиҳандаҳои библиографӣ бахшида ба ҷашни 23 солагии Армияи Сурх[186] ва доир ба ҳаёт ва эҷодиёти М.Ю. Лермонтов[187] оғоз мегардад.

[185] Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / Тартибдиҳанда Р. Шарофов. – Душанбе, 1973. – С. 68.

[186] Армияи сурх дар посбонии ватани сотсиалистӣ [Матн]: нишондиҳандаи мухтасари адабиёт / тартибдиҳанда Р.О. Тальман, Н. Ражева, С. Икромова; муҳаррири масъул Д. Овчинникова. – Сталинобод, 1941. – 22 с.

[187] М.Ю. Лермонтов (1841-1941) [Матн]: нишондиҳандаи мухтасари адабиёт / тартибдиҳанда Р.О. Тальман, С. Икромова; муҳаррири масъул Д. Овчинникова, С. Иброҳимов. – Сталинобод, 1941. – 14 с.

Марҳилаи дуюми тараққиёти библиографияи тавсиявӣ ба солҳои 60-ум рост меояд, зеро дар ин давра як чанд ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии ИҶШС ба тасвиб расида, як қатор чорабиниҳои муҳимми умумииттифоқӣ бахшида ба рушди самтҳои гуногуни библиография баргузор гардиданд. Масалан, Раҳимҷони Шарофзода, олим ва мутафаккири барҷастаи соҳаи библиографишиносии тоҷик зарурияти ба тасвиб расидан ва нақши ду қарори ҲКИШ "Дар бораи вазифаҳои пропагандаи партиявӣ дар шароити ҳозира" (1961) ва "Дар бораи вазъият ва чораҳои беҳтар намудани кори китобхонаҳо дар мамлакат"-ро (1963) дар рушди библиографияи миллӣ чунин ишора намудааст: "қарорҳои мазкур роҳҳои асосӣ ва мазмуни ғоявии фаъолияти китобхонаҳоро муайян карда, дар назди библиографияи тавсиявӣ вазифаҳои боз ҳам ҷиддию конкретӣ, яъне бо дастурҳои библиографӣ таъмин намудани гурӯҳҳои гуногуни хонандагонро гузошт"[188].

Дар нимаи дуюми солҳои 60-ум КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ бо дарназардошти талаботҳои қарори ҲК ИҶШС ёрии методӣ ва машваратҳои тавсиявии худро ба китобхонаҳои музофотӣ хеле бештару беҳтар ба роҳ мемонад. Машваратҳои тавсиявиро роҷеъ ба вусъат бахшидани фаъолияти библиографӣ на танҳо бо пайваста гузаронидани чорабиниҳои тахассусӣ, аз қабили семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ, балки бо роҳи сафарбар намудани мутахассисони ҳирфаӣ ба маҳалҳо роҳандозӣ намуда, бо ин васила мушкилоти дар ин самт мавҷудбудаи китобхонаҳои ҷумҳуриро марҳила ба марҳила бартараф менамуд.

Маврид ба зикр аст, ки дар соли 1965 конференсияи умумииттифоқии назариявӣ оид ба библиографияи тавсиявӣ баргузор гардид, ки масъалаҳои дар конференсия баррасишаванда на танҳо диққати назариядонҳоро, балки китобдорони ботаҷрибаро низ барои ҳалли масъалаҳои муҳимми ин соҳа ҷалб намуд. Масъалаи асосие, ки дар

[188] Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / тартибдиҳанда Р. Шарофов. – Душанбе, 1973. – С. 76

рафти конференсия мавриди муҳокима қарор гирифт, ин парокандагии кори назариявӣ дар роҳбарии хониш ва дар библиографияи тавсиявӣ ба шумор мерафт. Ҳамзамон дар доираи баргузории конференсияи мазкур мавзуъҳои зерин, аз қабили "Вазъият ва вазифаҳои библиографияи тавсиявии советӣ", "Тарғиби комплексии китоб ва библиографияи тавсиявӣ", "Истифодаи системаи библиографияи тавсиявӣ дар роҳбарии хониш", "Нақшаҳои хониши намунавии индивидуалӣ ҳамчун методи роҳбарии хониш" ва ғайра мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [189].

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки ташаккул ва рушди библиографияи тавсиявӣ дар ҶШС Тоҷикистон асосан ба солҳои 60-ум ва 70-уми асри XX рост меояд. Натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои муътамад нишон дод, ки фаъолияти марказҳои библиографии ҷумҳурӣ дар самти библиографинамоии адабиёт ва нашри дастурҳои библиографияи тавсиявӣ дар солҳои 80-уми асри XX хеле хуб рушд намудааст.

Дар рушди бонизоми библиографияи тавсиявӣ дар кишвар саҳми КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ ниҳоят бузург аст ва китобхона ҳамчун маркази библиографияи тавсиявӣ дар ҶШС Тоҷикистон корҳои зиёди шоистаи таҳсинро дар ин самт ба анҷом расонида буд. Бо заҳмат ва саъю кӯшиши мутахассисони ҳирфаии ин маркази бузурги библиографияи тавсиявӣ ва бо дарназардошта талаботи рӯзмарра ба иттилооти библиографӣ доштаи ҷомеа дар ҶШС Тоҷикистон на танҳо шумора ва мавзуҳои нишондиҳандаҳои библиографӣ ташаккул ёфт, балки аз нуқтаи назари методӣ сохтору сифати дастурҳо пайваста беҳтар карда шуданд. Бинобар ин барои тақвияти заминаи асоснокkунӣ ва муқоисавии ҷанбаъҳои таҳлилии мавзуъ ба фаъолияти чопию библиографии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ чун маркази асосии библиографияи тавсиявӣ ва КДБҶ ба номи М. Миршакар ҳамчун маркази методию библиографӣ барои китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда

---

189 Дар бораи баланд бардоштани роли библиографияи тавсиявӣ дар роҳбарии хониш [Матн]: материалҳои методӣ / аз русӣ тарҷ. Н. Кароматуллоев; муҳ. И.С. Норкаллаев; КДРТ ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1974. – 60 с.

шуд. Масалан, бо ташаббуси мутахассисони КДБҶ ба номи М. Миршакар барои китобдорону библиографони ҷумҳурӣ дастуру тавсияҳои методӣ доир ба услуби таҳияи китобномаҳо[190], ташкили дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои бачагона[191] ва мактабӣ[192], тарғиби донишҳои китобдорӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои бачагона[193], такмили фонди китобхонаҳо бо адабиёти бачагона дар шароити марказонидан[194], шаклу усулҳои тарғиби шифоҳӣ ва айёнии китоб дар китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ[195], ташкили маҳфилҳои гуногуни адабӣ ва чорабиниҳои оммавӣ дар байни кӯдакону наврасон[196], созмондиҳии кори китобхонаҳои бачагона ва китобхонаҳои оммавие, ки ба бачагон хизмат мерасонанд ҳангоми гузаронидани фондҳо ва феҳристҳо ба ҷадвалҳои ТКБ[197], ёрии методӣ ҷиҳати баргузор намудани Иди ҷумҳуриявии китобҳои бачагона[198] таҳияву интишор ва ба китобхонаҳои бачагонаву мактабии ҷумҳурӣ паҳн карда шуданд.

Натиҷаи таҳлилҳо ва омӯзиши мавзуъ нишон дод, ки дар фаъолияти КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ дар давраи солҳои 60-80-уми асри XX таҳия ва нашри дастурҳои тавсиявӣ-библиографӣ яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти библиографии китобхона маҳсуб меёфт. Дар ин давра диққати асосӣ ба рушди библиографияи тавсиявӣ, аз ҷумла таҳия ва интишори дастурҳои библиографии тавсиявӣ, роҳандозии

---

[190] Библиографикунонии адабиёти бачагона [Матн]: дастури методӣ / тарт.: Ш.К. Тошев; муҳ. Р. Холов. – Душанбе, 1984. – 15 с.

[191] Справочно-библиографический аппарат в детской библиотеке и филиалах, обслуживающих детей [Текст]: метод. консультация в помощь библиотекам, работающим с детьми / сост. В. Хаимова; ред. В.И. Михелева. – Душанбе, 1978. – 22 с.

[192] Организация справочно-библиографического аппарата в школьной библиотеке [Текст]: метод. рекомендации / сост. З. Абзалова; ред. Ш. Тошев. – Душанбе, 1990. – 12 с.

[193] Тарғиби донишҳои китобдорӣ-библиографӣ дар китобхонаҳои бачагона [Матн]: дастури методӣ / мурат. Т.Н. Исмаилова. – Душанбе, 1985. – 16 с.

[194] Комплектование книжного фонда детской литературой в условиях централизации [Текст]: метод. консультация / сост. М. Климова; ред. В. Хаимова. – Душанбе, 1979. – 18 с.

[195] Формы и методы устной пропаганды и наглядной агитации литературы детских и школьных библиотеках [Текст]: инструктивно-метод. письмо в помощь работе с детьми / сост. Ю. . Анисимова, Л. Е. Малышева; ред. Н. А. Харитонова. – Душанбе, 1983. – 11 с.

[196] Инструктивно-методические материалы о порядке организации различных литературных кружков и массовых мероприятий в библиотеках, обслуживающих детей [Текст] / сост. И.Я. Ниязова; ред. Н. Куртаметова. – Душанбе, 1984. – 27 с.

[197] Организация работы детских библиотек и массовых библиотек, обслуживающих детей при переводе фондов и каталогов на таблицы ББК [Текст] / сост. М.Ш. Климова, Ш.К. Тошев, Р.Х. Холов. – Душанбе, 1984. – 25 с.

[198] Праздник книги [Текст]: инструктивно - методическое письмо в помощь проведению Республиканского праздника детской книги / сост. З. Абзалова, Ш. Тошев. – Душанбе, 1990. – 13 с.

хизматрасонии тавсиявӣ-библиографӣ ба хонандагон ва тарбияи садоқат ба ғояҳои коммунистӣ, сулҳу дӯстӣ ва интернатсионалистӣ, ҳамзамон баланд бардоштани савияи дониш, худомӯзӣ, касбомӯзӣ ва ғайра дода мешуд. Бо кӯшиши кормандони китобхона ва ҳамоҳангсозии фаъолияти шуъба ва бахшҳои библиографӣ, илмӣ-методӣ, илмию таҳқиқотӣ ва маълумотию библиографӣ ба тамоми китобхонаҳои ҷумҳурӣ дастурҳои методию тавсиявӣ, дастурамалҳо ва ғайра омода ва паҳн мегардид, ки доираи дарбаргирии онҳо ниҳоят васеъ ва бештар дар самтҳои умдаи тарбиявӣ, ба ёрии падару модарон, омӯзгорон, мутахассисони истеҳсолот, саноат, кишоварзӣ, тиббӣ ва як қисмати бузурги он барои баландбардории савия ва малакаи касбии китобдорон равона шуда буд. Дар ин раванд масоили мавриди ниёзи китобдорону хонандагон ба монанди: расонидани ёрии назарӣ, амалӣ ва методӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши тахассусии китобдорону библиографон, гузаронидани семинарҳои омӯзишӣ, ташкили дурусти фонди китобӣ, истифодаи мақсадноки дастурҳои библиографӣ, методӣ, роҳнома ва дастурамалҳои корӣ ва ғайра мавриди назари кормандони китобхонаҳо, бахусус библиографон қарор гирифтанд. Масалан, коршиносони КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ барои баланд бардоштани нуфузи библиографияи тавсиявӣ дар роҳбарии хониш, омӯзиши библиографияи тавсиявӣ ҳамчун асоси тарбияи маданияти хониш ва самаранокии истифодаи библиографияи тавсиявӣ дар корҳои илмӣ-методии китобхона як чанд дастурамалу[199] маводи методӣ[200] ва маҷмӯаи мақолаҳоро аз таҷрибаи пешқадами китобхонаҳо[201] аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума карда, дастраси китобдорону библиографони ҷумҳурӣ гардониданд.

---

[199] Библиографияи тавсиявӣ – асоси тарбияи маданияти хониш [Матн]: мактуби дастуруламалию методӣ / тарт.: Е.Е. Троицкая, Л.Г. Жукова; аз русӣ тарҷ. Н. Кароматуллоев; муҳ. Р. Шарофов; КДРТ ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1974. – 46 с.

[200] Дар бораи баланд бардоштани роли библиографияи тавсиявӣ дар роҳбарии хониш [Матн]: материалҳои методӣ / аз русӣ тарҷ. Н. Кароматуллоев; муҳ. И.С. Норкаллаев; КДРТ ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1974. – 60 с.

[201] Библиографияи тавсиявӣ дар китобхонаҳои оммавӣ [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо дар бораи таҷрибаи пешқадам / тарт.: Б.А. Смирнов, И.Б. Теплицкая; аз русӣ тарҷ. А. Юнусов; муҳ. И.С. Норкаллаев. – Душанбе, 1975. – 120 с.

Инчунин кормандони КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ оид ба ташкили чорабиниҳои оммавӣ аз қабилӣ созмондиҳӣ ва баргузории ҷашну санаҳои муҳим, вохӯриву шабнишиниҳо, намоишҳои китобӣ, таҳияи хулосаҳои библиографӣ оид ба китобҳои тозанашр, ташкили феҳристҳои кишваршиносӣ ва ғайра сенария, дастурамал ва нашрҳои методиву библиографӣ омода намуданд. Теъдоди умумии номгӯйи дастурҳои методӣ-библиографии аз ҷониби КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ дар солҳои 1960-1990 таҳиягардида хело зиёданд ва ишора намудан ба маврид аст, ки ин намуди дастурҳо дар ташкили дурусти фонди китобхона ва роҳандозии хадамотҳои китобдорию библиографӣ аҳаммияти муҳим доранд. Масалан, таҳлили осори библиографии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ нишон дод, ки аксари дастурҳои тавсиявии библиографии дар солҳои 1960 то 1991 интишоргардида бештар ба мавзуъҳои гуногун таҳия гардидаанд ва китобдорони ҷумҳурӣ аз онҳо самаранок истифода намудаанд. Бо истифода аз дастурҳои методию библиографии таҳиянамудаи КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ китобхонаҳои шаҳриву ноҳиявӣ ва деҳот чорабиниҳои худро пурмазмун ва ҳадафрас баргузор менамуданд. Масалан, ҳамасола ҳангоми таҷлили "Рӯзи меҳнаткашон" ва ё "Рӯзи ғалаба" аз руйхатҳои библиографии дастурҳо васеъ истифода карда, сарчашмаҳои заруририро дастрас намуда, намоишҳои китобӣ ташкил менамуданд. Худи дастурҳои тавсиявӣ-библиографӣ ҳамчун сарчашмаи дастраснамоии китобҳои нав барои пур кардани захираи китобии китобхонаҳои поёни низ истифода мегардиданд.

Бояд қайд кард, ки мавод дар дастурҳои тавсиявӣ асосан аз рӯйи мазмуну муҳтаво интихоб, коркард ва мавриди ҷойгирнамоӣ қарор дода мешаванд ва он имкон медиҳад, ки дар тарғиби фонди китобхона фаъолона мусоидат кунад. Яке аз мақсадҳои асосии дастурҳои тавсиявии библиографӣ кушодани мазмуни фонди китобӣ ба хонанда мебошад ва имконият фароҳам меорад, ки иттилоот оид ба китобҳои зарурӣ бе истифода аз хадамоти китобдорон озодона дастрас гардад ва тавассути он эҳтиёҷоти хонанда пурратар қонеъ гардонида шуда, барои дарёфти

китобҳои тозаэҷоди дигар шароити мусоид пайдо шавад. Ҳамзамон, дастурҳои тавсияviро дар китобхонаҳо метавон дар ҳамаи шаклҳои корҳои оммавӣ, гурӯҳӣ ва фардӣ бо хонандагон истифода бурд. Яке аз услубҳои муҳимми тарғиби фаъолияти тавсиявӣ-библиографӣ ин истифодаи дастурҳои тавсиявӣ дар кори инфиродӣ бо хонанда ба шумор меравад. Бинобар ин, бояд дар китобхонаҳо ҷиҳати тарғиб ва оммавигардонии истифодаи дастурҳои библиографии тавсиявӣ чорабиниҳои гуногун андешида шавад. Зеро, шиносоӣ бо дастурҳои тавсиявӣ ва имкониятҳои истифодабарии онҳо дар хизматрасонӣ ба хонандагонро, ки яке аз сарчашмаҳои муҳимми иттилоотӣ дар фаъолияти хадамотии китобхона маҳсуб меёбад ва онро ҳамчун маҳак ва ё меъёрӣ таҳлили фаъолияти китобдорон ва муайян кардани шаклҳои самарабахши кор бо гурӯҳҳои гуногуни хонандагон метавон истифода намуд.

Таъмини китобдорони кишвар бо дастурҳои методӣ, тавсиявӣ-библиографӣ, дастурамалу роҳнамоҳо имконият фароҳам овард, ки на танҳо малака ва маҳорати китобдорону библиографони китобхонаҳои марказӣ, балки фаъолияти китобхонаҳои музофотии кишвар низ рӯ ба инкишоф оранд. Яке аз сабабҳои асосии он ин пеш аз ҳама омода ва нашри дастурҳои библиографияи тавсиявӣ буд, ки он дар навбати худ ба рушди босамари библиографияи тоҷик дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри XX-ро мусоидат намуд. Бо ибтикори библиографони ҳирфаӣ, ки таҷрибаи ғании касбӣ ва малакаи баланди назариву амалии соҳавиро азхуд намуда буданд, омоданамоии дастурҳои библиографияи тавсиявии гуногунмазмун ва гуногунсоҳа дар ҷумҳурӣ рушд намуд. Аз рӯи таҳлили сарчашмаҳои дуюмдараҷа оид ба фаъолияти нашрии КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ муайян гардид, ки аз ҷониби ин маркази бузурги библиографӣ шумораи зиёди дастурҳои библиографии мазмуни тавсиявидошта таҳия гардидаанд. Дар ин дастурҳо бештар адабиёт бахшида ба мавзуъҳои оммавӣ-сиёсӣ, адабиётшиносиву забоншиносӣ, кишоварзӣ, табиию илмию атеистӣ, маданият ва санъат ва техникӣ тавсия шудаанд.

Масалан, дар раванди таҳлили ин самти масъала муайян гардид, ки дар давоми солҳои 1960-1991 аз ҷониби ин китобхона 101 номгӯй дастурҳои библиографии мазмуни тавсиявидошта таҳия ва нашр намудааст. Аз ҷумла, доир ба илмҳои оммавӣ-сиёсӣ – 53 номгӯй, адабиётшиносиву забоншиносӣ – 22 номгӯй, кишоварзӣ – 11 номгӯй, табиию илмию атеистӣ – 5 номгӯй, маданият ва санъат – 5 номгӯй ва техникӣ – 5 номгӯй нашр гардиданд[202]. Тӯли солҳои 1973-1990 аз ҷониби Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббӣ бошад, барои кормандони соҳаи тибб 119 дастурҳои библиографии тавсиявӣ таҳияву интишор шудаанд. Аз ҷумла, ба ёрии духтури касалиҳои сирояткунанда[203], ба ёрии акушер-гинеколог[204], ба ёрии гигиенист, эпидемиолог, мутахассиси бемориҳои сироятӣ, вирусолог ва духтури санитарӣ[205], ба ёрии духтури дандон[206], ба ёрии асабшинос ва равоншинос[207], ба ёрии ҷарроҳ, травматолог, ортопед[208], ба ёрии ҳамшираи шафқат[209] ва ғайраҳо ба табъ расиданд.

Дар замони Шуравӣ дар фаъолияти кори китобхонаҳо диққати асосӣ дар заминаи дустуру супоришҳои Ҳизби Коммунист ва Давлати Шуравӣ ба тарғиби адабиёти марбут ба тарбияи коммунистии хонандагон бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд. Пурзӯрнамоии тарбияи коммунистии меҳнаткашон тавассути тарғибот алайҳи оин, дин ва анъанаҳои халқие, ки ҳазорсолаҳо байни мардуми кишвар побарҷо

---

[202] Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1933-1972 / Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1973. – 82 с.; Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1973-1982 / Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1973. – 82 с.; Нашриҳои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1983-2003 / Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эҷод, 2004. – 115 с.

[203]В помощь врачу-инфекционисту [Текст]: рекоменд. указатель книг / сост. Р.М. Асмолова; отв. за вып. Т.К. Сайгафаров; ТРНМБ. – Душанбе, 1973. – 15 с.

[204] В помощь акушеру-гинекологу [Текст]: рекоменд. указатель книг / сост. Н.А. Фурт; науч. ред. М.Я. Расулов; отв. за вып. Е.Л. Чумакова; ТРНМБ, РОНМИ. – Душанбе, 1978. – 10 с.

[205] В помощь гигиенисту, эпидемиологу, инфекционисту, вирусологу и санитарному врачу [Текст]: рекоменд. указатель книг / сост. Р.М. Асмолова; науч. ред. М.Я. Расулов; отв. за вып. Е.Л. Чумакова; ТРНМБ, РОНМИ. – Душанбе, 1978. – 15 с.

[206] В помощь стоматологу [Текст]: рекоменд. указатель книг / сост. Н.А. Фурт; науч. ред. М.Я. Расулов; отв. за вып. Е.Л. Чумакова; ТРНМБ, РОНМИ. – Душанбе, 1978. – 8 с.

[207] В помощь невропатологу и психиатру [Текст]: рекоменд. указатель книг / сост. Н.А. Фурт; науч. ред. М.Я.Расулов; отв. за вып. Е.Л. Чумакова; ТРНМБ, РОНМИ. – Душанбе, 1979. – 9 с.

[208] В помощь хирургу, травматологу, ортопеду [Текст]: рекоменд. указатель книг / сост. Н.А. Фурт: науч. ред. М.Я. Расулов; отв. за вып. Е.Л. Чумакова; ТРНМБ, РОНМИ. – Душанбе, 1979. – 11 с.

[209] В помощь среднему медработнику [Текст]: рекоменд. указатель книг / сост. Н.А. Фурт; науч. ред. М.Я. Расулов; отв. за вып. Е.Л. Чумакова; ТРНМБ, РОНМИ. – Душанбе, 1981. – 8 с.

буданд ва тарбияи аҳолиро дар худ таҷассум ва асосҳои фарҳанги аҷдодиро ташкил медоданд, муборизаи беамон бурда мешуд. Дар ин радиф барномаҳои давлатии идеологӣ оид ба сохтмони ҷомеаи коммунистӣ, тавассути тарбия намудани одами нав дар баромад, суханронӣ, вохӯрӣ ва дастурамалҳои тарбиявии роҳбарони ҲКИШ ва идеологҳои ҲК ИҶШС амалӣ карда мешуданд[210]. Китобхонаҳои ҷумҳурӣ низ аз ин раванд қафо намемонд ва дастурҳои зиёди тавсиявӣ-библиографӣ, ба монанди: «Партияи коммунистии Тоҷикистон»,[211] «Ба пешвози съезди XXIV КПСС ва съезди XVII ПК Тоҷикистон»,[212] «Владимир Ильич Ленин ва Тоҷикистон»,[213] «Фридрих Энгелс – Пешво ва муаллими пролетариати байналхалқӣ»,[214] «Тарбияи коммунистии меҳнаткашон»,[215] «Иттифоқи Советӣ – дӯстии халқҳои баробарҳуқуқ»,[216] «Роҳи пуршарафи комсомоли Тоҷикистон»,[217] «Бо роҳи ленинӣ»,[218] «60 сол дар зери байрақи Октябри Кабир»,[219] «Сиёсати аграрии партия дар амал»,[220] «Ба ҷавонон дар бораи қонунияти сотсиалистӣ»,[221]

[210] Бӯриев Қ.Б. Рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1980-1991-уми асри XX // Фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон. Китоби VI: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 532-533.

[211] Коммунистическая партия Таджикистана [Текст]: аннот. указатель литературы / сост. М. Николаева; ГРБ Тадж. ССР им. Фирдоуси; под ред. М. И. Иркаева. – Душанбе, 1962. – 330 с.

[212] Ба пешвози съезди XXIV КПСС ва съезди XVII ПК Тоҷикистон [Матн]: рӯйхати тавсиявии адабиёт / мурат.: Т. Ҳакимов, Т.Н. Масевич; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ. – Душанбе, 1970. – 14 с.

[213] Владимир Ильич Ленин ва Тоҷикистон: ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В.И. Ленин [Матн]: нишондиҳандаи мухтасари тавсиявии адабиёт / мурат. И.С. Норкаллаев.– Душанбе, 1970.– 36 с.

[214] Фридрих Энгелс – Пешво ва муаллими пролетариати байналхалқӣ [Матн]: рӯйхати мухтасари тавсиявии адабиёт / мурат.: Т. Ҳакимов, Т.Н. Масевич; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ. – Душанбе, 1970. – 12 с.

[215] Тарбияи коммунистии меҳнаткашон [Матн]: рӯйхати тавсиявии адабиёт / мурат.: С. Ҷураев, Т.Н. Масевич; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ. – Душанбе, 1971. – 24 с.

[216] Иттифоқи Советӣ – дӯстии халқҳои баробарҳуқуқ. Ба 50-солагии СССР [Матн]: рӯйхати тавсиявии адабиёт / мурат. Ҳ. Арбобова; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи библиогр. миллӣ. – Душанбе, 1972. – 42 с.

[217] Роҳи пуршарафи комсомоли Тоҷикистон: ба муносибати 50-солагии комсомоли Тоҷикистон бахшида мешавад [Матн]: нишондиҳандаи тавсиявии адабиёт / мурат. Ф. Зикриёев; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи библиогр. миллӣ. – Душанбе, 1975. – 151 с.

[218] Бо роҳи ленинӣ: Қарорҳои съезди XXV КПСС ва съезди XXII ПК Тоҷикистон – дар амал [Матн]: нишондиҳандаи тавсиявии адабиёт / мурат.: С. Раҳматуллоева, Т.Н. Масевич, А.А. Прилипко; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи библиогр. миллӣ. – Душанбе, 1977. – 84 с.

[219] 60 сол дар зери байрақи Октябри Кабир [Матн]: нишондиҳандаи тавсиявии адабиёт / мурат.: С. Раҳматуллоева, Р.М. Качкионова, А.А. Прилипко; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи библиогр. миллӣ. – Душанбе, 1977. – 144 с.

[220] Сиёсати аграрии партия дар амал [Матн]: рӯйхати тавсиявии адабиёт / мурат.: Х. Исомуддинов, Х. Арбобова; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ. – Душанбе, 1978. – 32 с.

[221] Ба ҷавонон дар бораи қонунияти сотсиалистӣ [Матн]: рӯйхати тавсиявии адабиёт / мурат.: Н. Исомутдинова, Т.Н. Масевич, А.А. Прилипко. – Душанбе, 1984. – 34 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

«Шастсолагии пуршараф»,[222] «Қувваи мо дар ягонагӣ»,[223] «Муносибатҳои миллӣ»[224] ва ғайраҳоро таҳия ва ба табъ расониданд. Масалан, нишондиҳандаи тавсиявии адабиёт «Ватани бузурги мо»[225], ки соли 1982 ба муносибати 60-солагии ташкилёбии ИҶШС таҳия шудааст, адабиётро дар бораи сиёсати миллии ленинӣ, ҳизбӣ, ғояҳои интернатсионализми пролетарӣ ва дӯстии халқҳои ИҶШС, дар бораи таърихи ташаккул ва рушди давлати сермиллати шуравӣ дар маҷмӯъ ва дар алоҳидагӣ ҳар як ҷумҳурии иттифоқиро дар бар мегирад. Соли 1974 нишондиҳандаи дигар таҳти унвони «Республикаи ман: ба муносибати 50-солагии РСС Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон»[226] чоп шудааст. Ин дастур номгӯи адабиёти доир ба Тоҷикистонро, ки дар солҳои 1964-1973 нашр шудаанд, инъикос мекунад. Адабиёти тавассути дастур тавсияшуда дар бораи таърихи Тоҷикистон, мубориза барои ба даст даровардани ҳокимияти советӣ, рушди минбаъдаи хоҷагии халқ, илму фарҳанг ва таҳкими дӯстии халқи тоҷик бо халқиятҳои ҷумҳуриҳои бародар, ки ба Иттиҳоди ягонаи ҷумҳуриҳои ИҶШС дохил шудаанд, маълумот медиҳад.

Ҳамчунин, аз ҷониби маркази бузурги библиографияи тавсиявӣ – КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ як қатор дастурҳои методию библиографӣ, ба монанди «Бо ёрии корҳои илмӣ-атеистии китобхонаҳои оммавӣ»,[227] «Қарорҳои съезди XXIV КПСС ва съезди XXII ПК Тоҷикистон – дар амал»,[228] «Садриддин Айнӣ (1878-1978): ба пешвози 100-солагии рӯзи

---

[222] Шастсолагии пуршараф [Матн]: нишондиҳандаи тавсифдори адабиёт ба муносибати 60-солагии ташкилёбии РСС Тоҷикистон ва Партияи Коммунистии Тоҷикистон / мурат.: А. Болтабоева, А.А. Прилипко. – Душанбе, 1984. – 156 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

[223] Қувваи мо дар ягонагӣ: тарбияи интернатсионалӣ [Матн]: рӯйхати тавсиявии адабиёт / мурат.: С. Ахророва, О. П. Медведева, Г. Фелькер. – Душанбе, 1987. – 41 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

[224]Муносибатҳои миллӣ [Матн] = Межнациональные отношения: нишондиҳандаи тавсиявии адабиёт / тарт.: Г. М. Набиева, О.Л. Медведева; муҳ. масъул Ф.Б. Зикриёев, муҳ.: И. С. Норкаллаев, Р.М. Кочкионова. – Душанбе, 1989. – 72 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

[225] Ватани бузурги мо: ба муносибати 60-солагии ташкилёбии СССР: нишондиҳандаи тавсиявии адабиёт / мураттибон Х.Н.Исомутдинова, Ҳ.Арбобова; шуъбаи маълумотдиҳӣ-библиографӣ. –Душанбе, 1982. – 41 с.

[226] Республикаи ман: ба муносибати 50-солагии РСС Тоҷикистон ва партияи Коммунистии Тоҷикистон: нишондиҳандаи тавсиявии адабиёт / мураттибон И.С.Норкаллаев, Х.Исомутдинова. – Душанбе, 1974. – 79 с.

[227] Бо ёрии корҳои илмӣ-атеистии китобхонаҳои оммавӣ [Матн]: маводи методӣ-библиографӣ тарт.: Л. Молчанова, В. Качало.– Сталинобод, 1961. – 94 с. – Матн ба забони тоҷикӣ, русӣ.

[228] Қарорҳои съезди XXIV КПСС ва съезди XXII ПК Тоҷикистон – дар амал [Матн]: материалҳои методӣ ва библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ / тарт.: С.Ҳ. Раҳматуллоева, Р.О. Тальман, З.А. Бектемирова [ва диг.]; муҳ.: И.С. Норкаллаев, С. Одинаева, Р. Хоҷаев. – Душанбе, 1971. – 54 с.

таваллуд»,[229] «Абулқосими Лоҳутӣ: ба муносибати 90-солагии рӯзи таваллуд»,[230] «Боқӣ Раҳимзода (1910 – 1980): ба муносибати 70-солагии зодрӯзи шоир»,[231] «Дар зери байрақи ленинизм: Ба пешвози съезди XXVI КПСС ва съезди XIX ПК Тоҷикистон: маслиҳатҳои методӣ ва библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии китобдӯстон»,[232] «Ҷашнномаи адибони мо: материалҳои методӣ - библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ, бахшида ба 70-солагии зодрӯзи Мирзо Турсунзода ва 80-солагии зодрӯзи Муҳаммадҷон Раҳимӣ»,[233] «Иҷрои Программаи озуқаворӣ – кори умумихалқӣ: маслиҳатҳои методӣ-библиографӣ»,[234] «Нон – сарвати халқ: материалҳои методӣ-библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ»,[235] «Кори идеологӣ – кори партия ва тамоми халқ: материалҳои методию библиографӣ ба ёрии китобдорони республика»,[236] «Саҳифаҳои ҳаёти бузург: маслиҳатҳои методию библиографӣ бахшида ба 165-солагии рӯзи таваллуди К. Маркс»,[237] Интихоботи Совети Олии СССР: материалҳои

[229] Садриддин Айнӣ (1878-1978) [Матн]: ба пешвози 100-солагии рӯзи таваллуд / тарт.: С. Одинаев, И.С. Норкалаев; муҳ. Ҳ. Назаров; КДҶ ба номи Фирдавсӣ, ШИМ, ШБМ. – Душанбе, 1977. – 15 с.

[230] Абулқосими Лоҳутӣ [Матн]: ба муносибати 90-солагии рӯзи таваллуд / тарт.: Х. Зиёев, З. Умурбоева; муҳ.: Т. Шукуров, И.С. Норкаллаев; шахси масъул С. Одинаев; КДҶ ба номи Фирдавсӣ, ШИМ, ШБМ.[230] – Душанбе, 1977. – 26 с.

[231] Боқӣ Раҳимзода (1910 – 1980) [Матн] = Боки Рахимзаде (1910 – 1980): ба муносибати 70-солагии зодрузи шоир / тарт.: А. Қаҳҳоров, Ҷ. Набиева; муҳ.: С. Муҳиддинов, И. Новащевская; шахси масъул Х. Зиёев; КДҶ ба номи Фирдавсӣ, ШИМ. – Душанбе, 1980. – 21 с.

[232] Дар зери байрақи Ленинизм: Ба пешвои съезди XXVI КПСС ва съезди XIX ЦК Тоҷикистон. Маслиҳатҳои методӣ библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ ва ташкилотҳои ҷамъияти китобдустон [Матн] = Под знаменем ленинизма: Навстречу XXVI съезду КПСС и XIX съезду КП Таджикистана: метод. и библиогр. рекомендации в помощь массовым библиотекам и организациям книголюбов / тарт.: С. Муҳиддинов, Х. Исомуддинов, А. А. Прилипко [ва диг.]; муҳ.: А. Раҳимов, А. Эргашев, Р. Раҳматуллоева, Р.М. Кочкионова; КДҶ ба номи Фирдавсӣ, ШИМ. – Душанбе, 1980. – 45 с.

[233] Ҷашномаи адибони мо [Матн]: материалҳои методӣ-библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ, бахшида ба 70-солагии зодрӯзи М. Турсунзода ва 80-солагии зодрӯзи М. Раҳимӣ / тарт.: Ҷ. Раҷабов, А. Қаҳҳоров, Н. Баратов; муҳ.: Б. Шукуров, Ғ. Самадӣ, С. Муҳиддинов; КДҶ ба номи Фирдавсӣ, ШИМ. – Душанбе, 1981. – 23 с.

[234] Иҷрои Программаи озуқаворӣ – кори умумихалқӣ [Матн]: маслиҳатҳои методӣ-библиогр. / тарт. Х. Зиёев; муҳ. Ҷ. Раҷабов; тарт. рӯйхати адабиёт: М.Т. Дербеденева, Ҳ. Исомутдинова, А.А. Прилипко; муҳ.: Р.М. Кочкионова, И.С. Норкаллаев. – Душанбе, 1982. – 46 с.

[235] Нон – сарвати халқ [Матн] = Хлеб – богатство народа: материалҳои методӣ-библиогр. ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ / тарт.: Н.Ш. Давлатов, Ҷ. Раҳмонова; муҳ. Ҷ. Раҷабов; тарт. рӯйхати адабиёт: З. Умарбоева, Г. Фелькер, Ю. Богдасарова; муҳ. рӯйхати адабиёт: И.С. Норкаллаев, М.Т. Дербеденова; КДҶ ба номи Фирдавсӣ, ШИМ. – Душанбе, 1982. – 27 с.

[236] Кори идеологӣ – кори партия ва тамоми халқ [Матн] = Идеологическая работа – дело партии и всего народа: маслиҳатҳои методию библиогр. ба ёрии китобдорони республика / тарт. Х. Зиёев; муҳ. Ҷ. Раҷабов; тарт. рӯйхати адабиёт: А. Болтабоева, Г. Фелькер, М. Мирзоева. – Душанбе, 1983. – 40 с.

[237] Саҳифаҳои ҳаёти бузург [Матн] = Страницы великой жизни: маслиҳатҳои методию библиогр. бахшида ба 165-солагии рӯзи таваллуди К. Маркс / мурат.: Г. Махмудов, Т.Н. Масевич; муҳ.: Ҷ. Радабов, И.С. Норкаллаев, Ю. Шарапова, Р.М. Кочкионова. – Душанбе, 1983. – 26 с.

методӣ-библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ»,[238] «Китобхонаҳо ба ёрии мутахассисони хоҷагии кишлоқ: материалҳои методию библиографӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ»,[239] «Вазифаҳои китобхонаҳо ба пешвози съезди XXVII КПСС ва съезди XX ПК Тоҷикистон»,[240] «Ягонагии партия ва халқ: маслиҳатҳои методию библиографӣ ба пешвози интихоботи Совети Олии РСС Тоҷикистон ва Советҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ»,[241] «Китобхона ба ёрии мелиораторон: маслиҳатҳои методию библиографӣ»[242] ва ғайра нашр шуда, дастраси китобхонаҳои ҷумҳурӣ гардидаанд.

Таҷрибаи таҳияи дастурҳои библиографии тавсиявӣ дар даҳсолаи охири замони шуравӣ дар ҶШС Тоҷикистон хеле густариш ёфт ва махсусан аз ҷониби мутахассисони КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ дастурҳои библиографӣ, ки аз нигоҳи банду баст ва услуби библиографинамоӣ ҷавобгӯи талаботи замон буданд, доир ба масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷомеа, санаҳои муҳимми таърихиву фарҳангӣ, ҷашнвораҳои милливу байналмилалӣ, инчунин доир ба соҳаҳои мухталифи дониш, таҳияву интишор шуданд.

Рӯйдоди муҳимме, ки дар таърихи библиографияи тавсиявии тоҷик ба амал омад ин роҳандозии таҷрибаи пешқадами таъминоти ҷомеаи Тоҷикистон бо маълумоти библиографӣ оид ба санаҳои муҳимми таърихӣ ва таҷлили ҷашнвораҳои давлативу миллӣ зери унвони «Тақвими ҷашн ва

---

[238] Интихоботи Совети Олии СССР [Матн]: материалҳои методӣ-библиогр. ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ / мурат. Х. Зиёев; муҳ. Ҷ. Раҷабов; мураттиби рӯйхати адабиёти тавсиявӣ: А. Болтабоева, Р. Додобоева. – Душанбе, 1984. – 19 с.

[239] Китобхонаҳо ба ёрии мутахассисони хоҷагии кишлоқ [Матн]: материалҳои методию библиогр. ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ / тарт. Х. Зиёев; муҳ. Ҷ. Раҷабов; тарт. рӯйхати адабиёт: З. Умурбоева, М.Т. Дербеденева, Г. Фелькер. – Душанбе, 1984. – 29 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

[240] Вазифаҳои китобхонаҳо ба пешвози съезди XXVII КПСС ва съезди XX ПК Тоҷикистон [Матн] = Задачи библиотек навстречу XXVII съезду КПСС и XX съезду КП Таджикистана: материалҳои методӣ-библиогр. / тарт.: Х. Зиёев, О. Козлова; муҳ.: Ҷ. Раҷабов. М. Л. Глузман, Ю. Шарапова; тарт. рӯйхати адабиёт: Ҳ. Исомутдинова, Р.М. Кочкионова, А. А. Прилипко; муҳ. библиогр. И.С. Норкаллаев. – Душанбе, 1985. – 47 с.

[241] Ягонагии партия ва халқ [Матн]: маслихатҳои методию библиогр. ба пешвози интихоботи Совети Олии РСС Тоҷикистон ва Советҳои маҳаллии депутатҳои халқӣ ба ёрии китобхонаҳои оммавӣ / тарт. Х. Зиёев; муҳ. Ҷ. Раҷабов; тарт. рӯйхати адабиёт: А. Болтабаева, А. Прилипко; муҳ. библиогр. И.С. Норкаллаев. – Душанбе, 1985. – 17 с.

[242] Китобхона ба ёрии мелиораторон [Матн]: маслиҳатҳои методию библиогр. / тарт.: Т. Охунов, Т. Шукуров, М. Эшонкулова [ва диг.]; дар ҳамкорӣ бо Китобхонаи илмии такягоҳи хоҷагии қишлоқи Ин-ти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон; муҳ.: Ҷ. Раҷабов, В.О. Южанин. – Душанбе, 1987. – 36 с.

санаҳои РСС Тоҷикистон» буд ва нашри ин дастури библиографӣ то ба имрӯз идома дорад. Бинобар ин, лозим дониста шуд, ки доир ба вижагиҳои омоданамоию нашри «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» ва истифодаи самараноки он дар раванди хадамоти библиографии хонандагон ҳамчун таҳаввулоти ҷадид ва омӯзанда дар рушди библиографияи тавсиявии тоҷик маълумоти бештар мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирад.

Нахустин нашри «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» соли 1964 аз ҷониби КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ дар ҳамкорӣ бо Раёсати бойгонии назди Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон ба забони русӣ аз чоп баромад[243]. «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» барои соли 1965 [244] воқеаҳои муҳимми сиёсӣ, хоҷагӣ ва фарҳангии кишварро дар бар гирифта, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад. Бояд қайд кард, ки КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ таҳияи «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон»-ро дар ҳамкорӣ бо Раёсати бойгонии назди Шурои Вазирони РСС Тоҷикистон то соли 1967 ба роҳ монда, минбаъд таҳия ва чопи онро дар заминаи захираҳои худ ба роҳ мемонад[245]. Дар замони Шуравӣ «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» барои тарғиби маводи кишваршиносӣ, пеш аз ҳама, ба китобдорон ва кормандони клубҳо (ки дар он ҷой гӯшаҳои тарғиботӣ, намоиш ва қироати китобҳо, шабнишиниҳо, вохӯриҳо, рӯйихати китобҳои нав, рӯзномаву маҷаллаҳо ташкил карда мешуданд), ходимони матбуот, радио, телевизион ва алалхусус ба ташвиқотчиёну тарғибгарони ғояҳои сиёсӣ-ҳизбӣ ёри расонида, ҷиҳати ташкил ва баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, алалхусус намоиши китобҳо, лавҳаҳо, гузаронидани конференсияҳои хонандагон, шабҳои адабӣ, суҳбату хулосаҳои библиографӣ ва дар раванди хизматрасонии

---

[243] Календарь знаменательных и памятных дат Таджикской ССР на 1964 год [Текст]: в помощь библиотекам республики / редактор И.П. Ярошевский. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1964. – 160 с.

[244] Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон барои соли 1965 [Матн] / мураттиб Р.Шарофов, Ҳ.Исомуддинова. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 130 с.

[245] Норкаллаев, И.С. Ёрдамчии боэътимоди китобхонаҳо [Матн]: аз таҷрибаи нашри Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон // Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Р.Шарофов. – Душанбе, 1977. – С. 75-88.

маълумотӣ-библиографӣ, иттилоотӣ-библиографӣ ва тавсиявӣ-библиографӣ мавриди истифода қарор мегирифт.

Таҳлил нишон дод, ки мундариҷаи "Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон" фарогири доираи васеи матолиб буда, аз ду қисм таркиб ёфтааст. Дар қисмати аввали нашрия хабари воқеаҳои бузурги ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, фарҳангӣ ва инчунин, санаҳои ҷашнии ходимони намоёни ҷомеа, намояндагони илму адаб ва фарҳанги ҷумҳурӣ дар соли ҷорӣ ба қайд гирифта мешаванд. Дар қисмати дуюм бошад, интихобан доир ба санаҳои муҳим ва ҷашнҳои таърихӣ очеркҳои библиографӣ дарҷ гардида, дар охири ҳар як очерк рӯйхати адабиёт бахшида ба мавзуъ тавсия мешавад.

Чуноне, ки аз мундариҷаи тақвим бармеояд, он ҳамчун сарчашмаи муҳимму самарабахши хадамоти библиографӣ ба низоми дастурҳои библиографии тавсиявӣ мансуб аст. Масалан, И.С. Норкаллаев дар мақолаи худ таҳти унвони «Ёрдамчии боэътимоди китобхонаҳо: аз таҷрибаи нашри «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» ишора менамояд, ки дар 13 соли нашри он (1964-1976) 1246 ҷашну сана ва воқеаҳои муҳимми (сиёсӣ, таърихӣ, илмиву адабӣ ва фарҳангӣ) дохил шудаанд. Аз ин шумора ба 246 ҷашну санаҳои асосии муҳимтарин очеркҳои мухтасар навишта шуда, дар он 2400 номгӯй адабиёт ба забони тоҷикӣ ва 2708 номгӯй ба забони русӣ тавсия шудааст[246]. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар таҳқиқоти мазкур баррасии ин самти масъаларо пайгирӣ намуда, кушиш кардем, ки мазмуну муҳтавои «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон»-ро дар солҳои минбаъда мавриди омӯзиш қарор диҳем. Таҳқиқот ошкор сохт, ки тӯли солҳои 1977-1991 дар саҳифаҳои «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» 1604 ҷашну санаҳои муҳим ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин шумора ба 230 ҷашну санаҳои бузурги ҷумҳурӣ очеркҳои мухтасар навишта шуда, дар поёни онҳо 1852 номгӯйи адабиёт ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ тавсия карда

[246] Норкаллаев, И.С. Ёрдамчии боэътимоди китобхонаҳо [Матн]: аз таҷрибаи нашри Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон // Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Р. Шарофов. – Душанбе, 1977. – С. 78.

шудааст. Агар фарогирии ҷашну санаҳо, шумораи очерку рӯйхатҳои адабиёти тавсияшударо бо таҳқиқоте, ки қаблан баргузор шуда буд муқоиса намоем, пас маълум мегардад, ки дар таҳқиқоти охирон новобаста аз зиёд шудани теъдоди ҷашну санаҳои муҳим, шумораи очеркҳо ва адабиёти тавсияшуда нисбатан кам шудааст.

Дар «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» бештар санаҳои мавлуди арбобони намоёни сиёсӣ, давлатӣ, ҳизбию ҷамъиятӣ, Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамонони Меҳнатӣ Сотсиалистӣ, чеҳраҳои маъруфи таърихӣ, олимони соҳаҳои мухталифи илм, аз ҷумла, дорандагони дараҷа ва унвонҳои илмӣ, адибон, рӯзноманигорон, шахсиятҳои шинохтаи фарҳангу ҳунар, кормандони сохторҳои қудратӣ ва ҷашнҳои милливу байналмилалӣ ва ғайраҳо ворид шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки таҳияву интишор ва тарғиби тақвими мазкур дар замони Истиқлолияти давлатӣ таҳти унвони «Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон» идома дорад вале мутаассифона бо сабабҳои айниву зеҳнӣ пайваста нашр намегардад. Масалан, солҳои 1993-1996, 2008-2011, 2014-2018 «Тақвими ҷашн ва санаҳои муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон» нашр нашудааст.

Роҷеъ ба таснифоти вижагии тақвимҳои ҷашнӣ, яъне ба кадом шакли дастурҳои библиографӣ дохил шудани он, дар байни олимон андешаҳои гуногун вуҷуд дорад. Масалан, библиографи рус А. Мамонтов (1967) дар мақолаи худ “Календарь знаменательных и памятных дат”[247] менависанд, ки “тақвимҳо характери тавсиявӣ, тарғиботӣ доранд” ва ин афкори хешро дар мақолаи дигараш низ бори дигар тасдиқ мекунад[248].

Олими дигар Н. Вилчур дар мақолаи худ бо номи «Календарь – пособие рекомендательное», ки соли 1966 дар шумораи 8-и маҷаллаи «Библиотекарь» нашр шудааст, характери тавсиявӣ доштани ин дастурро

[247] Мамонтов, А. Календари знаменательных и памятных дат [Текст] А. Мамонтов // Библиотекар. – 1964. – № 5. – С. 54-55.
[248] Мамонтов, А. И все таки – рекомендательный [Текст] А. Мамонтов // Сов. библиография. – 1967. – № 4. – С. 35-37.

тасдиқ мекунад[249]. Аммо олими дигар Е. Брук муқобили ин андешаҳо баромад намуда, бештар тарафдори характери илмӣ-ахборотӣ доштаи тақвимҳо мебошад[250].

Библиографи Китобхонаи оммавии шаҳри Краснодар А.Н. Сахаров ба андешаи Е. Брук розӣ набуда, балки тарафдори он аст, ки «тақвимҳо характери тавсиявӣ доранд»[251].

Олимони соҳаи библиографишиносии тоҷик низ вобаста ба вижагии «Тақвим... » тарафдори андешаи характери тавсиявӣ доштани он мебошанд. Аз ҷумла олими варзидаи соҳаи библиографишиносии тоҷик Раҳимҷони Шарофзода ба миён омадани нашри «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон»-ро манбаи муҳимми ташаккули таҷриба барои библиографияи тавсиявӣ доништа, ишора менамоянд, ки: «кори тайёр ва чоп намудани тақвим ба як манбаи ҷамъоварии таҷриба оид ба библиографияи тавсиявӣ гашта, нашри он на танҳо ба инкишофи звеноҳои асосии библиографияи тавсиявии шахсӣ, умумӣ ва мавзӯии адабиёти бадеӣ, балки ба беҳтар гардидани сифати дастурҳои библиографӣ, зиёдшавии адади нашри дастурҳои библиографияи тавсиявӣ кӯмак расонд»[252].

Муҳаққиқ, библиограф ва мураттиби як қатор нашрияҳои «Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» И.С. Норкаллаев тарафдори он аст, ки «тақвимҳо характери тавсиявӣ доранд, чунки дар тақвим на ҳамаи маводи мавҷуда инъикос меёбад. Мо адабиёти зарурираро доир ба ин ва ё он воқеа тавсия менамоем, ки он ба дастур ҳақиқатан характери тавсиявӣ, тарғиботӣ медиҳад»[253].

Муҳаққиқи тоҷик Шариф Комилзода роҷеъ ба таъйини мушаххаси хонандагӣ ва хусусиятҳои хосси «Тақвим... » сухан ронда, ишора

[249] Вилчур, Н. Календарь – пособие рекомендательное [Текст] Н. Вилчур // Библиотекар. – 1966. – № 8. – С. 52-54.

[250] Брук, Е. Научный и рекомендательный [Текст] Е. Брук // Библиотекар. – 1964. – № 9. – С. 52.

[251] Сахаров, А.Н. Местные календари знаменательных и памятых дат [Текст] А.Н.Сахаров // Сов. библиография. – 1966. – № 5. – С. 19-36.

[252] Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / Тартибдиҳанда Р. Шарофов. – Душанбе, 1973. – С. 80.

[253] Норкаллаев, И.С. Ёрдамчии боэътимоди китобхонаҳо [Матн]: аз таҷрибаи нашри Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон // Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Р. Шарофов. – Душанбе, 1977. – С. 86.

менамоянд, ки «Тақвим ба китобдорон ва дигар масъулон, ки дар тарҳрезиву созмондиҳӣ ва баргузории чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ, илмӣ, адабию фарҳангӣ ва оммавӣ-маърифатӣ ҳисагузоранд, таъйин шудааст. Вижагии дигари «Тақвим...» дар он зоҳир мегардад, ки бо вуҷуди муҳтавои умумии хеш, дар он маводи хусусияти тавсиявӣ, тарғиботӣ ва маълумотдошта бештар инъикос гардида, ҳамзамон дар тарғиби адабиёти кишваршиносӣ саҳм мегирад»[254].

Чунонки таҳлили дастурҳои мухталифи характери тавсиядошта нишон дод, воқеан дар даврони шуравӣ ин намуди дастури библиографӣ дар фаъолияти КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббӣ мавқеи устуворро касб карда буд ва бо дарназардошти талаботи ҷомеа ва имконоти мавҷуда дар тарғиби адабиёти соҳаҳои мухталифи дониш мусоидат намуд.

Таҷрибаи таҳияи дастурҳои библиографии тавсиявӣ бахусус дар солҳои 70-80-ум дар Тоҷикистон хеле густариш ёфт ва бештар аз ҷониби мутахассисони КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ дастурҳои библиографӣ, ки ба масъалаҳои мубрами ҳаёти ҷомеа, санаҳои муҳимми таърихиву фарҳангӣ ва ҷашнвораҳои милливу байналмилалӣ бахшида шуда, аз нигоҳи банду баст ва услуби китобноманигорӣ ба меъёрҳои мавҷуда ҷавобгӯй буданд, таҳияву чоп шуданд. Илова бар ин, КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ ҳамчун маркази илмӣ-методӣ барои тақвияти фаъолияти китобхонаҳои мамлакат, бахусус дар самти бунёду такмили фонд ва дастгоҳи маълумотӣ-библиографии китобхонаҳо, роҳандозии хадамоти китобдорӣ-библиографӣ, услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ, аз ҷумла вижагиҳои таҳияву истифодаи дастурҳои библиографияи тавсиявӣ ёрии амаливу методӣ расонид.

Қобили қайд аст, ки барои роҳандозии хадамоти библиографӣ ва қонеъ намудани эҳтиёҷоти библиографии хонандагон дар радифи дастурҳои библиографии тавсиявӣ, қисматҳои дигари дастгоҳи маълумотӣ-

---

[254] Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон. Дирӯз ва имрӯз [Матн]: дастури таълими барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – С. 59.

библиографии китобхонаҳо, аз қабили феҳристҳои тавсифдор, картотекаҳои мавзӯию кишваршиносӣ, захираи нашрҳои маълумотдиҳанда ва захираи маълумотномаҳои иҷрошуда низ ёрии калон расониданд.

Ҳамин тавр, таҳлилу баррасии фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографии замони шуравӣ дар самти таҳияву интишори дастурҳои библиографияи тавсиявӣ нишон дод, ки воқеан тӯли солҳои 1960-1990 ин намуди библиография нисбат ба дигар навъҳои библиографияи тоҷик рушд намуда, ҷиҳати интихобу тарғиби адабиёти ниёзи хониш ба оммаи васеи хонандагон саҳми муносиб гузоштааст. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ин таҷрибаи муфид имрӯз метавонад барои таҳияи дастурҳои мукаммали библиографияи тавсиявӣ, албатта бо истифода аз технологияи муосири иттилоотӣ дар фаъолияти библиографии китобхонаҳои кишвар, мавриди истифода қарор гирад.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Омӯзишу таҳқиқ ва таҳлили марҳилаҳои ташаккул ва рушди библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990) имкон дод, ки чунин хулосаҳо ҳосил шаванд:

1. Ҳар як давраи таърихӣ ба заминаи рушди навъҳои гуногуни библиографияи тоҷик шароитҳои мусоид фароҳам оварда, ба интишори дастурҳои библиографӣ, арзёбии афкори илмии муҳаққиқон ҷиҳати пайдоиш, ташаккул ва омилҳои рушди илми библиографишиносии тоҷик мусоидат намудааст. Аз ҷумла:

1.1. Марказҳои библиографӣ: Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон, КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, КМИ ба номи И. Гандии Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон ва китобхонаҳои соҳавӣ дар таҳияву нашри дастурҳои мухталифи библиографӣ бештар саҳм гузоштанд [3-М, 4-М,7-М, 20-М].

1.2. Ба рушди афкори библиографишиносии тоҷик як қатор омилҳо ва ниҳодҳои соҳавӣ мусоидат карданд, аз қабили:

– ба фаъолият шурӯъ кардани бахшу кафедраҳо ва таълими фанҳои силсилаи библиографишиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ касбии соҳавӣ;

– таъсиси шуъбаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, библиографияи миллӣ, маълумотӣ-библиографӣ дар китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ;

– ташкил ва баргузор шудани конференсияҳои илмӣ, таҳқиқоти сотсиологӣ доир ба масъалаҳои мубрами назария ва амалияи библиографияи тоҷик [10-М, 9-М].

1.3. Бештари афкори библиографишиносии муҳаққиқони тоҷик тавассути рисолаҳои илмӣ ва маҷмӯаи мақолаҳои нашрнамудаи КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, ДДСТ ба номи М. Турсунзода ва нашрияҳои даврии ватаниву хориҷӣ арзёбӣ шудаанд [20-М].

1.4 Таҳлил ва баррасии давраи таҳқиқшудаи илми библиографишиносӣ имкон дод, ки самтҳои афзалиятноки рушди он муайян карда шавад. Онҳо чунинанд:

– таърихи библиография: заминаҳои пайдоиши библиография, давранигории таърихи библиографияи тоҷик, рушди марказҳои библиографӣ, ташаккули библиографияи давлатии тоҷик, ташаккули ахбори пешазинқилобии библиографияи тоҷик, инкишофи намуд ва навъҳои асосии самтҳои афзалиятноки ташаккули библиографияи тоҷик дар даврони шуравӣ,;

– библиографишиносӣ: назария, амалия ва услуби библиография;

– библиографияи адабии тоҷик: таъини ҷамъиятӣ, вежагӣ, усулҳо ва мабҳазҳои асосии библиографияи адабии тоҷик, эҳтиёҷоти ғайрикасбӣ ва адабии библиографӣ;

– библиографияи адабиёти ҷомеашиносӣ: марказҳои асосии тавлиди ахбори библиографӣ доир ба илмҳои ҷомеашиносӣ, нашри дастурҳои библиографӣ доир ба адабиёти ҷомеашиносӣ ва таснифи онҳо, рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони ҷомеашиносии тоҷик;

– библиографияи дастхатҳои форсӣ-тоҷикӣ: асоснокнамоӣ ва муайнсозии хусусиятҳои хоси китобҳои қаламӣ ҳамчун мабҳази фаъолияти библиографияи тоҷик, таҳлили дастурҳои библиографии китобҳои қаламии форсӣ-тоҷикӣ;

– библиографияи минётурҳои форсӣ-тоҷикӣ: таҳқиқи мафҳуми “тасвири библиографии минётур”, таҳлили дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасонии санъатшиносӣ ва таснифи онҳо, вежагиҳои китобноманигории минётурҳо;

– библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон: омилҳои инкишоф ва таҳаввули ин намуди библиография, таҳияи дастурҳои библиографӣ барои мактабачагон ва роҳбарони хониши онҳо, тавсифнигории адабиёти кӯдакон ва наврасон;

– библиографияи адабиёти кишоварзӣ: таърихи библиографияи кишоварзӣ, библиографияи фарҳанги заминдории халқи тоҷик, таҳлили дастурҳои библиографӣ доир ба риштаи зироаткорӣ, пахтакорӣ, чорводорӣ;

– библиографияи адабиёти кишваршиносӣ: таърихи пайдоиш, даврахои ташаккул, таҳаввул ва рушди библиографияи кишваршиносии тоҷик дар замони шуравӣ, самтҳои асосии созмондиҳӣ ва услуби ин навъи библиография дар Тоҷикистон;

– фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо: бунёди дастгоҳи маълумотӣ-библиографӣ, таҳия ва интишори дастурҳои мухталифи библиографӣ, хадамоти библиографӣ (маълумотӣ, иттилоотӣ ва тавсиявӣ), омӯзиш ва тарғиби донишҳои библиографӣ;

– услуби библиографинамоӣ: интихоб ва омӯзиши мавзуи дастур, коркарди лоиҳаи таҳияи дастур, пайдонамоӣ ва интихоби адабиёт, таҳлил ва гуруҳбандии адабиёт, таҳияи кӯмакфеҳристҳо, таҳрир ва ороиши бадеӣ ва полиграфии дастур;

– тарғиби библиографии осор ва фаъолияти библиографии ашхоси муътабар: инъикоси осори Рӯдакӣ дар библиографияи тоҷик, тарғиби библиографии осори Абӯалӣ ибни Сино, Ибни Сино ва библиографияи тоҷик, фаъолияти библиографии Бобоҷон Ғафуров ва Садриддин Айнӣ;

2. Таҳқиқот собит сохт, ки дар баробари дастовардҳо дар самти омӯзиш масъалаҳои илми библиографишиносии тоҷик то кунун масъалаҳои омӯхтанашуда хеле зиёданд. Аз ҷумла:

2.1. Бо истиснои як ду мақола оид ба библиографияи тиб дар Тоҷикистон ягон таҳқиқоти муҳимму чашмрас доир нашудааст;

2.2. Гарчанде, ки дар кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии ДДФСТ ба номи М.Турсунзода таълими фанни «Библиографияи адабиёти табиатшиносӣ ва техникӣ» роҳандозӣ шуда, барномаи таълимии он ҳанӯз соли 2011 ба табъ расида бошад ҳам, аммо то имрӯз оид ба ин намуди библиография дар Тоҷикистон ягон рисолаи илмӣ, дастури таълимӣ ва ё маҷмуаи мақолаҳо чоп нашудааст;

2.3. То кунун масъалаҳои библиографияи адабиёти иқтисодӣ, фарҳангу ҳунар, ҳуқуқ, фалсафа, таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ бо таври бояду шояд мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтаанд ва муҳаққиқони худро интизоранд [3-М,5-М,9-М,19-М].

3. Дар давраи солҳои 1960-1990 нашри пайвастаи силсилаи дастурҳои библиографии ҷорӣ ва тарҷеъӣ аз ҷониби Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ба рушди бемайлони библиографияи давлатии тоҷик такони ҷиддӣ дода, ҷиҳати шаклгирию инкишофи библиографияи илмӣ-ёрирасони соҳаҳои мухталифи дониш низ шароит фароҳам овард. Аз ҷумла:

3.1. Тӯли солҳои мавриди таҳқиқ, нашри ҷории библиографияи давлатӣ тавассути «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» пайваста нашр шуд ва эҳтиёҷоти ба иттилоотдоштаи ҷомеаро бо дарназардошти имконоти мавҷуда, қонеъ гардонид [10-М, 7-М,12-М, 19-М].

3.2. Дар заминаи фондҳои китобии Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ва КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ силсилаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони умумитарҷеъии тоҷик таҳия шуда, дар омӯзишу тарғиби адабиёти нашршуда, мусоидат намуданд [5-М, 8-М, 22-М].

4. Баррасӣ ва таҳлили дастурҳои библиографии ҷорӣ ва тарҷеъии интишоркардаи Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон нишон дод, ки дар радифи дастовардҳо дар ин самт камбудиҳо низ ҷой доранд. Аз ҷумла:

– дар нишондиҳандаҳои ҷории «Солномаи матбуоти ҶШС Тоҷикистон» ва дастурҳои илмӣ-ёрирасони тарҷеъии «Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» на ҳамаи маҳсулоти чопии дар Тоҷикистон нашршуда ба қайд гирифта шудаанд. Сабаби асосии номнавис нашудани тамоми нашри даврӣ, ғайридаврӣ ва давомдор аз он иборат аст, ки на ҳамаи маҳсулоти чопшуда ба сифати нусхаҳои ҳатмии ройгони ҳуҷҷатҳо аз ҷониби муассисаҳои табъу нашр ба Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон ворид шудаанд;

– бо теъдоди нокифоя нашр шудани маҳсулоти чопӣ (аз 100 то 300 нусха) ва ворид нашудани онҳо ба Палатаи давлатии китобҳои ҶШС

Тоҷикистон боиси сари вақт феҳристнигорӣ нагаштан ва шомил нашудани ин мавод дар дастурҳои библиографӣ шудаанд;

– номувофиқии маҳсулоти чопии дар нишондиҳандаҳои библиографӣ номнависшуда ба мазмуни фонди китобхонаҳои мамлакат. Ин ҷо, дар бисёр маврид на ҳамаи китобҳои дар дастурҳо пешниҳодшударо аз фонди китобхонаҳо пайдо кардан имконпазир аст;

– номукаммалии дастгоҳҳои пажуҳишию маълумотии дастурҳои библиографӣ, ки то имрӯз барои саривақт дарёфт намудани ин ё он китоби дилхоҳ монеа эҷод мекунанд;

– саривақт чоп нашудани дастурҳои библиографӣ раванди ба таври оҷилона расонидани иттилооти пешниҳодшударо халалдор сохта, нуфузи библиографияи давлатии ҷориро коҳиш медиҳанд;

– бо тиражи кам нашр шудани дастурҳои библиографӣ дастрасиро ба онҳо маҳдуд сохта, сабаби қонеъ нашудани эҳтиёҷоти библиографии хонандагон гардиданд [10-М, 4-М, 22-М].

5. Тӯли солҳои 60-80-уми асри XX дар таҷрибаи бунёди системаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик раванди ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории ҳирфаии китобхонаҳо ба назар мерасад ва маҳз ҳамин тамоюл имкон дод, ки дастурҳои библиографии аз нигоҳи услуби библиографинамоӣ ва дигар хусусиятҳои дастурсозӣ мутобиқ ба стандартҳои маъмули ҷаҳонӣ рӯи чоп оянд.

5.1. Омӯзиш ва таҳлили равандҳои таҳаввул ва инкишофи библиографияи тоҷик нишон дод, ки яке аз соҳаҳои пешрафта ва афзалиятноки он библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик маҳсуб меёбад, ки ба рушди он як қатор омилҳо мусоидат кардаанд, аз ҷумла:

– ба фаъолият шурӯъ кардани пажуҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии назди Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ва пажуҳишгоҳҳои соҳавии назди вазорату идораҳои давлатӣ;

– таъсиси муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва зарурияти қонеъ гардонидани талаботи илмии онҳо;

– афзудани эҳтиёҷоти олимону мутахассисони соҳаҳои мухталифи дониш ба адабиёти илмӣ ва нашри он;

– роҳандозии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дифои рисолаҳои номзадию докторӣ;

– татбиқи лоиҳа ва барномаҳои илмии муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ;

– таъмини дастрасии гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон, бахусус кормандони илм, унвонҷӯён ва омӯзгорону донишҷӯён тавассути пажуҳиши сарчашмаҳои илмӣ [3-М, 4-М, 7-М].

6. Дар радифи дастовардҳо дар низоми таҳияи дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасон як қатор норасоиҳо ҳузур доштанд, аз ҷумла:

– дар таҳияву нашри дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасон на ҳамаи китобхонаҳои илмии пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ иштирок кардаанд;

– дар давраи мавриди таҳқиқот қарор гирифта, доир ба бештари соҳаҳои дониш, аз қабили иқтисодиёт, дин, ҳуқуқ ва илмҳои ҳуқуқшиносӣ, оид ба корҳои ҳарбӣ нишондиҳандаҳои илмӣ-ёрирасон барои кормандони илм ва мутахассисони ин соҳаҳо таҳияву пешниҳод нашудаанд;

– доир ба соҳаҳои адабиёти бадеӣ ва илмӣ-маърифатӣ барои кӯдакону наврасон на танҳо дар солҳои 1960-1990-уми асри XX, балки то кунун, агар қисмҳои алоҳидаи дастурҳои умумитарҷеъӣ, умумиадабӣ ва фардии дастурҳои библиографии нашри алоҳидаро сарфи назар намоем, ягон дастури библиографии илмӣ-ёрирасони мустақил таҳия нашудааст;

– нашри рӯйхатҳои адабиёт, нишондиҳандаҳои библиографӣ ва бюллетенҳои ахборотӣ доир ба адабиёти тозанашри ба китобхонаҳо воридшуда, солҳои минбаъда, яъне дар даврони истиқлол идома наёфтанд [4-М, 7-М, 22-М, 23-М].

7. Таҳқиқи марҳилаҳои рушди библиографияи тавсиявии тоҷик дар давраи солҳои 1960-1990 имкон дод, ки чунин натиҷагирӣ намоем:

7.1. Дар заминаи омӯзиш ва истифодаи афкори илмии олимони русу тоҷик мафҳумҳои асосии марбут ба мавзуъ асоснок карда шуданд.

7.2. Қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи китобдорӣ барои рушди библиография, аз ҷумла библиографияи тавсиявии тоҷик шароит муҳайё сохт.

7.3. Тӯли солҳои 1960-1990 аз ҷониби марказҳои библиографӣ, бахусус китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ намудҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ, аз қабили дастурҳои библиографияи тавсиявӣ бештар таҳия гардиданд, ки ҳамчун манбаи муҳими тарғиби адабиёти беҳтарин ва дархӯри ҳамон давраи таърихӣ хизмати шоистаро ба анҷом расониданд.

7.4. Дар даврони шуравӣ ба тарғибу ташвиқи адабиёти дорои мазмуни муайян (тарбияи коммунистии аҳолӣ) бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд ва табиист, ки мазмуну муҳтавои бештари дастурҳои библиографии нашршуда ҷавобгӯи талаботи ҳамон айём буданд. Масалан аз 101 номгӯи дастурҳои тавсиявии нашркардаи КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ 53 адади он ба мавзуи сиёсӣ-ҷамъиятӣ бахшида шудаанд;

7.5. Хусусияти хоси дастурҳои библиографии тавсиявӣ нисбат ба дигар навъи дастурҳои библиографӣ аз он иборат аст, ки ин дастурҳо дар радифи тавсияи адабиёти беҳтарин боз барои шинос шудан ба мазмуни фонди китобӣ ва истифодаи он ба хонандагон ёрӣ расонида, ҳамзамон дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои оммавии китобхона, аз қабили намоиши китобҳо, шабҳои адабӣ-бадеӣ, конфронсу семинарҳо ва дигар маҳфилҳои илмомӯзӣ, интихобу тавсияи адабиёти зарурӣ ба китобдорон низ кумак мерасонад.

7.6. КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ ҳамчун маркази библиографияи тавсиявӣ дар таҳияву интишор ва паҳн намудани навъҳои гуногуни дастурҳои библиографияи тавсиявӣ доир ба соҳаҳои мухталифи дониш саҳми муносиб гузошт.

7.7. Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон дар нашри силсилаи дастурҳои тавсиявии библиографӣ доир ба соҳаи тибб мақоми хоссаро касб кард.

7.8. Яке аз таҳаввулоти наве, ки ба рушди библиографияи тавсиявӣ дар солҳои 60-уми асри XX такони ҷиддӣ дод ин роҳандозии таҳияву нашри

«Тақвими ҷашн ва санаҳои РСС Тоҷикистон» маҳсуб меёбад [2-М, 7-М, 16-М, 19-М].

8. Омӯзиши системаи дастурҳои библиографияи тавсиявии солҳои 1960-1990 интишорёфта нишон дод, ки дар радифи дастовардҳо дар ин самт камбудиҳо низ вуҷуд доранд. Аз ҷумла:

8.1. На ҳамаи дастурҳои библиографияи тавсиявӣ аз нигоҳи услуби китобноманигорӣ ба стандартҳои соҳаи библиография ҷавобгӯй буда, таъйини хонандагии ягона доранд.

8.2. Ҳангоми хостагирии адабиёт ва муайян намудани мақсаду таъйини хонандагии дастурҳои библиографӣ на ҳамеша мувофиқати фонди китобхонаҳои оммавӣ ба адабиёти тавсияшуда, ба инобат гирифта шудааст.

8.3. Дастурҳои библиографияи тавсиявӣ барои кӯдакону наврасон (бо истисноии як дастури «Барои шумо бачаҳо», 1975) дигар омодаву нашр нашудаанд.

8.4. Таҷрибаи таҳияи дастурҳои библиографии тавсиявӣ дар даҳсолаи охири замони шуравӣ дар Тоҷикистон хеле густариш ёфта бошад ҳам, аммо дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ин анъанаи пешрафта мақоми худро аз даст додааст [2-М, 7-М, 19-М, 23-М]

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Барои рушди минбаъдаи илми библиографишиносӣ, библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик, тавсияҳои зеринро зарур меҳисобем:

– дар ҳошияи эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) ташкил ва баргузор намудани таҳқиқоти ҷудогона дар самти омӯзиши масъалаҳои библиографияи адабиёти илмӣ-табиатшиносӣ, техникӣ ва риёзӣ, библиографияи адабиёти илмӣ-маърифатӣ барои кӯдакон ва наврасон;

– дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус ҷорӣ намудани таълими фанҳои «Библиографияи адабиёти иқтисодӣ», «Библиографияи адабиёти тиб», «Библиографияи адабиёти ҳуқуқшиносӣ»,

«Библиографияи адабиёти фарҳангу ҳунар», «Библиогафияи адабиёти илмӣ-маърифатӣ барои кӯдакон ва наврасон»;

– тадриҷан зиёд намудани миқдори довталабон ба шуъбаҳои буҷетии магистратура ва аспирантура аз рӯйи ихтисоси «Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ» ва таъсиси тахассусҳои нав дар самти фаъолияти инноватсионӣ ва рақамигардонии китобхонаҳо, аз қабили «китобдор-барномасоз», «библиограф-таҳлилгар» ба талаботи замона ҷавобгӯ;

– ҳавасманд гардонидани мутахассисони соҳа, бахусус унвонҷӯёну олимони ҷавон тавассути зиёд кардани стипендияҳои номӣ ва стипендияҳо аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷавӣ, кӯмакхарҷӣ ва маоши вазифавӣ ва ё бо манзили истиқоматию замини наздиҳавлигӣ таъмин намудани онҳо;

– ба кафедраҳои тахассусии коллеҷҳои соҳавӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии китобдорӣ ва марказҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳа ҳарчи бештар ҷалб намудани олимони варзида, омӯзгорони соҳибтаҷриба ва мутахассисони баландихтисоси амалии соҳаи китобдорӣ;

– ташкили экспедитсияҳои илмӣ бо ҷалби библиографони ҳирфаии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ ҷиҳати пажуҳиш ва феҳристнигории маҳсулоти чопии дар дастурҳои библиографии нашршуда инъикоснаёфта ва дар заминаи он таҳияи нишондиҳандаҳои нави илмӣ-ёрирасони тарҷеъӣ;

– дар сохтори АМСБРСК – ХКТ таъсис додани шуъбаи илмӣ-таҳқиқотии китобшиносӣ ва библиографишиносӣ тақозои замон буда, рисолати асосии он бояд саҳм гирифтан дар таҳқиқи масоили марбут ба китоб, вежагиҳои нашри он, сотсиологияи хониш, феҳристнигорӣ ва омӯзиши навъу шакл ва жанрҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ ва истифодаи онҳо дар корҳои маълумотӣ-библиографӣ, иттилоотӣ-библиографӣ ва тавсиявӣ-библиографӣ бошад;

– ҳангоми тарҳрезии лоиҳаи таҳияи дастури библиографӣ ба инобат гирифтани теъдоди нашр ва мувофиқати он ба шумораи китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ;

– созмондиҳӣ ва баргузории таҳқиқоти сотсиологӣ барои омӯзиши мутобиқати китобҳои тавассути дастурҳои библиографӣ пешниҳодшуда ба мазмуни фонди китобхонаҳои мамлакат ва таҳияи тавсияҳои мушаххас ҷиҳати бартараф намудани ин номувофиқӣ;

– эҳёи таҷрибаи муфид ва ибратомӯзи таҳияи дастурҳои библиографии солҳои 1960-1990 интишорёфта ва мавриди истифода қарор додани он ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати эҷоди дастурҳои мухталифи библиографӣ.

Дар заминаи натиҷаҳои аз таҳқиқоти мазкур бадастомода мавзуъҳои зерин минбаъд метавонанд ба ҳайси таҳқиқоти ҷудогона мавриди омӯзиш қарор гиранд:

• «Нашри китоб дар Тоҷикистон дар солҳои 1960-1990»;

• «Ташаккул ва марҳилаҳои инкишофи библиографияи адабиёти тиб дар Тоҷикистони шуравӣ»;

• «Фаъолияти библиографии китобхонаҳои соҳавии Тоҷикистон дар солҳои 1960-1990»;

• «Рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар даврони шуравӣ».

# АДАБИЁТ

## I. Феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда

### 1.1. Маводи бойгонӣ


1. Бойгонии ҷории Шуъбаи библиографияи давлатии АМСБРСК – ХКТ (солҳои 1960-1990).

2. Бойгонии ҷории Шуъбаи қабулу назорат ва ҳифзи осори нашрии АМСБРСК – ХКТ (солҳои 1960-1990).

3. Бойгонии ҷории Шуъбаи омори нашр ва маълумотдиҳии библиографии АМСБРСК – ХКТ (солҳои 1960-1990).

4. Бойгонии ҷории Бахши ахбороти илмию техникии АМСБРСК – ХКТ (солҳои 1960-1990).

5. Бойгонии ҷории Шуъбаи библиографияи миллии КМТ (солҳои 1960-1990).

6. Бойгонии ҷории Шуъбаи хизматрасонии библиографии КМТ (солҳои 1960-1990).

7. Бойгонии ҷории Шуъбаи адабиёти хориҷии КМТ (солҳои 1960-1990).

8. Бойгонии ҷории Шуъбаи дастхатҳои Шарқ ва китобҳои нодири КМТ (солҳои 1960-1990).

9. Бойгонии ҷории Шуъбаи ахбороти илмии КМИ  ба номи И. Ганди АМИТ (солҳои 1960-1990).

10. Бойгонии ҷории Шуъбаи маълумотдиҳии библиографии КМИ ба номи И. Ганди АМИТ (солҳои 1960-1990).

11. Бойгонии ҷории Китобхонаи ҷумҳуриявии илмӣ-тиббии Тоҷикистон (солҳои 1960-1990).

12. Бойгонии ҷории КДБҶ ба номи М. Миршакар (солҳои 1974-1990).

13. Бойгонии ҷории Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд (солҳои 1960-1990).

14. Бойгонии ҷории Китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 1960-1990).

15. Бойгонии ҷории Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (солҳои 1960-1990).

16. Бойгонии ҷории Китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии кишоварзии Тоҷикистон (солҳои 1960-1990).

### 1.2. Осори Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

17. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2007. – Ҷилди 7. (2006, май – 2007, апрел). – 477 с.

18. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2009. – Ҷилди 8. (2007, май – 2008, июл). – 575 с.

19. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2010. – Ҷилди 9. (2008, июл – 2009, июн). – 575 с.

20. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2011. – Ҷилди 10. (2009, июн – 2010, июл). – 575 с.

21. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2012. – Ҷилди 11. (2010, июл – 2011, август). – 575 с.

22. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – Ҷилди 12 (2011, 25 август – 2012, 27 октябр). – 560 с.

23. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2016. – Ҷилди 13 (2012, 27 октябр – 2013, 29 сентябр). – 560 с.

24. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – Ҷилди 14 (2013, 1 октябр – 2014, 6 октябр). – 576 с.

25. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2017. – Ҷилди 15 (2014, 6 октябр – 2015, 29 сентябр). – 576 с.

26. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2018. – Ҷилди 16 (2015, 29 сентябр – 2016, 25 сентябр). – 576 с.

27. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2018. – Ҷилди 17 (2016, 26 сентябр – 2017, 16 ноябр). – 576 с.

28. Раҳмон, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 2019. – Ҷилди 18 (2017, 17 ноябр – 2019, 31 март). – 576 с.

29. Раҳмон, Э. Китоб рукни муҳими тамаддуни башарӣ [Матн]: суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими гузоштани хишти аввали бинои нави Китобхонаи миллӣ, 4 сентябри соли 2007 / Э. Раҳмон // Китобдор. – 2008. – №1 (3). – С.2-4.

30. Раҳмон, Э. Китобхонаи миллӣ – маркази бузурги илму фарҳанг [Матн]: суханронӣ дар маросими таҷлили сеюмин ҷашни ҷаҳонии Наврӯз ва ифтитоҳи Китобхонаи миллӣ // Китобдор. – 2013. – №1-3 (10). – С. 4-8.

31. Раҳмон, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: Иборат аз чаҳор китоб. Китоби якум: Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ирфон 2009. – 704 с.

32. Раҳмон, Э. Уфуқҳои Истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганч-нашриёт, 2018. – 436 с.

33. Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор [Матн] / Э. Раҳмон; мушовирони илмӣ: А. Раҳмонзода, Н. Саид. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.

34. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 1. (1992, ноябр – 1996, август). – 511 с.

35. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 2. (1996, август – 1998, декабр). – 512 с.

36. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 3. (1999, январ – 2001, феврал). – 510 с.

37. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷилди 4. (2001, март – 2002, сентябр). – 472 с.

38. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: Иборат аз 11 ҷилд / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Ҷилди 5. (2002, сентябр – 2004, ноябр). – 560 с.

39. Раҳмонов, Э. Фарҳанг ҳастии миллат аст [Матн]: суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат, 20 марти соли 2001 / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 63 с.

### 1.3. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ

40. Дар бораи баланд бардоштани роли китобхонаҳо дар тарбияи коммунистии меҳнаткашон ва прогресси илмию техникӣ [Матн]: қарори КМ КПСС // Маориф ва маданият. – 1974. – 28 май.

41. Дар бораи вазифаҳои пропагандаи партиявӣ дар шароити ҳозира [Матн]: қарори КМ КПСС // Тоҷикистони советӣ. – 1961. – 22 октябр.

42. Дар бораи вазъият ва чораҳои беҳтар намудани кори китобхонаҳо дар мамлакат [Матн]: қарори КМ КПСС // Тоҷикистони советӣ. – 1963. – 18 сентябр.

43. Дар бораи иттилоот [Манобеи электронӣ]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10 майи с. 2002, №55. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-иттилоот (санаи истифодабарӣ 20.10.2021)

44. Дар бораи иттилоотонӣ [Манобеи электронӣ]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 августи с. 2001, №40. – Низоми дастрасӣ:

http://mmk.tj/content/дар-бораи-иттилоотонӣ (санаи истифодабарӣ 20.10. 2021).

45. Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма [Манобеи электронӣ]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 19 марти соли 2013, №961 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3. – Низоми дастрасӣ: http://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-матбуоти-даврӣ-ва-дигар-воситаҳои-ахбори-омма (санаи истифодабарӣ 28.10.2021).

46. Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо [Матн]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 декабри соли 2011, № 792 // Ҷумҳурият. – 2012. – 5 январ. – №3-6 (21 984-987).

47. Дар бораи фарҳанг [Матн]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 декабри соли 1997, №519 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23–24. – С.120-134.

48. Дар бораи фаъолияти китобдорӣ [Матн]: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 августи соли 2003, №32 // Китобдор: маҷаллаи фарҳангӣ-маърифатӣ. – 2006. – №1 (1). – С.5-11.

49. Дар хусуси тасдиқ намудани Қарор дар бораи ба муассисаи давлатии федералии "Китобхонаи давлатии Россия" додани мақоми ташкилоти базавии давлатҳои аъзои Давлатҳои Мустақил оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи китобдорӣ [Манобеи электронӣ]: қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, №95. – Низоми дастрасӣ: www.adlia.tj (санаи истифодабарӣ 26.10.2021).

50. Консепсияи инкишофи маданияти Тоҷикистон: Бо қарори Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 1992 тасдиқ шудааст // Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ: маҷмӯаи санадҳои фарҳангӣ. – Душанбе, 1998. – С. 20-28.

51. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, №501 тасдиқ шудааст // Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон:

дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаби татбиқи он / мураттиб ва муҳаррири масъул Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – С.4-37.

52. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти китобдорӣ", 22 июли соли 2013, № 1008 [Матн] // Ҷумҳурият. – 2013. – 27 июл. – №106-107 (22243-22244).

53. О литературной критике и библиографии [Текст]: постановление ЦК КПСС // О партийной и советской печати. – М., 1954. – С. 487-490.

54. Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба фаъолияти китобдорӣ [Матн]: маълумотнома ва тавсияҳои методӣ / мураттиб С. Шосаидов; муҳаррир А. Раҷабов. – Душанбе: Недра, 2008. – 152 с.

### 1.4. Маводи оморӣ

55. Печать Таджикской ССР. 1959-1963 [Текст]: стат. материалы. – Душанбе, 1964. – 62 с.

56. Печать Таджикской ССР. 1964-1968 [Текст]: стат. материалы. – Душанбе, 1971. – 87 с.

57. Печать Таджикской ССР. 1969-1980 [Текст]: стат. материалы. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 96 с.

58. Печать Таджикской ССР: 1981-1985 [Текст]: стат. материалы / Гос. ком. ТаджССР по печати; Гос. кн. палата ТаджССР; сост. Б. М. Левина; ред. А. К. Курбанов. – Душанбе, 1990. – 80 с.

59. Советский Таджикистан за 60 лет [Текст]: юбилейный статистический ежегодник. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 320 с.

60. Таджикистан за 40 лет [Текст]: стат. сборник / Центральное статистическое управление при Совете Министров Таджикской ССР. – Душанбе: Статистика, 1964. – 242 с.

61. Тоҷикистон дар зарфи солҳои Ҳокимияти Совети [Матн]: маҷмӯаи материалҳои статистикӣ. – Душанбе: Статистика, 1967. – 198 с.

62. Централизованные библиотечные системы Таджикистана в 1984 – 1985 гг. [Текст]: стат. анализ / сост.: В.И. Пономаренко, М.Е. Холов, А.

Эргашев, М. Курбанова, Т. Охунов, Д. Набиева; ред. Д. Раджабов. – Душанбе, 1987. – 125 с.

### 1.5. Дастурҳои методӣ ва библиографӣ

63. Библиографикунонии адабиёти бачагона [Матн]: дастури методӣ / тарт. Ш. К. Тошев, КДРБ РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1984. – 15 с.

64. Библиографияи библиографияи Тоҷикистон [Матн]: нишондиҳандаи библиографӣ (1960-1990) / мураттиб С. С. Нодирзода; муҳ. Ш. Комилзода; зери назари С. Ҳ. Шосаидзода. – Душанбе: Аржанг, 2022. – 432 с.

65. Библиографияи тавсиявӣ – асоси тарбияи маданияти хониш [Матн]: мактуби дастуруламалию методӣ / тарт.: Е.Е. Троицкая, Л.Г. Жукова; аз русӣ тарҷ. Н. Кароматуллоев; муҳ. Р. Шарофов; КДРТ ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1974. – 46 с.

66. Дар бораи баланд бардоштани роли библиографияи тавсиявӣ дар роҳбарии хониш [Матн]: материалҳои методӣ / аз русӣ тарҷ. Н. Кароматуллоев; муҳ. И. С. Норкаллаев; КДРТ ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе, 1974. – 60 с.

67. Дастур оид ба мухтасаркунии калима ва ибораҳо [Матн]: ба ёрии коркунони китобхона / муҳ. Х. Хусейнов. – Душанбе, 1964. – 22 с.

68. Дастур оид ба мухтасаркунии калима ва ибораҳои тоҷикӣ дар тасвири библиографии асарҳои матбуот [Матн] / тарт.: М. Ахмадова, И.С. Норкаллаев; муҳ. А. Юнусов; КДҶ ба номи А.Фирдавсӣ; Палатаи дав. китобҳои РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1983. – 24 с.

69. Ихтисораҳои тоҷикӣ дар тасвири библиографии асарҳои матбуот [Матн] / тарт.: И. С. Норкаллаев, А. Юнусов, С. Абдуллоев, С.О. Бобомуродова, Р. Хайдарова, З. Бобочонова; КДҶ ба номи А. Фирдавсӣ, Палатаи дав. китобҳои РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 1988. – 24 с.

70. Каталог государственного издательства Таджикистана [Текст]. – Сталинабад-Самарканд, 1931. – №1. – 30 с.

71. Каталоги нашрҳои Нашриёти давлатии Тоҷикистон [Матн]. – Сталинобод-Самарқанд, 1936. – №2. – 48 с.

72. Каталог книг Таджикской ССР (1926 – 1956 гг.) [Текст] / сост.: Р. О. Тальман, Т. И. Поддымникова, Г. Я. Якубов, Э.Н. Яковлева, М. Ахмедова, К. Джамалов; ГРБ им. Фирдоуси, Государственная книжная палата Таджикской ССР. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1960. – 295 с.

73. Китобҳои Тоҷикистони Советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1957 – 1961). – Душанбе, 1963. – 316 с.

74. Китобҳои Тоҷикистони Советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1962 – 1966). – Душанбе, 1967. – 355 с.

75. Китобҳои Тоҷикистони Советӣ [Матн]: каталог (солҳои 1967 – 1975). – Душанбе, 1982. – 544 с.

76. Китобҳои Тоҷикистони Советӣ [Матн]: феҳрасти давлатии библиографӣ (солҳои 1976 – 1980). – Душанбе, 1988. – 360 с.

77. Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: феҳрасти давлатии библиографӣ (солхои 1981 – 1985). – Душанбе, 1992. – 360 с.

78. Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: феҳрасти давлатии библиографӣ (солҳои 1986 – 1990). – Душанбе, 2005. – С. 454 – 496.

79. Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: феҳрасти библиографӣ (солҳои 1991 – 2010). – Душанбе, 2011. – 680 с.

80. Коршиносони эҷодкори Китобхонаи миллӣ [Матн]: маълумотномаи шарҳиҳолию библиографӣ / мураттибон: Ҳ. Муҳамадҷонов, Ё. Сучонӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – 88 с.

81. Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографӣ / мураттибон: И.С. Норкаллаев, Р.О. Тальман. – Душанбе, 1973. – 84 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

82. Нашри Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1973-1982 / Шуъбаи библиографияи миллӣ. – Душанбе, 1982. – 101 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

83. Нашрҳои Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар [Матн]: нишондиҳандаи библиографӣ. Солҳои 1978-2009 / мурратиб, муаллифи пешгуфтор ва мақолаи муқаддимавӣ Ш. Комилзода; зери назари Қ. Авғонов. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 64 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

84. Нашрияҳои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ [Матн]: нишондиҳандаи библиографии солҳои 1983-2003 / Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – 115 с. – Матн ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ.

85. Одина Ҳошим [Матн]: китобномаи шарҳиҳолӣ / мураттибон: С. Надиров, Қ. Авғонов; муҳаррир ва муаллифи пешгуфтор Қ. Авғонов. – Душанбе: Истеъдод, 2014. – 48 с.

86. Организация справочно-библиографического аппарата в централизованной библиотечной системе [Матн]: метод. рекомендации / сост.: М. Л. Глузман, З. С. Маджидова; ред. Р. М. Кочкионова. – Душанбе, 1985. – 21 с.

87. Ормони миллат: Роғун - бузургтарин сарбанди асри нав [Матн]: феҳристи адабиёт / мураттибон: С. Нодиров, О. Имомназарова; муҳаррир Г. Маҳмудов. – Душанбе, 2022. – 512 с.

88. Ҳабиби фарҳанг [Матн]: осорномаи Шермуҳаммад Ҳабибов / мураттиб С. Надиров; муҳаррир Г. Маҳмудов. – Душанбе: Паёми ошно, 2015. – 62 с.

### 1.6. Китобҳо, маҷмӯаҳо, мақолаҳо

89. Абдуллоев, С. Махзани маърифат: оид ба таърих, давраҳои инкишоф ва фаъолияти кунунии Агентии миллии созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон [Матн] / С. Абдуллоев, С. Ғуломшоев. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 100 с.

90. Абдураҳимзода, Қ. Фаъолияти китобдорӣ дар пажӯҳишҳои илмӣ [Матн] / Қ. Абдураҳимзода; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2020. – Китоби II. – 640 с.

91. Авғонов, Қ. Бобоҷон Ғафуров – библиограф [Матн] / Қ. Авғонов; зери назари А. Раҳимов. – Душанбе: Санадвора, 1998. – 19 с.

92. Авғонов, Қ. Фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо [Матн]: китоби дарсӣ / Қ. Авғонов, Г. Маҳмудов; муҳаррир М. Юсупова; зери назари Қ. Б. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2012. – 185 с.

93. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик [Матн] / С. Айнӣ. – М., 1926. – 448 с.

94. Анҷумани коркунони китобхонаҳо [Матн]: сармақола // Маориф ва маданият. – 1960. – 29 сентябр.

95. Ахмедова, М. А. Книга получает прописку [Текст]: о респ. кн. палате / М. А. Ахмедова // Вечерний Душанбе. – 1973. – 21 июня.

96. Аҳмадова, М. Палатаи давлатии китобҳо [Матн] / М. Аҳмадова, А. Наҷмиддинов // Тоҷикистони Советӣ. – 1966. – 13 май.

97. Аҳмадова, М. Махзани дурдонаҳои мо [Матн]: роҷеъ ба Палатаи давлатии китобҳо / М. Аҳмадова // Занони Тоҷикистон. – 1966. – № 2. – С. 11.

98. Барсук, А. И. Библиографоведение в системе книговедческих дисциплин [Текст] / А. Барсук. – М., 1975. – 206 с.

99. Баъзе масъалаҳои китобшиносии тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / тарт. Р. Шарофов. – Душанбе, 1973. – 142 с.

100. Белан, В. Ҳусну кубҳи як раҳнамо [Матн] / В. Белан // Садои Шарқ. – 1974. – №7. – С. 155-156. – Тақриз ба кит.: Общественные науки в Таджикистане: указатель литературы / сост.: Д. Дисская, Х. Бузург-заде. – Душанбе: Дониш, 1973.

101. Беспалова, Э. К. История российской библиографии [Текст]: учебник по курсу "Библиографоведение. Общий курс" / Э. К. Беспалова; Московский гос. ун-т культуры и искусств. – М.: МГУКИ, 2006. – 114 с.

102. Библиография: Общий курс [Текст]: учебник / под ред. О. П. Коршунова. – М.: Книга, 1981. – 512 с.

103. Библиографияи тавсиявӣ дар китобхонаҳои оммавӣ [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо дар бораи таҷрибаи пешқадам / тарт.: Б.А. Смирнов,

И.Б. Теплицкая; аз русӣ тарҷ. А. Юнусов; муҳ. И.С. Норкаллаев. – Душанбе, 1975. – 120 с.

104. Библиографишиносии Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 1981. – 99 с.

105. Библиографишиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 1 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 1] [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир М. Алиев. – Душанбе: Кайҳон, 2018. – 208 с.

106. Библиографишиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 2 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 2] [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Қ. Б. Бӯризода; муҳаррирон: М. Алиев, О. Титова. – Душанбе: Кайҳон, 2019. – 320 с.

107. Библиографишиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 3 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 3] [Матн] маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Қ. Б. Бӯризода; муҳаррирон: М. Алиев, О. Титова. – Душанбе: Кайҳон, 2020. – 316 с.

108. Библиографишиносӣ ва китобшиносӣ дар Тоҷикистон. Китоби 4 [Библиографоведение и книговедение в Таджикистане. Книга 4] [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттибон ва муаллифи пешгуфтор С. Нодирзода, М. Баёнӣ; муҳаррирон: С. Пиров, О. Титова. – Душанбе: Аржанг, 2021. – 320 с.

109. Библиотеки Таджикистана [Текст]: справочник / сост. Л. Г. Козырева; ред. Р.М. Кочкионова. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 112 с.

110. Библиотечная энциклопедия [Текст] / Рос. гос. б-ка. – М.: Пашков дом, 2007. – 1300 с.

111. Библиотечное дело [Текст]: терминологический словарь / Рос. гос. б-ка. – 3-е изд., значит. перераб. и доп. – М., 1997. – 168 с.

112. Брискман, М. А. Основы методики составления библиографических указателей [Текст]: учеб. пособие / М. А. Брискман, М. П. Бронштейн. – 2-е изд. –М., 1974. – 84 с.

113. Бобоҷонов, Р. Ганҷинаи матбуоти тоҷик [Матн]: оид ба Палатаи давлатии китобҳои РСС Тоҷикистон / Р. Бобоҷонов // Занони Тоҷикистон. – 1975. – № 8. – С. 11.

114. Бобоҷонов, Р. Махзани ганҷ [Матн]: оид ба Палатаи давлатии китобҳои Тоҷикистон / Р. Бобоҷонов // Маориф ва маданият. – 1976. – 15 июн.

115. Буриев, К. Б. Из истории развития государственного учреждения Дом книги Таджикистана [Текст] / К. Б. Буриев // Вестник культуры: научно-аналитическое издание. – 2016. – № 1 (33). – С. 42-53.

116. Буриев, К. Б. История таджикской библиографии: с древнейших времён до конца 80-х гг. XX века [Текст] / К. Б. Буриев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 176 с.

117. Бурханова, З. Жемчужина мудрости: о Книжной палате Таджик. ССР [Текст] / З. Бурханова // Коммунист Таджикистана. – 1968. – 21 января.

118. Бӯриев, Қ. Таърихи библиографияи кишоварзӣ [Матн] / Қ. Бӯриев. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 176 с.

119. Бӯриев, Қ. Б. Таърихи библиографияи тоҷик (аз замонҳои қадим то ибтидои асри XXI) [Матн] / Қ. Б. Бӯриев; муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2017. – 260 с.

120. Вопросы развития таджикской национальной библиографии [Текст]: материалы республиканской научно-теоретической конференции (октябрь 1970 г.) / Государственная республиканская библиотека Таджикской ССР им. Фирдоуси. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 95 с.

121. Вишневский, А. Я. Шаги таджикской полиграфии [Текст] / А. Я. Вишневский. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 120 с.

122. Вохрышева, М. Г. Теория библиографии [Текст]: учеб. пособие / М. Г. Вохрышева. – Самара: Изд-во СГАКИ, 2004. – 368 с.

123. Вохрышева, М. Г. Библиографическая деятельность [Текст]: структура и эффективность / М. Г. Вохрышева. – М., 1989. – 199 с.

124. Ганҷинаи фарҳанг [Матн]: ҷашннома бахшида ба 70-солагии Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Эҷод, 2004. – 136 с.

125. Гречихин, А. А. Библиографоведение [Текст]: возникновение и особенности формирования / А. А. Гречихин. – М., 1988. – 93 с.

126. Гречихин, А. А. Общая библиография: теоретико-методологические основы [Текст]: учеб. пособие / А. А. Гречихин. – М., 1990. – 108 с.

127. Гуломшоев, С. А. История библиотечного дела на Памире [Текст] / С. А. Гуломшоев; под ред. Х. Пирумшоева. – Душанбе, 2009. – 218 с.

128. Деятельность учреждений культуры и искусств Таджикской ССР в годы Великой Отечественной войны [Текст]: тезисы научно-теорет. конф. посв. 40-летию победы советского народа в Великой Отечественной войне (1941-1945 гг.), 25-26 апреля 1985 г. / ред.: Р.Д. Джураев, Д.Р. Раджабов, А.Х. Рахимов. – Душанбе, 1985. – 45 с.

129. Дун, А. Библиография о Мирзо Турсун-заде [Текст] / А. Дун // Ленинабадская правда. – 1972. – 11 августа. – Рец. на кн.: Мирзо Турсун-заде. Библиогр. указатель. – Душанбе: Дониш, 1972.

130. Дун, А. Знание библиографии необходимо каждому [Текст] / А. Дун // Ленинабадская правда. – 1971. – 13 октября.

131. Дун, А. Новый труд таджикских библиографов: [О библиографии произведений С. Айни и литературы о нем до конца 1961 г. Душанбе, 1963] [Текст] / А. Дун // Изв. АН СССР. Серия литературы и языка – 1965. – Т. 24. – Вып. 3. – С. 261-262.

132. Дун, А. На многих языках, на всех широтах [Текст] / А. Дун // Ленинабадская правда. – 1971. – 11 мая. – Рец. на кн.: Белан В. Таджикская советская литература в социалистических странах (1948-1970). – Душанбе: Ирфон, 1971.

133. Дун, А. З. Продожение полезного труда [Текст] / А. З. Дун // Ленинабадская правда. – 1973. – 23 августа. – Рец. на кн.: Белан В. Г.

Таджикистан в литературе на иностранных языках (1966-1970). – Душанбе, 1972. – 378 с.

134. Дун, А. Равная среди равных [Текст] / А. Дун // Ленинабадская правда. – 1974. – 8 октября. – Рец. на кн.: Мурзинская, А. И Равная среди равных: рек. указ. лит-ры. – Душанбе, 1974. (Б-ка им. Фирдоуси).

135. Дун, А. Путеводитель по журналу [Текст] / А. Дун, Ю. Салимов // Ленинабадская правда. – 1974. – 6 марта. – Тақриз ба кит.: Турсунова, Л. В., Тоштемурова Ш. Феҳристи журнали «Садои Шарқ». – Душанбе: Дониш, 1973.

136. Дун, А. Ҳусну қубҳи як феҳрист [Матн] / А. Дун // Садои Шарқ. – 1973. – № 11. – С. 155-157. – Тақриз ба кит.: Адабиёти бадеии тарҷумашудаи халқҳои СССР ба забони тоҷикӣ. (1926-1965). Феҳрист. – Душанбе. – 1972.

137. Дун, А. Ценный библиографический указатель [Текст] / А. Дун // Ленинабадская правда. – 1969. – 29 августа. – Рец. на кн.: Белан, В. Таджикистан в литературе на иностранных языках (1961-1965 гг.). – Душанбе, 1969.

138. Жбрыкунова, А. Ваш помощник – библиография [Текст] / А. Жбрыкунова // Кулябская правда. – 1976. – 9 сентября.

139. Ибрагимов, С. В книжной палате республики [Текст] / С. Ибрагимов // Коммунист Таджикистана. – 1960. – 13 декабря.

140. Иброҳимов, С. Ҷашни ганҷинаи дониш [Матн]: Палатаи китобҳои РСС Тоҷикистон / С. Иброҳимов, А. Наҷмиддинов // Маориф ва маданият. – 1967. – 12 август.

141. Из истории культурного строительства в Таджикистане 1924-1941 гг. [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1966. – Т.I. – 672 с.

142. Из истории культурного строительства в Таджикистане 1945-1972 гг. [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1972. – Т.2. – 512 с.

143. Изатова, М. К. История развития библиотечных учреждений в Кулябской области в советский период [Текст] / М. К. Изатова // Вестник Национального университета. – 2018. – № 9. – С. 158-163.

144. Имамов, А. Развитие библиотечного дела в Таджикистане [Текст] / А. Имамов // Коммунист Таджикистана. – 1961. – 29 января.

145. История культурного строительства Таджикистана [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1979. – Т.1. – 284 с.

146. История культурного строительства Таджикистане (1917-1977 гг.) [Текст]. – Душанбе: Дониш, 1983. – Т.2. – 472 с.

147. История таджикского народа. Т.VI: Новейшая история (1941 – 2010 гг.) [Текст]. – Душанбе: Империал-групп, 2011. – 688 с.

148. Итоги и перспективы развития библиотечного дела в Таджикистане [Текст]: материалы науч.-практ. конф. библиотечных работников Тадж. ССР, посвящ. 50-летию образования СССР (март, 1973 г.) / ред.: Р. Кочкионова, Л. Тибилова, С. Трофимов. – Душанбе, 1975. – 128 с.

149. Китобхонаи ба номи Фирдавсӣ – 50 сола [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / мураттиб Л.Г.Козырева. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 158 с.

150. Китобхонаи марказии шаҳрии ба номи А. Лоҳутӣ [Матн]: маълумоти мухтасари фаъолият / мураттибон: Қ. Ёров, Ё. Муҳаммад; муҳаррир Ҷ. Раҷабов. – Душанбе, 2014. – 46 с.

151. Китобхонаи миллии Тоҷикистон [Матн]: ҷашнснома / таҳия ва виростории Р. Шарофзода. – Душанбе, 1993. – 96 с.

152. Китобхонаҳои Тоҷикистон [Матн]: аз таҷрибаи кор. – Душанбе, 1965. – 36 с.

153. Китобхонашиносӣ ва библиографияи Тоҷикистон [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / тарт. Р. Шарофов. – Душанбе, 1977. – 108 с.

154. Китобхонашиносӣ. Библиография. Таърихи китоби тоҷик [Матн]: маҷмӯаи мақолаҳо / муҳаррирон: С. Н. Ғоибназаров, А. Ю. Юнусов, Л. Г. Козырева. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 143 с.

155. Книжной палате – 40 лет [Текст]: о Книжной палате Таджикской ССР // Коммунист Таджикистана. – 1974. – 12 ноября.

156. Коготков, Д. Я. Библиографическая деятельность библиотеки: организация, управление, технология [Текст]: учебник / Д. Я. Коготков;

науч. ред. д-р пед. наук Г. В. Михеева: под общ. ред. д-ра пед. наук О. П. Коршунова. – СПб.: Профессия, 2003. – 304 с.

157. Козырова, Л. Г. Библиотеки и библиотечное дело Таджикистана [Текст]: 100 ответов на один вопрос / Л. Г. Козырова. – Душанбе, 1990. – 255 с.

158. Козырева, Л. Г. Книжное дело Таджикистана [Текст]: библиограф. указатель / Л. Г. Козырева. – Душанбе, 1980. – 302 с.

159. Комилзода, Ш. Библиографияи адабиёт барои кӯдакон ва наврасон [Матн]: мавод барои омӯзиши фан / Ш. Комилзода; зери назари Қ. Бӯриев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 128 с.

160. Комилзода, Ш. Китобхонаи миллии Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз [Матн]: дастури таълимӣ барои мактабҳои олӣ / Ш. Комилзода. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 196 с.

161. Комилзода, Ш. Ташаккули фарҳанги китобдорӣ-иттилоотии хонандагон [Матн]: дастур барои китобдорон / Ш. Комилзода. – Душанбе: Истеъдод, 2012. – 64 с.

162. Комилов, М. Инъикоси осори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар библиографияи тоҷик [Матн] / М. Комилов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2019. – №3 (66). – С. 195-204.

163. Комилов, М. Марҳилаҳои рушди китобхонаҳои Тоҷикистони шуравӣ [Матн] / М. Комилов // Паёмномаи фарҳанг. – 2019. – №3 (47). – С.64-74.

164. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаби татбиқи он [Матн]: маҷмӯаи мақолоти мизи мудаввар (Душанбе, 20 ноябри соли 2007) / мураттиб ва муҳаррири масъул Ҷ. Шерматов. – Душанбе: Эҷод, 2007. – 144 с.

165. Коршунов, О. П. Библиографоведение: общий курс [Текст]: учебное издание / ред. Е. А. Масалитина. – М.: Книжная палата, 1990. – 232 с.

166. Коршунов, О. П. Библиография [Текст]: Теория. Методология. Методика / О. П. Коршунов. – М., 1986. – 287 с.

167. Кукушкина, Р. А. Для исследователей творчества. – М. Турсунзаде [Текст] / Р. А. Кукушкина // Коммунист Таджикистана. – 1972. – 20 августа. – Рец. на кн.: Мирзо Турсун-заде. Библиогр. указатель. – Душанбе: Дониш, 1972.

168. Курбанов, А. Книжной палате – полвека [Текст] / А. Курбанов // Коммунист Таджикистана. – 1986. – 9 января.

169. Курбанов, К. Опираясь на опыт друзей [Текст]: о развитии библ. дела в республике / К. Курбанов // Библиотекарь. – 1972. – № 12. – С. 20-22.

170. Қурбанов, А. Панҷоҳ соли пуршараф [Матн]: ба муносибати 50-солагии Палатаи дав. китобҳои республика / А. Қурбанов // Адабиёт ва санъат. – 1986. – 23 январ.

171. Лейви, Д. С. Путеводитель по библиографии республики [Текст]: из опыта работы над указателем «Библиография библиографий Таджикистана» / Д. С. Лейви // Сов. библиография. – 1967. – № 5. – С. 33-39.

172. Майо-Знак, Э. Все, что издано, хранится вечно [Текст]: о Всесоюз. книжной палате // Коммунист Таджикистана. – 1972. – 22 августа.

173. Мальцев, Ю. Таджикистан в зарубежной литературе [Текст] / Ю. Мальцев // Коммунист Таджикистана. – 1973. – 3 августа. – Рец. на кн.: Белан, В. Таджикистан в литературе на иностранных языках. 1966 - 1970. – Душанбе, 1973.

174. Мамадазимова, М. Национальная библиотека Таджикистана [Текст] история становления и развития (1933-1993 гг.) / М. Мамадазимова. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 224 с.

175. Маводҳои роҳбарикунанда оид ба кори китобхонаҳои марказонидашуда [Матн] / тарт. ва мутарҷим Ҳ. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 256 с.

176. Махзани маърифат [Матн]: дастури таълимӣ барои донишҷӯён / мураттибон: Б. С. Холов, Г. Б. Маҳмудов. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 64 с.

177. Махмудов, Г. К вопросу изучения государственной библиографии в свете новых требований [Текст] / Г. Махмудов // Культура и личность в свете обновления общества. – Ташкент, 1991. – С. 69-71

178. Махмудов, Г. Состояние текущей государственной библиографии в Таджикистане [Текст] / Г. Махмудов // Тезисы научно-практической конференции молодых учёных и специалистов (13-14 апреля 1989 г.). – Душанбе, 1989. – С. 98-99.

179. Маҳмудов, Г. Библиографияшиносӣ [Матн]: китоби дарсӣ / Г. Маҳмудов, Қ. Ғуломзода. – Душанбе: Истеъдод, 2019. – 232 с.

